БАХТИЁРИ ҚУТБИДДИН

РӮҲИ ХИРОСИМА

ББК 72.3+84 тоҷик7-4
Қ-94

Муҳарири масъул:
профессор **А.Саъдуллоев**

Қ. Бахтиёр.
Рӯҳи Хиросима.-Душанбе, 2011, 128 саҳ.

Дар ин маҷмӯаи лавҳаю ёддоштҳо, баъзе мушоҳидаву таассуроти муаллиф аз сафари кишвари Япония баён гардида, ҳамзамон андешаҳои алоҳида дар атрофи баъзе шаклҳои гуногуни ВАО ва макотиби олии ин кишвар фароҳам омадаанд.

АЗ КАНОР ВА БА ҶОИ ОҒОЗ

Дунёи зиндагӣ қоидаву қонунҳои худро дорад, ки он бузургтару муҳимтару таъсирноктар аз ҳама дигар қонунҳост. Ин қонуну қавоид ба ивази ҳар навъ амалу заҳмату талош ба кас ҷазо, сазо ва подоши худро медиҳад. Инро бештари одамон чашмдор нестанд ва ҳамагӣ ғайричашмдоштанд, ки онро замзамаи оҳанги тақдир меноманд ва ба ҳар омадаву наомадаву каму беш, шукрона аз даргоҳи Ҳақ менамоянд. Саодат шояд ҳамин бошад ва шояд он бошад, ки баъзеҳо дунболи тақдирсозӣ шабу рӯз метозанд.

Сафар ба кишвари Япония дар гӯшаи хаёлам ҳам ҷой надошт. Онро нахуст аз хати кашидаи тақдир медонам. Ё чун ишораи боло, шояд бар ивази заҳмате Худованд ризо гашта буд, ки ба он сафар мушарраф гардам. Пеш аз сафар баъзеҳо ҳар гуна воҳимаву гумонҳои манфиро баён мекарданду маслиҳат медоданд, ки беҳтараш наравам. Гӯё як моҳ дар онҷо азоби сахтро мекашему бемор мешавему фалону бисмадон... Рӯзе шарикдарси айёми донишҷӯиям Асадулло Раҳмонро, ки як сол пеш тариқи ҳамин барнома ба Япония сафар карда буд, дида, аз ӯ пурсидам, ки ҳамин сафар чӣ азоб дорад? Асадулло, ки зарифтабъ аст, хандиду як латифаи аҷоиб вобаста ба ин ҳолати ман гуфт ва

таъкид намуд, ки имкони хуб асту рафтан гирам. Чор-панҷ нафар қабл аз ман пешниҳод шуда будаанду ҳуҷҷат омода карда будаанд. Қиссаи рафтану нарафтани онҳоро намедонам, вале рӯзе аз раёсати ДДМТ хоҳиш карданд, ки ба таври фаврӣ фалон-фалон ҳуҷҷатҳоямро омода намоям. Бовар ба рафтани худ надоштам ва меандешидам, ки мани деҳотӣ куҷову ба кишвари хориҷии дур бо беҳтарин шароитҳо рафтани ман куҷо? Аммо ба шафофияти интихоб то дараҷае бовар ҳосил намудам. Махсусан аз шӯъбаи равобити байналмилалии ДИПҶТ он вақт дар симои Меликшо Неъматов ва Ҳасан Раҷабов миннатпазирем, ки бо ҳамагон кӯмаки худро мерасониданду ҳамаро бо як чашм менигаристанд ва дар миёни ҳамаи мо ягон тафовути сунъие ҷой надошт. Баъдан дар сӯҳбати охирине, ки корманди масъули ДИПҶТ А. Азизов бо мо дошт дарк намудам, инсофу адолат дар интихобу равон кардани мо ҳукмрон аст. Зеро он кас ба ашхосу масъулони шӯъба эрод гирифта буд, ки чаро аз фалон минтақа дар ҳайати мазкур намоянда нест? Ҳамчунон дастуру дуову таъкидҳои он кас ба таври куллӣ хайрхоҳонаву падарона буданд ва барои мо дар навбати аввал дӯст доштани ватану диёрро орзӯ намуд. Баъдан ҳамкории судманди ҲҶТ ва ташкилоти ЛІСА-ро ҳанӯз дар оғоз қайд менамоем, ки муфиду самарабахш мебошанд.

Инҷо шарт намедонем, ки мисолу далелҳои гуногунро аз ин робитаҳо пеш орем.

Мақсаду ҳадафи ҳар як сафаркунанда таввассути ин барнома гумон мекунем, ки сайру тамошои хушку холӣ нест. Ҳамасола барномаҳои гуногуни JICA дар ҳамкорӣ бо сохторҳову идораҳои ҳукуматӣ тарҳрезиву амалӣ мегарданд, ки гумон мекунам ҳадаф аз онҳо манфиати умумии ҷомеа мебошад. Чанд соле қабл ҳайати бистнафараи мо бо тахассусҳои гуногун тӯли қариб як моҳ дар кишвари Япония қарор дошт ва боз гумон мекунем, ки ҳеҷ кадоми мо аз онҷо холӣ барнагаштааст. Бо донишҳо, таҷрибаҳо, ҷаҳонбиниҳо ва ҳеҷ набошад, баъзеҳо бо худ чанд аробачаи маъюбиро барои касалмандони мӯҳтоҷ бо худ аз он роҳи дур бардошта оварданд.

Дар ин сафаре, ки доштем, ҳамчун рӯзноманигор ва ҳамчун устоди донишгоҳ якбора зимни ҳар як бахши барнома ду бардоштро ҳосил мекардам. Якум он чизе, ки вобаста ба таҳсилу макотиби олии ин кишвар буд ва дуюм ҳамчун журналист бузургтарин идораҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ва радиову телевизионҳоро аз наздик медидаму бо кормандону намояндагони он аз наздик сӯҳбатҳо менамудам. Бароям тассуроти нахустин вобаста ба пешаи устодӣ ва таҳсил он аст, ки дар Япония устод ҳам донишҷӯст. Устоди макотиби олии ин

кишвар бо он қаноатманд аст, ки агар ҳамқадам ва ҳатто пештози замон бошад ва аз омӯхтан ҳеҷ гоҳе ор надорад. Ӯ доимо дар гардишу ҷустуҷӯст. Барои устоди бонуфузтарин донишгоҳи ин кишвар молу сарвату хонаву мошин дигар ҷоҳу ҷалол дуюмдараҷаву сеюмдараҷа аст. Профессори донишгоҳро медидем, ки бо велосипед дар ҷои кораш ҳозир мегашт. Чанд сол дар як донишгоҳ ва чанд соли дигар аз рӯи тақсимоту таъиноти давлатӣ дар донишгоҳи дигар ба тадрис машғул мегардад. Дар хусуси ВАО бошад, ҳамин қадар гуфтан мумкин аст, ки «мо ҳанӯз дар хами як кӯчаем». Таъбири «соҳибииттилотӣ - соҳибҳокимиятист»-ро дарк кардан мумкин аст, ки аз куҷо сарчашма мегирифтааст? Маънавиёти баланд ва маърифати шоистаи аҳли ҷомеа боиси пешрафти ВАО мебошад. ВАО ҳам манбаи сармоя асту ҳам манбаи донишу маънавиёт ва ғолибиятро ин мардум дар он медонанд, ки агар бештару пештар воқиф бошанд.

Ин сатрҳоро дар лаҳзаҳое менависам, ки дар ДМТ гардишҳои куллие ба миён омадаанд. На ҷои таърифу тавсиф ва на ҷои тамаллуқест, ки ректори донишгоҳи бузургтарини ҷумҳурӣ Нуриддин Саидов тавонист, ки дар давоми ҳамагӣ 2-3 сол таҳаввулоти ҷиддиеро ба миён орад. Ректорҳо мераванд, муаллимон дигар мешаванду замонҳо мегузаранд ва донишгоҳ чун сарвату моли миллату халқ боқӣ мемонад. Ва аҳсан ба он нафароне, ки

барои нигаҳдошту ҳифзу афзунии молу сарвати миллат талош доранд. Бояд ҳамагон қоил бошем, ки донишгоҳи миллӣ аз замони истиқлол то чанде пеш ноҷунбон боқӣ монда буд ва акнун симои ба ҳақ миллии худро намоёнтар сохта истодааст. Аз роҳрави оддӣ оғоз карда, то биноҳои панҷошёнаи таълимӣ бо дастгирии ҲҶТ ва талошҳои раёсати ДМТ дар кӯтоҳтарин мӯҳлат тармиму бунёд гаштанд. Шаҳраки донишҷӯён ё собиқ «Ҷазира»-маъруфи дар тобистону тирамоҳ сӯхтаву хушк имрӯз муаттару сабз аст. Дохили биноҳои таълимӣ тармиму муҷаҳҳаз бо ҳама ҷиҳози замонавии таълим гашта истодаанд. Дар соли 2005 тахтаи электрониро дар донишгоҳҳои Япония медидаму ҳавасам меомад, ки дар мо кай ин чиз пайдо мешуда бошад. Слайдсозиву кор бо қалами ба қавле «сеҳрнок»-ро онҷо медидаму дар инҷо пайдо шуданашро дар солҳои наздик гумон ҳам намекардам. Хушбахтона он ки дар донишгоҳи мо имрӯз тахтаи электронӣ чизи муқарарӣ ва мутаассифона он ки баъзе устодон ба маънии томаш аз он мегурезанд. Чанд соле қабл дар донишгоҳ ҳамагӣ чанд нуқтаи васли компютерҳо бо Интернет маълум буд ва аксарият маблағи муайян пардохт намудаву кори худро дар берун анҷом медоданд. Акнун шукр, ки дар ҳар факулта синфхонаҳои компютерӣ ба хати Интернет васлу фаъол мебошанду дар бораи нархи вақт касеро ташвиш нест ва ҳатто донишҷӯ соатҳо бо Интернет

сару кор мегираду касе намегӯяд, ки «вақт бисёр сарф гашт». Комёбиву муваффақиятҳо зиёданд ва дар ҳақиқат онро мо таҳаввулот номида метавонем. Акнун устод Нуриддин Саидовро лозим аст, ки барои ба вуҷуд омадани таҳаввулоти дигар кадамҳои устувори худро гузорад. Ин таҳаввулоти ақлҳо, фикрҳо, андешаҳо ва ахиран донишҳост. Замоне фаро расидааст, ки олимнафарони алоҳидаи шахшудаи дар кунҷи ғайбатхонаҳо қароргирифта, аз макони худ берун оварда шаванд. Ба бадгӯиву бад сохтану «чоҳ канданҳо»-и баъзе ёвагӯҳову ғаразпешаҳое, ки таълиму тадрису таҳқиқро фаромӯш кардаанд, нуқта гузошта шавад. Бигзор ин гуна афрод ба омӯзишу ба таълим фаро гирифта шаванду дарк намоянд, ки «дегу кафлесу табақ»-ашон фарсуда шудааст рӯзе фурӯ мерезанд. Бигзор ин гуна афрод ва умуман ҳамагон фаҳманд, ки бо гуфтаҳои хушку холӣ хонаи хасин ҳам сохта наметавонем. Фазое бояд ба миён ояд, ки шахси шоистаро дигарон гӯянд, ки шоиста аст. На он тавре бошад, ки нафаре аз минбарҳо «фариштаву забардаст» буданашро такрор ба такрор эълон дораду мадҳиясароии худро намояд. Ё ба «экспортилми интернетӣ»-и баъзеҳое, ки то кучо давидану рафта расиданашон низ маълум нест, нуқта гузошта шавад. Барои пиёда гаштани ин ҳадафҳо гумон мекунем, ки бешак ҳамон таҳаввули ақлониву фикрӣ ва омӯзишу ҷаҳонбинии фарохтаре

бузургтарин нақш дорад. Ҷой доштани виҷдону имон бошад, болотар аз ҳама дигар нақшҳост.

Аксари олимони даврони шӯравии мо парвардаҳои марказҳои бузурги илмии Маскаву Ленинграду Киеву дигар шаҳрҳои овозадори собиқ ИҶШС буданд. Аз онҳо мо зараре надидаем ва то ҳол аз онҳо баҳра низ мебарем. Бахши равобити байналмилалии донишгоҳ баъзе иқдомҳоеро амалӣ намудааст ва аз ҷумлаи устодону донишҷӯёну аспирантон дар хориҷи кишвар донишу таҷриба меандӯзанд. Аммо ин оғози кор ва дар баробари ин ниҳоят каму ночиз мебошад. Вақте сабку усули бахшидани донишро ба ҷавонон дар баъзе кишварҳо мебинем, ростӣ дар ҳақиқат аз варақҳои зардшудаи лексияҳои дар дастамон қарордошта шармамон меояд. Дар асри бисту як фаромӯш кардаем, ки устод аз донишҷӯ низ меомӯзад. Дар Япония барин кишвар устод аз кашфиёту дарёфти илмии шогирдаш, ки баъзан арзиши баланд дорад, маҳзун намегардад, ки шогирдаш бо лаёқату номӯси баланд соҳибмақом мегардад. Орзӯи онро намекунад, ки шогирдаш дар мусоҳибаҳо қайд кунад, ки шогирди «Эшбоев Тошбой» ҳастам ва худ низ дар ҷое «китфак ҷунбонида» қайд намекунад, ки фалон дарёфтро шогирди банда муваффақ гаштааст. Ё аз пешрафти ҳамкасби худ маъюс намегардаду ба ҳар дари худиву бегона рафта, хати батлон боли нафаре намекашаду худро ҳамчун сарҳанги илму донишу эҷод пардоз намедиҳад.

Балки мегӯяд: «Ҳар чӣ Ману Алию Валӣ мекунем, барои манфиати ҷамъият мекунем». Яъне ҷамъият, ки бошад дар он манфиати ҳама ҳаст: «Ман ҳам, Алӣ ҳам, Валӣ ҳам».

Барои мо омӯхтан аз кишварҳои хориҷии дур мушкилтару дастнорастар мебошад. Маскаву Ленинграду Киевро ба он ваҷҳ зикр намудем, ки имрӯз забони осону дастрас барои мо забони русӣ мебошад. Сарвари давлат-Эмоалӣ Раҳмон бартариву афзалияту омӯзиши забони русиро пайваста таъкид менамояд, ки ин бесабаб нест. Тули ҳафтод сол ба мо ин забонро ба таври оммавӣ омӯхтанд ва бо ин забон мо метавонем, имрӯз ба дунёи илм ворид шавем. Мисоли он ки дарёи бузург киштиро ба сӯи баҳру уқёнусҳо мебарад, забони русӣ низ имрӯз барои мо ҳамин вазифаро иҷро карда метавонад. Забони англисӣ ба гумон аст, ки дар мӯҳлатҳои наздиктарин барои мо ба забони илм табдил ёбад.

Дар миёни халқ андешаву мақоле ҳаст, ки оби дар як ҷо қарористодаи кӯлмак хеле зуд гандидаву фасод мегардад. Фасод бошад ҳама чизи номақбулу манфиро ба бор меорад. Аз ин рӯ бисёр муфид мебуд, ки раёсати имрӯзаи ДМТ устодонро барои омӯзиши таҷрибаву сайқал додани донишҳо ақаллан ба донишгоҳҳову марказҳои илмии Русияву Қазоқистону Украина ҳар сари чанд вақт равон намояд. Ҳатто ба таври силсилавию ба таври иҷборӣ равон намояд. Табодули устодон дар

макотиби олии кишвар низ ногузир аст. Мо бисёр алоқаву робитаҳоро истисно наменамоем, аммо чун донишгоҳ имрӯзҳо ба қавле чун бемори шифоёфтаистода ба по хестаасту имкони молиявии хубро соҳиб гаштааст, фикр мекунем, ки бо ин роҳ худро «табобати комплексӣ»-и хубе низ карда метавонад. Дар самти донишҳои комютериву забондонии устодон ва даст кашидан аз баъзе «усулҳои бобоӣ», ки бо замона ҳамоҳанг нестанд, анҷом додани баъзе иқдомҳо аз ҷониби раёсати имрӯзаи ДМТ қобили таваҷҷӯҳанд ва ба қавле «пирях ба ҳаракат даромадааст». Чунин меандешам, ки амалишавии гуфтаҳои болоро ояндаи начандон дур ҳамагон шоҳид мешавем.

Мехоҳам инҷо дар мавриди таълифи маҷмӯаи мазкур чанде андешаҳоро баён намоем. Сабаби асосии таълиф он аст, ки ҳамаи мӯҳтаво хотира мебошанд ва хотира умри муваққатӣ надорад. Яъне маълум, ки дар хотираву ёддошт фаврият нест. Албатта дар бораи Япония барин кишвари пешрафта, вобаста ба соҳаҳои гуногуни он дар такя бо факту рақамҳои бешумор ҷилд-ҷилд китобҳо навиштан мумкин аст. Вале он чи дар инҷо пеш овардаем, бештар мушоҳидаҳоест, муаллифи ин сатрҳо бо қадри тавони худ онҳоро сабт намудааст. Эҷодокоре, ки ақаллан ду калимаеро паи ҳам ҳамел кашада метавонад, аз ҳар дидаву шунидаву мушоҳидаи худ чизе сохтан мехоҳаду гуфтан мехоҳаду таъкид кардан мехоҳад. Зиёд истифода

намудан аз услуби нақл ва зуҳури «мани муаллиф» дар нигоштаҳои мазкур низ ба ҳамин хотир аст. Рисолати фарди ба воқеият сару кор дошта ҳамин аст ва ӯ афсона намегӯяд, ки хонанда баъзан бо қазовати худ ҷонибдории деви сафедро намояд, ки ӯ «сафеду пурқувват аст ва метавонад, ки кӯҳро зада талқон намояд». Баъзан аз эҷодкорони ҷавони донишҷӯ талаб мекунем, ки лавҳаю очерку мушоҳидаҳои худро нависанд. Масалан дар бораи дар растаи гулфурушӣ чиро мушоҳида карданашон, ё дар бозори фуруши телефонҳо дар бораи лаҳзаҳои ҷолиби дидаашон чизе нависанд. Албатта онҳое, ки истеъдоди эҷодкорӣ доранд, бо осонӣ аз ӯҳдаи иҷрои супориш мебароянд, вале онҳое, ки дар оғози роҳ қарор доранд, чунин савол медиҳанд: «Чӣ кор кунем, ки навишта тавонем?». Ба зоҳир осонтарин савол аст, вале ба умқ мушкилтарин. Ин монанд ба мисоли пешовардаи як адиби шинохтааст, ки дар он як кӯдак аз бобои мӯйсафеди худ пурсидааст: «Бобоҷон! Вақте хоб меравед, ришатон дарун аз кӯрпа мемонад ё берун аз он?». Бинобар ин чанде аз лавҳаю ёддоштҳоеро, ки фароҳам овардаем, аз як ҷониб як гунаи қолабу доираи навиштани дидаву мушоҳидаҳост, ки барои эҷодкори ҷавон пешкаш мегардад.

Ҳамзамон бояд таъкид намоям, ки иншои ин чанде аз лавҳаю ёддоштҳо чун арзи сипос ба хотири кишвари дар ҳақиқат бузурги Япония аст. Махсусан аз кормандону масъулини ташкилоти JICA натанҳо

ман, балки тамоми аъзои гурӯҳи бистнафараамон миннатпазир мебошем, ки барои омӯзишу таассуроту саёҳати мо ташвиши зиёдеро кашида буданд. Муассиртарин нуқта барои мо дар ин сафар аз шаҳри Хиросима дидан намудан буд. Лаҳзаҳои бештари ҷолибу ҳузнангез маҳз аз ин шаҳр бароямон зиёдтар дар хотир нақш бастааст. Зеро то ҳанӯз Хиросима гиряи маҳзуну хомӯш дорад ва аҳли башариятро ба инсофу адолату сулҳ даъват менамояд. Барои ҳамин ҳам унвони ин маҷмӯаи ёддошту лавҳаҳои мухтасар чун рамзи сулҳҷӯёнаи халқи Япония «Рӯҳи Хиросима» гузошта мешавад.

БАҲОРИ ДИЛ

Оғози баҳори диёри мо бо зоҳири худ ба нишондоди тақвими мелодӣ, яъне якуми март, бо он ки сардии зимистон домани худро ҳанӯз пурра ҷамъ насохтааст, чандон ба таври комил мувофиқ нест. Наврӯзи аҷдодӣ дар ҳақиқат баҳори ҳақиқиро бо худ меорад ва ба ҳар ҳол бо таровати махсус ба сарзаминамон қадам мениҳад. Сабза дар талу теппаҳо медамад, боронҳо гарму гуворо мешаванд, чун нахустин арғувон гули сияҳгӯш мешукуфаду гули бодом бо сурхиву сафедиҳояш гӯё ба оро додани арӯси нозанине, ки баҳори нозанинфаслаш меномем, шурӯъ менамояд. Нафаси аслии баҳор ба охирҳои моҳи март рост меояд, ки домани

шаҳомати наврӯзӣ ҳанӯз дар паҳноҳои диёрамон густурдааст ва шукрона, ки зодрӯзам ба ҳамин рӯзҳои пурнакҳат рост меояд. Умр бехабару хомӯшу ноаён мегузарад ва кош садое аз хомӯшиҳо дари хонаи дилҳоро ҳар лаҳза мекӯфту мегуфт, ки «…ҳой мусофир! Инак як соат, як рӯз, як моҳ, як сол аз мӯҳлати буду ҳастиат гузашт…».

Шаби пурандешаи баҳорӣ, ки барои гирифтани дуои волидайн дар зодгоҳам қарор дорам, даруни ҷогаҳи хоб ҳамин тариқ аз ҳар хусус фикр мекунам ва маълум, ки агар шахсро олами фикр ба худ бештар печонида гирад, ё ҳаяҷону ташвише дошта бошад, хоби пурроҳат рафтанаш ба гумон аст. Субҳи содиқ бо дасти дуои модар ҳамроҳи падар роҳи Душанбешаҳрро пеш гирифтем. Кӣ мегӯяд, ки пеш аз сафару ҷудоиҳо ҳангоми дуои модар, ки дар чашмонаш ашк ҳалқа мезанаду бо нигоҳи маҳзуну уммедвор ба фарзандаш менигарад, бетафовуту беҳисс аст? Шояд бошад ин гуна шахсе, ки парвое надошта бошад ва дар чи гуна сифат бахшидани ин гуна афрод шахсан банда мушкилӣ мекашам.

Аз нишастгоҳи ақиби мошин ноаён ба симои падар менигарам. Бо дӯсташ акои Ҳабибулло аз ҳар хусус сӯҳбат доранд. Назар ба қавли худашон аз даврони кӯдакиву наврасӣ бо акаи Ҳабибулло дӯсту ҳамсинфу рафиқанд. Дар ғаму дарду шодии якдигар шариканду ҳамеша якҷо мегарданд ва ҳатто якҷоя дар омӯзишгоҳ таҳсил намудаанду солҳои зиёд дар як коргоҳ якҷоя фаъолият намудаанд. Ҳозир

ҳамроҳи ӯст ва бо ҳам сӯҳбати самимӣ доранд. Ба дӯстии онҳо қоилам ва афсӯс мехӯрам, ки ман инчунин дӯстиву рафоқати шадид, ба ҷуз Фатҳуллои ҳамсинфам, ки кӯдакиву даврони мактабхониву донишҷӯиямон қариб якҷоя гузаштаасту охири солҳои навадум ба Русия рафта меҳру муҳаббати аврупоиро соҳиб шудааст ва дар давоми панч-шаш сол фақат як бор ӯро мебинам, бо касе надоштам ва надорам. Ба симои падар менигарам ва бо андаке тафаккур бо ғарқи олами андешаҳо фиребанда будани дунёро эҳсос менамоям. Гуё саҳифаҳоеро мебинам, ки аз он талошҳо, хастагиҳо, андешаҳо ва хаёлоти гуногунро мехонам. Ин на он симои пуртароватест, ки замони кӯдакиву наврасӣ медидам, балки симоест, ки пастиву баландиҳои зиндагӣ монанди сару рӯи хирманкӯбону бодгароне, ки баъд аз заҳмати сангини даруни чанги коҳу зери офтоби сӯзони тобистон ғубор дар рӯву мӯву абрӯ зери сояи дарахт мешитобанд дигараш сохтааст…

Агар бо мошини сабукрав бе таваққуф аз деҳаамон ба шаҳри Душанбе оям, якуним соат зиёдтар вақт сарф мешавад. Бо гузаштани ҳамин миқдор вақт ба фурудгоҳи пойтахт расидем. Гуселкунандагон кам набуданд. Гурӯҳи умумии мо дар навбати худ ба чор гурӯҳ тақсим мешавад. Ба қавле дар «гурӯҳи ВАО», ки чор нафар ҳастем, чандон гуселкунандагони пурсалобат надорем. Аммо дар гурӯҳи умумӣ баъзе босалобатҳову бо

баёни дигар сарватмандоне ҳастанд, ки барои гусели онҳо ашхоси ҷиддӣ омада буданд. Аз мошинҳои пурқимати хориҷӣ берун шудану бо камера онҳоро навор бардоштани пайвандону наздиконашон ба ин андеша гувоҳӣ медод. Бо дуои падар вориди фурудгоҳ гаштам ва ахиран дастафшону бо нигоҳҳо хайргӯён аз чашми ҳамдигар ғоиб шудем. Ҳанӯз аъзоёни гурӯҳ пурра ҳамдигарро намешиносем ва ҳангоми сӯҳбат бо ҳамдигар боэҳтиёт фосилаеро нигоҳ медорем. Дар канораи майдони фурудгоҳ «қаҳрии гургоштӣ» барин як-як аз ҳамдигар ягон чизи заруру нозарурро мепурсему боқӣ хомӯшем. Ҳавопаймои мо аз Душанбе ҷониби Хуҷандшаҳр боли парвоз кушод. Парвоз дар баландиҳо, махсусан дар ҳудуди диёру ватани худ кайфияти махсус дораду аҷиб аст. Кӯҳҳои дар фасли баҳор сафедкӯлоҳ, дарёҳои каҷу килеб, шаҳру ноҳияҳо ва дигар манзараҳои диёр бо нигоҳ аз баландиҳо гӯё дар худ асрори махсусеро нигоҳ медоранд. Дар ҳақиқат аҷиб аст ва ҳар бори парвозҳо ба худ меандешам, ки ин ҳам фалсафа аст, ки гӯё ҳозир аз дуриҳо, аз баландиҳо ба бозигаҳи зиндагӣ менигарам ва лаҳзае бошад ҳам, гӯё аз он бозӣ дуру беруншудаам. Хати сафари мо Душанбе-Хуҷанд-Тошкет-Токио мебошад. Тибқи маслиҳати сардори гурӯҳамон бояд аз фурудгоҳи Душанбе оғоз намуда, барои амният ва пайдо нашудани ташвиши зиёдатӣ дар ҳама ҷо якҷоя бошем. Дар фурудгоҳи Хуҷанд ду чиз бароям аҷиб

буд. Аввал он ки ҳангоми аз боҷхона берун шудан аз гурӯҳамон маро ва нафаронеро, ки галстуку либоси расмӣ надоштем хуб таҳқиқу кофтуков намуданд. Чун фаҳмиданд, ки мо низ аъзои гурӯҳи ҳукуматӣ ҳастем, баъд нарммуомила гаштанд. Дуввум дар толори пешвозгирӣ чун маликаи зеборухон бо либоси сар то ба по сафед рост истодани духтараки ҷавони сарояндае буд, ки дар ҷумҳурӣ шинохташуда буду аҷиб, ки бо ҳама шӯҳрати худ касе ӯро пешвоз намегирифт.

Нисфирӯзӣ нашуда ба меҳмонхонаи «Ленинобод» омадем. Хизматгорони меҳмонхона хурсанд шуданд, ки мо омадем. Хурсанд аз он шуданд, ки онҳо якбора ба бист нафар мизоҷ хизмат мерасонанд ва ин боис мегардад, ки онҳо даромади хубро ба даст дароранд. Ҳамроҳи Самараддин дар утоқи 325 ҷой гирифтем. Самараддин инсони аҷибу пурасрор менамояд. Ихтисоси ман журналист асту ихтисоси ӯ мутарҷими забони англисӣ ва ҳамзамон устоди факултаи забони англисӣ дар ДДОТ аст. Хеле кам мегӯяд ва агар чизе гӯяд хеле ботамкину ором мегӯяд ва агар шӯхиомез сухан ронед кӯтоҳу сидқан механдад. Ҳозир ӯро пурра намешиносам ва аз ваҷоҳаташ ҳамин маълум аст, ки ҷавони ҷӯяндаву бомаърифат аст. Ба таври худ ҷиҳози сафариамонро ҷо ба ҷо намуда, аз оне ки то бегоҳ вақт аст, ба тамошои шаҳри Хуҷанд баромадем. Баҳори Хуҷанд зебову дилфиреб аст. Бачаҳои гурӯҳ Тилек, Уммед, Мадёр, Шӯхрат, Латиф, Баҳром ва

Анвар алакай бо ҳамдигар шиносу ҷӯраем. Духтарони гурӯҳ Гулчеҳра, Мавлуда, Гулнисо, Парвина ва Нодира ҳам оҳиста-оҳиста бо мо гапӣ мешуданд. Онҳо шиква мекунанд, ки сафари дур рафта истодаему бачаҳо аз ҳоли онҳо кам мепурсанд. Чун ба шаҳр баромадем аввалин хоҳишамон ҳамин буд, ки дар ҷое хӯрок хӯрем. Ману Самараддину Шӯҳрату Мадёр ба Панҷшанбебозор рафтем. Хӯрокҳои лазизу босифат дорад ин бозор, ки ба ҳамаамон писанд омад. Алалхусус дар навбати аввал хомшӯрбоҳояш сергӯшту болаззату фаромӯшнашаванда аст. Нархаш ҳам дар қиёс бо Душанбе арзон ҳасту фурушандаву ошпазҳо тозакоранд ва чун таббохони пойтахт чандон фиребгар ба назар наменамоянду ҳангоми ҳисобӣ «ба даст ғалтидааст» гуфта, рақамҳои астрономии лондониро ба забон намеоранд. Ҳамаамон бо он ки зарурати истеъмоли хӯроки дуюм боқӣ намонд, раҳматгӯён аз назди амаки ошпаз дур шудем. Бегоҳирӯзӣ аксарият дар меҳмонхона ҳозир шудем. Бо хоҳиши сардои гурӯҳ Баҳром дар яке аз утоқҳо ҷамъ омадем ва аввалин маҷлиси саёр шурӯъ гашт. Сардори гурӯҳ баъзеҳоро танқид кард, ки бидуни пурсиш ва номаълум ба ҳар ҷо мераванд. Ӯ муваззаф аст, ки дар робита бо намояндагони JICA кай ва ба куҷо рафтану чи кор кардани моро муайян намояд. Дар бораи шарту шароит ва нозукиҳои сафар ба мо лексияи кӯтоҳ хонд, ки ба манфиати ҳамаамон буд ва

парокандагии рӯзи аввали сафарро дар Хуҷанд ба назар гирифта таъкид кард, ки минбаъд чун дар кишварҳои бегона ҳастем, набояд ба ин гуна худтасмимгириҳо роҳ диҳем. Шӯҳрати алакай дар рӯзи аввал шӯх, аз шӯхиҳояш намонда гапашро гуфт:

-Ман як шиша нос гирифтаам. Агар дар Токио носи ман тамом шавад баъд мумкин ҳаст, ки ман барои ёфтани нос бозоргардӣ кунам? Хумори нос ганда, ман бе нос наметавонам.

Ҳама хандиданд ва Баҳром ҳам ҳозирҷавобӣ карда гуфт:

-Агар тамом шуд, шумо ба ягон ҷо наравед. Аз рӯи шунидам Токио шаҳри калон мебошаду гум шуданатон мумкин аст ва агар бенос мондед беҳтараш чанд нафар якҷоя шуда барои ҳалли мушкили шумо дар онҷо ба бахши СММ муроҷиат менамоем.

Боз ҳам якҷоя хандидем. Сарфи назар аз гуфтаҳои Баҳром дар Хуҷанд ҳар кас кӯшиши ба хонаи ин ё он хешу табор ё шиносу рафиқаш рафтанро менамуд. Баҳром ҳам дигар чизе нагуфт ва хоҳиш намуд, ки соати расо шаши саҳар ҳама дар меҳмонхона бошанд. Дар ватани худамон ҳастем гуфта, аксарият аз меҳмонхона рафтанд. Ман ҳам хостам, ки суроғаи дӯсту рафиқи даврони донишҷӯям Бахтиёрро, ки шахси кушодадилу хайрхоҳ аст, як илоҷ карда ёбам. Ӯ як сол аст, ки тибқи тақсимоти давлатӣ ҳамчун намояндаи яке аз

сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ дар шаҳри Хуҷанд фаъолият дораду дер боз ӯро надидаам. Бахти Бахтиёри ҷӯраам баландӣ карду ӯро наёфтам. Андаке хиҷил шудам. Зеро аксари ҳамроҳонамонро шароити меҳмонхона хуб нест гуфта, дӯстону хешонашон бо бору ҷиҳозашон пеш аз сафари ғарибӣ бори охирин ба гирди дастурхони тоҷикӣ ба хонаҳояшон гирифта бурданд. Ҳамагӣ панҷ – шаш нафар духтару бачаҳо дар меҳмонхона боқӣ мондем. Ғубори дил тоза шавад гуфта, дар утоқи Нодира ҳама ҷамъ омадем. Маълум гашт, ки бо Нодира қариб ҳамкурс будаем. Ӯ як сол пеш аз мо факултаи филологияи ДДМТ-ро хатм намуда будааст. Хайрият Самараддинро касе монанди ман ба хонаашон ба меҳмонӣ набурд. Чун ӯ ба кишварҳои хориҷӣ сафарҳои зиёд доштааст, нақлҳои гуногуни ҷолиб кард. Маълум, ки ҷаҳонбинии васеъ дорад ва ҳозир ман намедонам, ки ин Самараддини назарногир дар кишваре, ки забонашро намедонем барои тамоми гурӯҳ чи қадар шахси лозимӣ шуда мемонад.

САҲИФАҲОИ ТОШКЕНТУ САЛОМИ ЗИЛОЛА

Субҳ акнун медамид, ки аз хоб бедор шудам. Бедор гаштан дар субҳи баҳорӣ маълум, ки чи хосият дорад. Дил мехоҳад, ки боз камтари дигар хоб дарозтар бошад. Мусофират касро маҷбур

месозад, ки барвақттару зудтар омода бошад ва кас масъулияти маълуму номаълумеро дар худ эҳсос менамояд. Роҳи дароз дар пеш аст, ноилоҷ аз ҷойгаҳи хоб хеста, назди тиреза омадам ва онро кушодаму ҳавои пурнакҳати баҳорӣ дар фазои хона ҳукмрон гашт. Хуҷанд ҳам аз хоби ноз бедор мегашт. Самараддин ҳам дили бедилон аз хоб хест ва баъди дасту рӯ шустан аз паи омодагии худ шудем. Ҳанӯз офтоб домани хандаи худро пурра паҳн накарда буд, ки ҳамаамон дар саҳни ҳавлии меҳмонхона ҷамъ шуда будем. Аз рӯи нишондоди сардори гурӯҳ бояд соати ҳафтуними субҳ дар назди бинои «Тоҷиксодиротбонк»-и вилоят ҳозир бошем. Ба микроавтобусҳои алакай барои бурдани мо омодабуда нишаста, роҳ сӯи сарҳади Ӯзбекистону Тоҷикистон пеш гирифтем. Бояд то гузаргоҳи сарҳадии Бекобод равем ва аз он ҷониби сарҳад моро намояндагии ӯзбекистонии ЛСА бояд ба пойтахти ҷумҳурии ҳамсояи Ӯзбекистон баранд. Сафар ва сӯҳбати ҳамсафарон дар даштҳои сабзпӯши диёр хотирмону фараҳбахш буд. Бори аввал бо ин роҳ меравам ва шукр мегӯям, ки дар Тоҷикистони мо ҳам ин гуна даштҳои паҳновар ҳастанд. Худо хоҳад мерасад, он рӯзе, ки ин даштҳо сарсабзу хуррам мешаванд ва боигариҳои дар жарфноҳои ин даштҳо қарордошта кашф мешаванду Тоҷикистони мо ҳам ба интиқоли маҳсулоти нафтиву сӯхт шурӯъ менамояд. Ба андешаи Шӯҳрати шӯхи регарӣ «-ҳозир истед,

дағдағаи бузургҳо ҳамроҳи сарватҳояшон якҷоя тамом шавад, баъд мо дағдағаи худро шурӯъ мекунем».

Дар гузаргоҳ моро ҷиддӣ тафтиш намуданд, аммо чун мо на тоҷир будему на муҳоҷир, нисбат ба дигарон хеле зуд ва осон гузаштем. Ронандаи хуҷандие дар сӯҳбат орзӯи онро намуд, ки кош мо ҳам инчунин ба осонӣ аз инҷо раҳо меёфтем. Ӯ қариб як рӯз будааст, ки бо сабаби номаълум дар инҷо маҳтал шуда будааст. Бо сарзамину диёри худ хайрбод гуфта, дар хоки кишвари ҳамсоя аввалин қадамҳоро гузоштем. Акнун аз сари нав ба се микроавтобусҳои мутааллиқ ба кишвари ҳамсоя нишаста роҳ сӯи шаҳри Тошкент пеш гирифтем ва соатҳои яки рӯз ба онҷо расидем. Олами наву дунёи наву эҳсоси нав моро фарогир аст. Ба ҳар як манзараи ин шаҳр бо шавқ менигарем ва нахустин хулоса он аст, ки дар ҳақиқат империяи Маскав дар ҳаққи тоҷикон ноадолатиҳо кардааст. Маълум, ки аксари биноҳо, заводҳо, корхонаҳо ва дигар иншоотҳои мӯҳташам, ки мебинем ва онҳо хеле зиёданд ба бародарони ӯзбек аз даврони шӯравӣ меросу боқӣ мондааст. Онҳо имрӯз моликияти давлате бо номи Ӯзбекистон мебошанд.

Моро ба меҳмонхонаи ситорадору мӯҳташами «Экспо» бурданд. Онҳое ки аввалин маротиба аз Тоҷикистон берун мераванд ба зудӣ дарк намуданд, ки меҳмонхонаи «Ленинобод» шароити ба талабот ҷавобгӯ надоштааст. Меҳмонхонаи «Экспо» ба

ибораи маъмулӣ ситорадор мебошад. Шароит ниҳоят олӣ аст ва ба қавли Шӯҳрат олиҷанобтар он аст, ки ҳаққи пардохти хизматрасонӣ аз ҷониби мо сурат намегирад. Ҳама тозаву озода ва замонавӣ ҷиҳозонида шудаасту шабеҳ ба меҳмонхонаҳои Аврупову Япония мебошад. Боду ҳавои Тошкент гарм аст ва салқину сарду форам будани дохили ин меҳмохона ба ҳамагон писанд афтод. Дунафарӣ ба ҳар як номера тақсим гардидем ва сардори гурӯҳ эълон намуд, ки баъди як соат ба идораи сафорати Ҷопон дар Ӯзбекистон меравему либоси расмӣ пӯшиданамон шарт аст. Дар Тошкент дар қиёс бо Душанбе автобусҳои хушрӯву зебои истеҳсоли хориҷӣ зиёдтар ба чашм мерасанд ва мо савори яке аз ин гуна автобусҳои ба иборае «қадбаланд» ба бинои сафорати Ҷопон омадем. Дар толори барҳавое бо гурӯҳи ҳамсафарони ӯзбеки худ якҷо шудем ва семинари кӯтоҳ оғоз ёфт. Лектор ба мо дар бораи иқтисодиёту саноати Ҷопон маълумотҳои гуногун дод. Аз ҷумла дар бораи ширкати бонуфузи «Тойота» тариқи слайдҳо дар тахтаи электронӣ ба мо маълумотҳои ҷолиб пешкаш гардид. Бозоргир будани маҳсулоти ин ширкатро ҳамагон медонанд ва автомашинаҳои истеҳсоли «Тойота» дар тамоми бозорҳои ҷаҳонӣ мавқеъ доранд. Таърихи таъсиси ин ширкат ва дигар паҳлӯҳои бурду бохти он ба мо маълум гашт. Масалан танҳо дар як нишастгоҳи он 150 детал истифода мегардад, ки бозгӯи замонавию ба тамоми талабот ҷавобгӯ будани моли ширкат аст.

Ё ин ки дар Ҷопон ҳар сол панҷ миллион автомашина ҳамчун чизи корношоям партофта мешаванд. Проблемаи асосӣ дар ин самт набудани ҷой барои партофтани ин мошинҳо аст ва инро ҳам дарк кардан мумкин аст, ки замин барои кишвари 133 миллион аҳолӣ дошта, ки ҳамагӣ 372,2 ҳазор километри квадратӣ масоҳат дорад, дар ҳақиқат кам мебошад. Ҷумлаи асосие, ки аз забони яке аз намояндагони ин кишвари пешрафта гуфта шуд, хотирмон буд: «…Япония ҳама чизи мақбулро аз фарҳангу тамаддунҳои дигар бо мамнуният қабул менамояд… »

Баъди семинар ба меҳмонхона баргаштем ва гуфтанд, ки баъди шом ҳамчун аввалин намунаи дӯстии ҷавонони кишварҳои Осиёву Япония бо намояндагони ӯзбекистоние, ки ҳамроҳ ба Япония меравем, сари як дастурхон мешинем. Чун то шом вақт буд, ману Шӯҳрату чанд нафари дигар барои тамошо ба берун баромадем. Манораи телевизионии Тошкент дар наздикӣ қарор дошт ва шавқи дар назди он акс бардоштан моро водор кард, ки аз назди меҳмонхона дуртар равем. Аз манораи телевизионии Душанбе баландтар будани он маълум аст, вале кӯчаҳову тарзи ҷойгиршавии биноҳо, равуои одамон ва бисёр манзараҳои дигарро дида гумон мекунед, ки алҳол дар Душанбешаҳри худамон қарор доред. Албатта бузургии шаҳри Тошкент истисно нест ва ҳанӯз даврaҳои таҷрибаомӯзии даврони донишҷӯиямон

дар ин шаҳр медонистем, ки Тошкент дар Осиёи Марказӣ бузургтарин шаҳр аз ҳама лиҳоз ба ҳисоб меравад. Чун шом фаро расид, роҳбаладон омада моро тариқи автобус ба тарабхонаи Афросиёб бурданд. Аҷаб тарабхонае. Якошёна ҳасту хеле назарногир менамояд. Дар пештоқи тарабхона бо хати зебо «Афросиёб» навишта шудааст ва ҳар бинандаро хоҳу нохоҳ бо андаке андеша ба ҳазорсолаҳои гузашта мебарад. Чун дохили он мегардед, боз ҳам амиқтар ба гузаштаҳои таърихӣ фурӯ меравед. Сутунҳои каҷу килеб, ки шояд аз навдаҳои ноҳамвори беду чинор гирифта шудаанд, бидуни ягон коркард рост мононда шудаанд ва шумораи онҳо кам намебошанду ҳангоми гашту гузор хаёл мекунед, ки ба шумо халал мерасонанду ҷойро танг месозанд. Шифти он толоре, ки онҷо менишастем боз ҳам аҷибтар аст. Онро бо қамишу най чунон ороиш додаанд ва пӯшонидаанд, ки дар ҳақиқат замони Афросиёбро ба ёд меоранду хаёл мекунед дар ягон кунҷе ҷаноби Афросиёб нишастаасту ҳамаро назорат менамояд. Ҳама чиз қадимӣ аст, аммо хизматгузорӣ мутобиқ ба асри бисту як мебошад. Бо кадом ҳадаф моро дар ин тарабхона ҷой кардани бародарони ӯзбек маълум буд ва мо ҳам ифтихор карда метавонем, ки Афросиёбу Тӯрони Фирдавсии форсигӯ ҳамчун манбаи даъвоҳои таърихӣ барои бисёриҳост. Чун одати мактабхонони даврони шӯравӣ мо намояндагони тоҷикистонӣ алоҳида дар гирди чанд

миз менишастем. Аммо намояндаи тошкентии ЉСА бо забони рӯсӣ ва бо шӯхӣ шиква кард, ки чун ҳамсояҳои вафодори як деҳа якҷо нашинеду бо дӯстони ӯзбеки худ тақсим шуда сари ҳар миз ҷо гиред. Ҳамин тавр ҳам шуд ва мо ӯзбекону тоҷикон омехта шуда нишастем ва ҳамчун гунаҳкорон фаромӯш карда будем, ки номи барномаи мо бо калимаи дӯстӣ оғоз мешавад.(Дӯстии ҷавонони Осиёи Марказӣ ва Япония). Дар оғоз ҷуръати комил надоштем, ки бо ҳам таколум намоем. Ин мушкили моро онҳое, ки андак нӯшиданду сархуш гаштанд осон намуданд. Алалхусус Шавкат Меликови бузургҷусса сӯҳбатро тафсонид ва яке аз духтарони ӯзбек бо шӯхӣ иброз дошт, ки Шавкати 120 киллограм вазндошта аз он тараф хароб шуда меояд ва ин боиси хандаи нимсамимиву нимсохтаи ҳамагон буд. Дар гирди мизи пурнозу неъмат вобаста ба гурӯҳи ВАО ҳамроҳи журналистони ӯзбек дар ҳар хусус сӯҳбат менамоем. Бо Дилфузаву Саёрае, ки ҳамроҳ ба Япония меравем, зуд шинос гаштем. Ҳамроҳи мо Гулчеҳраву Зилола низ нишастаанд, ки онҳо як сол қабл тариқи барномаи ЉСА дар ҳамин рӯзҳои баҳорӣ ба Япония рафтаанд. Барои мо сӯҳбати онҳо мароқовартар буд. Нахуст Зилола аз мо Асадулло Раҳмоновро пурсид ва таъкид намуд, ки Асадулло ҷавони ниҳоят серҷустҷӯ ва кордоне буд, ки дар сафар ба бисёре аз мо кӯмак мерасонид. Аз фурсатҳо истифода кардану дар ҳамонҷо навору тарҳи баъзе

барномаҳои ҷолибро омода намудани Асадуллоро ёдрас гаштанд. Шӯхтабъ ва ҳозирҷавоб будани Асадуллоро онҳо низ зикр намуданд. Зилолаву Гулчеҳра чун фаҳмиданд, ки бо Асадулло шарикдарс мебошам, хоҳиш карданд, ки саломи гарми онҳоро расонаму гӯям, ки «Зилолаву Гулчеҳра Асадуллоро фаромӯш намекунанд». Зилолаву Гулчеҳра кормандони телевизиони марказии Ӯзбекистон мебошанд ва аз сӯҳбаташон маълум, ки хеле соҳибтаҷрибаву кордонанд. Гулчеҳра ҳамчун сафаркардаву таҷрибадошта аз кишвари Япония ба мо маълумоти гуногуну муфидро дод. Махсусан ду-ду тақсим гаштани ҳар яки мо бо дӯстони японии худ ва бидуни ҳамагуна тарҷумон аз саҳар то шом ба тамошо машғул шуданамон дар шаҳри Токио ба назарамон хеле ҷолиб менамуд. Он ҷолибтар буд, ки писар бо духтар ва духтар бо писар бояд ба тамошои шаҳр бароянд. Назар ба қавли журналистдухтарони ӯзбек як умр ҳам кифоят намекунад, ки тамоми шаҳри Токиоро давр зада бароед. Зери садои мусиқии эстрадии ӯзбекӣ намояндаи ЛСА ҳамаро ба рақс даъват намуд ва ҳама ба рақс баромаданд. Хушбахтона мусиқии тоҷикӣ низ садо доду базм гармтар гашт. Чанд соат бо ҳам шинос шудаву сӯҳбат намуда, баъд аз оне ки ба ҳамаамон чиптаҳои ҳавопайморо тақсим намуданд, гурӯҳи моро ба меҳмонхона оварданд. Фардо соати панҷ бояд дар фурудгоҳи байналмилалии Тошкент ҳозир

бошем, ки аз онҷо ҳавопаймо ба шаҳрчаи Наритаи Япония парвоз менамояд.

АЗ ТОШКЕНТ БА НАРИТА

Соати расо панҷи субҳ дар тарабхонаи «Экспо» ноништа намудем. Бегоҳӣ бо яке аз духтарони гурӯҳ дурушт муомила намудам ва субҳ ҳамдигарро дидему ваҷоҳату хотири ҳардуямон озурда аст. Ин ҳам сабаби худро дошт. Ҳанӯз дар фурудгоҳи Душанбе яке аз духтарони гурӯҳи дигар, ки зикри номашро шарт намедонам ба ман ду қуттӣ сигорро дода хоҳиш намуд, ки онро бо худ нигоҳ дорам. Ӯ сигоркаш будааст шарм медоштааст, ки ҳангоми тафтишу азназаргузарониҳо дар фурудгоҳҳо ҳамроҳаш сигорро бубинанд. Ин бори ба қавле хатарнокро, дар кисаи пеши курта нигоҳ дошта, аз чанд нуқтаҳои тафтишӣ гузаронида, то меҳмонхонаи мазкур овардам. Торафт аламоварам мегардид, ки ҳар бори хумори сигор гирифтанаш, маро ба кунҷе даъват карда, якто сигор мегирифт. Дар як асари Ф.Муҳаммадиев айнан як нафар чунин қаҳрамони сигоркаше ҳаст, ки мулло мебошаду аз шарми ҳамроҳонаш ҳангоми хумор дар пинҳонӣ аз духтури гурӯҳашон сигор мепурсад. Лекин сигордиҳандаи он асар худ сигоркаш буду ба ӯ ин амали рафиқаш чандон сахт намерасид. Зеро онҳо якҷоя хумори сигор мешикастанд. Бегоҳӣ чун аз маҳфилу нишасти дӯстӣ баргашта будему ниҳоят монда шуда будем, болои диван дароз кашидан баробар хобам бурдааст. Як замоне занги дар садо доду маҷбурану хоболуд дарро хеста кушодам. Чун

дидам, ки паси дар соҳиби қуттиҳои сигор аст, андаке асабӣ шудам ва шояд дар ҳолати хоболудӣ ягон чизи ногувор ҳам гуфтаам, ки ӯ шӯрид. Якуним қуттии сигори боқимондаро ба ӯ додаму бо ҳамин «ҳамкорӣ»-и мо ба охир расид. Баъдтар фаҳмидам, ки вазифаи маро дигар кас ба дӯш гирифтааст. Қаҳру ғазаби худро бо нигоҳҳо ба ҳамдигар ин субҳ баён намудему дигар ҳамдигарро гӯё намешинохтем. Албатта баъдтар аз ин кирдори худ пушаймон ҳам шудам, вале чи илоҷ, ки муносибати ӯ ба ман писанд набуд.

Савори автобуси сайёҳӣ ба фурудгоҳи байналхалқии Тошкент омадем. Бузург будани фурудгоҳ алакай дар назари аввал маълум аст ва шумораи зиёди мусофирон низ ба ин гувоҳ мебошад, ки аксаран мардумони хориҷӣ мебошанду бо забонҳои гуногун бо ҳам сухан мегӯянд. Дар майдони фурудгоҳ низ ҳавопаймоҳои давлатҳои гуногуни ҷаҳонро мебинед, ки аксаран дар паҳлӯи худ навиштаҷоти англисӣ доранду аз кадом кишвари дуру наздик буданашон маълум мегардад. Бо ҷой доштани на он қадар мушкилии зиёд, ки дар гузаргоҳи гумрукӣ ҳаст ба ҳавопаймои бузурги «Боинг» нишастем. Дар фурудгоҳи Душанбе ҳам ҳавопаймоҳои ширкати «Боинг» ҳастанд. Аммо ба фикрам, то ҳанӯз ин гуна бузургҷусаҳояш нестанд. Аз назди тиреза ҷой гирифтам ва ин замон духтараки руснамое рақами чиптаашро муқоиса карда, дар паҳлӯям нишаст. Маълум гашт, ки

ҷойҳои холӣ кам набудаанд. Ман мехостам, ки Дилфузаи ӯзбек паҳлӯям шинад, ки корманди радиои Ӯзбекистон буду тоҷикиро кам-кам медонист ва духтари нарммуомилае буду нисбати Тоҷикистон меҳри нуҳуфтае дар дилаш дошт, ки ман инро дар сӯҳбатамон дар тарабхонаи Афросиёб дарк намуда будам. Соати шаш ҳавопаймои бузург боли павози худро сӯи Япония кушоду бояд баъди ҳашт соати парвоз мо аз ҳавои кишвари Япония нафас гирем. Парвоз дар «Боинг» аҷибу роҳатбахш мебошад. Садои хеле пасти муҳаррику оромии он ва дигар шароити он хеле мусофиронро писанд аст. Бемалол мусиқӣ гӯш мекунед ва харитаи сафар дар моноторинги хурд нишон дода мешаваду дар осмони кадом сарзамину кишвар парвоз карданатонро мебинед. Кӯҳҳо, даштҳо, баҳру дарёҳо, биёбонҳои зарди регзор, ки дар ҳудуди кишварҳои гуногунанд, зери қанотҳои ҳавопаймо қарор доранду ба пеш ҳаракат дорем. Гумон мекардам, ки хати парвоз ба Япония росту якмаром аст, аммо харитаи парвоз нишон медиҳад, ки он ниҳоят каҷу килеб мебошаду аз рӯи зарурат ё қоидаи ҳаракат бошад, ки хеле дур аз болои кишварҳои ба қавле дар сари роҳ набуда парвоз менамоем. Дар байни мо тоҷикон барои кӯтоҳ кардани роҳ усули «миёнабур» истифода мешавад, ки баъзан роҳи дусоата дар як соат тай карда мегардад. Агар ҳамин усул ҳозир аз ҷониби сарнишинони «Боинг» истифода мешуд, шояд дар

ҳашт соат неву дар давоми чор-панҷ соат ба манзил мерасидем. Шояд барои ин гуна парвоз, ки ҳар замон ҳавопаймо ба ҳудуди ҳавоии давлатҳои гуногун дохил мешавад, ягон маҳдудияту иҷозати махсус ҷой дошта бошад. Парвоз аз Хуҷанд ба Душанберо ба ёд меорам, ки бинобар маҳдуд будани роҳрави ҳавоӣ (коридор) баъзан ҳавопаймои бечора бо нағмаву усулҳои гуногун «чорқат шуда» ба замин мешинад.

-Марҳамат, даҳон ширин кунед-, гуфтани духтараки паҳлӯям нишаста, тахминан баъди як соати парвоз маро аз олами андешаҳо ба худ оварда.

-Раҳмат барои илтифот-, гуфтаму ширинии дарознамудаи ӯро гирифтам. Ман хурсанд будам, ки имкони оғоз намудани сӯҳбат бо ин духтарак шурӯъ гашт. Аммо намедонистам, ки акнун чи гӯям, ки сӯҳбат идома ёбад.

-Шумо ҳам якум маротиба ба Япония меравед?

Оқибат ин саволи андаке кӯдакона ба забонам омаду ба ӯ нигаристам, ки хоҳиши чавоб додан дорад ё не? Дар ин гуна ҳолат ҳатман бояд ба вақоҳати ҳамсӯҳбат нигарист, зеро аз чеҳраи ӯ майли сӯҳбат доштану надоштанро зуд хондан мумкин аст.

-Ман дар Япония, дар шаҳри Осака зиндагӣ менамоям ва ҳар сол ду маротиба ба зодгоҳам – Тошкент барои аёдати волидайнам меоям. -Бо нимтабассум ҷавоб дод ӯ.

Аҷабо, ин духтараки ҷавонро, ки шояд ҳамагӣ 24-сола бошад, мисли худам мусофири аввалин бор ба Япония сафаркунанда гумон мекардам. Дуруст дарк карда натавонистам, ки ӯ ҷопонист, ё ӯзбекистонӣ? Аз чеҳраву забонаш ӯро русдухтари муқими Тошкент гумон мекунам. Бо худ хулосаҳо мебаровардам, ки бояд ӯ пайвастагии амиқе бо Япония дошта бошад. Дигар савол доданро ба худ эб надидам ва бо гузаштани андак вақт дафтари дар дастам бударо кушодаму ба кори худ машғул шудан хостам.

-Шумо якум маротиба меравед? - Пурсид ӯ.

-Ҳа, якум маротиба меравам. - Кӯтоҳ ҷавоб додам ман.

-Япония кишвари афсонавӣ мебошад ва он барои ман ватани дуюм ба ин ҳисоб меравад. Чорум сол аст, ки дар ин кишвар зиндагӣ менамоям ва он бароям муқаддас аст. -Сӯҳбатро ин дафъа духтарак идома додан хост ва ҳамин тавр сӯҳбати озодонаву давомдори мо шурӯъ гашт.

Маълум гашт, ки духтарак Любовь ном доштаасту хатмкардаи факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Тошкент будааст. Ихтисосаш забони ҷопонист ва барои идомаи таҳсил чанд сол пеш ба шаҳри Осака меравaду бо амри тақдир бо ҷавони японӣ хонадор мегардад. Ҳар сол ду маротиба бо иҷозати шавҳараш ба Ӯзбекистон меомадааст ва чанд сол гузашта бошад ҳам, ҳанӯз нақшаи тавлиди фарзандро накашидаанд. Зиндагӣ дар Япония барои

духтарони ӯзбек орзӯи асосӣ будааст ва инро баъдтар дар Япония дарк кардам, чи гуна баъзе қирғиздухтарону қазоқдухтарону ӯзбекдухтарон дар суроғи муҳаббати ҷавони японӣ мегарданд. Барои ин замина гузошта, зӯр зада забони япониро меомӯхтаанд. Ин омилҳоро Любовь ба тариқи ишора ба ман фаҳмонид ва сурати амалии онро баъдтар дар ин кишвар дар давоми қариб як моҳи буду бошамон дидам. Чун ихтисоси ин духтарак дар шакли умумӣ филолог аст, сӯҳбати мо доманаи васеъ гирифт. Аслан рустабор бошад ҳам, аммо Хаёму Синоро хеле хуб медонистааст.

Ду маротиба дар қуттичаҳои махсуси гигиенӣ, ҳамчун хизматрасонии дохили ҳавопаймо ба мусофирон чанд навъ хӯрок ва нӯшокиҳои гуногун оварданд. 6-7 соат боз парвоз дорем. Намедонам дар ҳудуди кадом кишвар парвоз дорем, вале бароям аҷиб буд, ки яку якбора шаб шуд ва берунро чун аз тиреза ҳар замон нигоҳ мекунам якбора торик гардид. Ба соати дастам менигарам, ки чордаҳу сӣ дақиқаи рӯз аст ва он мутобиқи вақти Душанбе мебошад. Маълум гашт, ки шабу рӯзи мо фарқ менамудааст. Баъди чанде ҳавопаймо дар фурудгоҳи Нарита ба замин нишаст. Любовь суроға ва як рақами телефонро ба ман дод ва ҳамчунин дар дафтари қайдҳоям ду-се ҷумла барои хотира аз лаҳзаҳои дӯстии кӯтоҳамон қайд намуд. Бо уммеди дидори минбаъда бо ҳамдигар видоъ намудем ва назар ба гуфтаи худи ӯ парвози ӯ баъди чанде аз

ҳамин ҳавопаймо ба Осака идома меёбад. Фурудгоҳи байналхалқии Нарита ниҳоят бузург аст ва тартибу низом гумон мекунам ба даҳҳо ҳазор нафар писанд мебошад. Лаҳзаи хотирмон дар ин фурудгоҳ ҳамин буд, ки ҳангоми тафтиши гумрукӣ ба халтаи селофании дохили ҷомадони ман нозири гумрукӣ таваҷҷӯҳ пайдо кард. Дар дохили он нахӯдбирёни тоҷикии маъмулӣ буд, ки барои дастовез гирифта будам. Як донаи онро гирифта ким чӣ мепурсид, ки ман забони япониро намефаҳмидам. Самараддин, ки дар наздикиам буд, бо забони англисӣ ба ӯ чӣ будани онро фаҳмонид. Нозир каме хандиду моро ҷавоб дод. Дар толори барҳавои фурудгоҳ ду нафар кормандони JICA дар даст лавҳаи навиштаҷоти ташкилоти мазкур моро интизор буданд. То шаҳри Токио бояд ҳафтод километри роҳи дигарро тариқи автобус тай намоем. Автобус шабона бо суръати 80-90 км соат пеш меравад. Роҳҳо ҳамвору чароғон мебошанду бо вуҷуди зиёд будани нақлиёт, ҳаракат дар роҳ орому мунтазаму ботартиб аст ва ягон хатое аз ҷониби ронандае ба назар намерасад. Токиоро шабона дарёфем ва он дар шаб боз ҳам зеботар аст. Биноҳои баландошёна, роҳҳои ду-се қабата, кӯчаҳои бузурги бо рангҳо гуногун чароғон, ҳамагӣ бароямон асрорангез аст. Чун об дар ин сарзамин зиёд аст, баъзан биноҳои 60-70 қабатаи дурахшонро дида, гумон мекунед, ки дар рӯи об истодаанд. Ҳамроҳи дӯстони ӯзбеки худ ба меҳмонхонаи JICA омадему

дар толори бо мизу курсиҳои замонавӣ муҷаҳҳаз ҷой гирифтем. Ду – се нафар намояндагони ташкилот гӯё бо мо маҷлис мегузаронида бошанд, ки дар рӯ ба рӯи мо истодаанду ҷо ба ҷошавии моро интизоранд. Салом гуфтани як нафарро, ки аниқ русзабон буду аз афташ масъули минбаъдаи ҳамаи ташвишҳои мо мебошад, нафаҳмидем. Ба шумо чӣ шудааст гуфта, дуюмбора салом дод ва ӯ ҳам хандиду мо ҳам хандидем.

-Ҳозир шумо монда шуда омадаед. Ба шумо калиди утоқҳоятон, баъзе ҳуҷҷатҳо ва хӯрокро дар бастаҳои махсус медиҳему ба номераҳоятон рафта хоб кунед. Пагоҳ субҳ ба барнома шинос мешавем.- Хотирнишон карданд ба мо. Соатам ба вақти Душанбе панҷи бегоҳ мебошад, аммо Токио алакай дар хоб аст. Утоқҳои ин меҳмонхона ҳар кадом барои як нафар нигаронида шудааст. Тамоми шароитро доранд. Шукронаи саломат расиданро намуда, номаълум хоб бурданамро ҳам нафаҳмидам.

ЗАБОНДОНӢ ҶАҲОНДОНИСТ

Бисёр хоби бароҳат рафтаам. Шояд ба сабаби он буд, ки дар ҳавопаймо тамоман хоб нарафта будаму номувофиқатии шабу рӯзи Токиову Душанбе низ бетаъсир нест. Аз садои тақ-тақи дар бедор шуда, дарро кушодам, ки Анвари актёр собуну баъзе майда чуйдаҳои дигарро мепурсид.

Анвар чун Шӯҳрат шӯх нест, вале ҳунарманди тайёре мебошад, дар лаҳзаи зарурӣ дар нақши ҳама гуна кас баромад карда метавонад. Ҳам ҳофизӣ ва ҳам раққосиро дар лаҳзаҳову ҳолатҳое, ки мо бояд фарҳангу санъати миллату кишвари худро дар саҳнаҳои гуногун муаррифӣ намоем ба хубӣ ичро менамояд. Ба гуфти худи ӯ дар умраш ягон маротиба суруд нахондааст ва қоидаву қонуни рақсро ҳам намедонад.

Пардаи тирезаро кушодам, ки алакай рӯз аст ва рости гап на рӯзашро фаҳмида истодааму на шабро. Дар илми биология истилоҳе бо номи «адаптатсия» вуҷуд дорад, ки онро бо забони худамон мутобиқшавӣ меномем. Дар Тоҷикистон чун шаб вақти фаро расидани хоб мерасад, алакай ин мардум дар инҷо субҳро пешвоз мегиранд. Манзур ин аст, ки хумори хоб ҳанӯз пурра нарафтааст. Дасту рӯ шуста ҳамроҳи Самараддин барои тановули ғизои саҳарӣ ба ошхона рафтем. Қоидаи «Мизи шведӣ» чорӣ аст ва дар баробари ин баъзе қоидаҳоро бояд риоя кард, ки шояд барои ниҳоят зиёд будани меҳмонон нигаронида шуда бошад. Фақат гурӯҳи меҳмонони ин бегоҳ аз чор давлати Осиёи Марказӣ ба ин марказ омада, аз ҳаштод нафар ҳам зиёд аст. Мувофиқи дастур ба утоқҳои худ омада, бо омодагӣ ва либоси расмӣ ба толори умумӣ рафтем. Барои ҳар нафар мизи алоҳида монда шудааст, ки болои он лифофаҳои баставу баъзе ҳуҷҷатҳои дигар моро интизор аст. Маросими кушодашавӣ шурӯъ гардид

ва намояндагони JICA бо шукӯҳи махсус мо намояндагони чор кишвари осиёиро хайрияти мақдам гуфтанду барои мо бобарору хуш гузаштани рӯзҳои баҳориро дар Япония орзӯ карданд. Баъди ин акнун зиндагӣ ва низоми нав бароямон шурӯъ гашт, ки аввалин ташвиши он омӯзиши дарси забони японӣ аст. Муаллима ба назар меҳрубон аст, вале хеле сахтгир будааст. Бо ҳамон меҳрубонии худ намегузорад, ки касе аз ҷавоб додан ва нишон додани натиҷаи супоришҳояш дар канор монад. Ниҳоят пухтакору серталаб будани омӯзгори япониро дар дарси аввалини яксоата дарк намудем. Як калимаро аз ҷо хеста ба як азобе ба забон меоред ва шуморо маҷбур менамояд, ки ду-се маротиба такрор намоед. Дар ҳақиқат он калима пурра ҳам набошад дар хотир мемонад ва гумон мекунед, ки бо ҳамин ҷонатон халос мешаваду муаллима ба шумо кордор намешавад. Аммо сухан гуфтан бо ҳампаҳлӯят он тараф, дар бораи чизе акнун хомӯш фикр карданро оғоз намудан мехоҳед, ки муаллима шуморо аз ҷо мехезонаду такрори гуфтаҳояшро пурсон мешавад. Як чизро рӯирост бояд иброз кард, ки аксарияти моро ончунон хоб пахш намуда буд, ки гӯё ба мо дорӯи димедролро дода бошанд. Муаллима инро медиду ҳис мекард, аммо кори худро қатъ наменамуд. Анварро медидам, ки бо чашмони хумор ду маротиба сараш қариб ба боли миз бармехӯрд. Ҳоли ман аз ӯ беҳтар набуд ва дар ҳайрат будам, ки ин чи асрор аст, ки ин қадар маро

хоб пахш мекунад. Якчанд маротиба болои ангуштонамро бо нохун сахт харошидам, то ки хобам парида равад. Муаллима аз анҷоми дарси худ ба мо мужда доду хеле хурсанд гаштем ва дигаронро намедонаму нақшаи аввалини ман баъди ин дарс рафта як соат хоб кардан буд. Зеро бо ин аҳвол дар дарсу семинарҳо иштирок намудан ҳам душвор буду ҳам ногувор. Хайрият, ки қисмати дуюми рӯз мо нисбатан озодтар будаем. Яке аз духтарони гурӯҳ зодрӯз доштааст, ки бо маслиҳати Баҳром ҳамаамон чанд долларие ҷамъ намуда барои харидани тӯҳфа ба шаҳр баромадем. Нархҳо қимат будаанд ва фикри он ки зиндагӣ дар Япония осон аст, алакай бароямон шубҳанок гашт. Масалан агар дар Душанбе ба як доллар чанд собуни оддиро харидорӣ намоед, дар мағозаи инчо як собуни оддӣ 4-5 доллар арзиш дорад. Ё ин ки як хамираи дандоншӯӣ дар рафи мағоза бо арзиши 10 доллар истодааст. Шояд ин қиматӣ танҳо дар Токио аст ва чун нуқтаҳои марказии пойтахти худамон аз ночории одамон истифода намудан мехоҳанд. Чун ҳамроҳи Анвар дар як гурӯҳ мебошем ва ба қавле ҷӯра ҳастем, маслиҳат намудем, ки аз ҳамроҳон ҷудо шуда мустақилона як сайру гашт карда бароем. Кӯчаҳои Токио хеле танг мебошанд ва биноҳо ончунон зич ҷойгиранд, ки барои роҳро гум кардан ба нафаре, ки нахустин бор дар ин кишвар қарор дорад, хеле қулай мебошад. Ду- се кӯчаро пиёда гузаштем, поёну боло рафтем, росту чап

рафтем, чанд мағозаву супермаркет даромадем ва оқибат ҳамин тавр шуд, ки роҳро гум кардем. Дар аввал парво накардем ва дилпурона ба ҳамдигар таъриф кардем, ки ҳеҷ гап не, мо кӯдак нестем ку, роҳи манзиламонро меёбем. Аммо ҳарчанд кӯшиш кардем, натиҷаи дилхоҳ ба даст наомад. Ончунон монанданд ин кӯчаҳо, ки гумон мекунед, дар қолаби инкубаторӣ сохта шудаанд. Чун торикии шаб фаро расид, андаке воҳимаву тарс ҳам ба мо таъсир кард ва маҷбур шудем, ки баъди ду соати ҷустуҷӯҳо аз роҳгузаре мадад пурсем.

-Ай эм Анвар, Таҷикистан, Таҷикистан…Ҷайка-Ҷайка.Мы незнаем дорогу…-Анвар худро ба марди японӣ сухандони ботаҷриба нишон медод.

-Ҳай- ҳай…-Ва боз ким чиҳои дигар гуфта, марди японӣ китф дарҳам кашид. Яъне шуморо нафаҳмидам гуфта, аз назди мо дур гашт.

Боз ним соати дигар кӯчае, ки дар он меҳмонхонаи мо қарор дошт, хеле ҷустуҷӯ намудем. Торафт мушкил шудани вазъиятро эҳсос менамоем ва боз аз зани миёнасоли дигар мадад мепурсем. Анвар «рашын, рашын, Москов, Москов…», гуфта мақсадамонро фаҳмониданӣ мешуд. Ҳайҳот моро ё майзада, ё оворагард гумон кард, ки гурехтагӣ барин аз мо дур шуда рафт. Одати ин мардум он аст, ки на дар назди коргоҳу биноҳо ва на дар сари роҳу кӯчаҳо ҳеҷ вақт ду-ду ва се-се шуда рост истода сӯҳбат намекунанд. Якҷо

нишаста сӯҳбат карданашонро низ дидан душвор аст. Агар дар мо баъзан роҳрави кӯчаҳо аз ин гуна ғайбату чақ-чақҳо, ки чанд нафару гурӯҳе доранд, банд шуда монанд, дар инҷо гумон мекунед, ки касе ба ин гуна кор вақту майл надорад. Роҳҳо аз ин гуна «пробкаҳо» озоданд ва барои худ аз рӯи одоб намедонанд, ки дар сари роҳ истода бо ҳам сӯҳбат намоянду нигоҳ кунанд, ки раванда чи либос дораду чи хел дар роҳ қадам мегузорад. Ҳамин аст, ки вақте мо мадад пурсиданӣ мешавему аз онҳо чизеро суроғ кардан мехоҳем онҳо бо чашми ҳайрат ба мо менигаранд ва узр пурсида рафтан мегиранд. Ба мағозае даромада, забони тоҷикиву русиву англисиро омехта карда, ба духтараки савдогар муроҷиат намудем ва ӯ хоҳиши моро ба инобат гирифта ба куҷое занг зад. Намедонам ӯ мушкили моро фаҳмид ё не, аммо ба фикрам моро корҷӯёни овора гумон карда, аз касе ҷои кори холиро пурсид. Ба шумо кӯмак карда наметавонам гуфтагӣ барин, ӯ ҳам китфҷунбон моро ҷавоб дод. Ман медонистам, ки аз қароргоҳи худ ҳудуди 5-6 километр дур нарафтаем. Зеро на ба метро дохил шуда будему на ба ягон нақлиёти дигар савор шуда будем. Ба берун баромадему диққати моро як мағозаи мӯҳташами шабона фаъолияткунанда ҷалб намуд. Чун вориди он шудем, дидем, ки ду нафар қирғизбачаҳои гурӯҳи дигар баъд аз харид аз мағоза баромада истодаанд. Ончунон хурсанд шудем, ки канор надошт. Қирғизҳо бачаҳои хуб буданд ва як

нафарашон забони японiро на он қадар бад медонист. Маълум гашт, ки аз қароргоҳи худ чанд истгоҳ дур рафта будаем ва бо ҳамроҳии онҳо ба метро савор шуда ба маркази JICA омадем. Ба қадру моҳияти мақоли «Забондонӣ-ҷаҳондонист» акнун расидему хаставу мондашуда дари меҳмонхонаро ворид шудем. Дар набудани мо зодрӯзи Гулнора хоксорона ҷашн гирифта шудааст ва ҳамроҳонамон гумон кардаанд, ки мо бо ҳаловати зиёд ба тамошо рафтаем.

СЕРГЕЙ ВА ТАРҒИБ

Сергей Волковский координатори мо, тахминан марди чилсолаест, ки забонҳои англисиву японiро хеле хуб балад аст. Зодгоҳаш Русия мебошад, аммо даҳ сол боз зиёдтар бо он ки ҳамсараш ҷопонӣ мебошаду ҷои кораш низ дар Япония аст, дур аз ватанаш кору фаъолият дорад. Хеле донову корозмуда ва ба қавле гапдон аст ва ҳангоми сухан гуфтан ваҷоҳаташро чун масхарабозон зуд ба чандин шакл дигар месозад. Масалан биниашро ҷинҷ менамояд ва ё дар ҳолати дигар чашмонашро танг месозаду бадқаҳр ё мамнун буданашро бо ин роҳ нишон медиҳад, ки ин бештар аз ҳама ба духтарон писанд аст. Чи гуна назару андеша ба Русия доштанашро фаҳмидан ниҳоят душвор мебошад, ки ин ҳам гувоҳи аз илми дипломатия хабардор будани ӯст. Табиати шӯх дорад ва кӯшиш менамояд, ки ба аҳли гурӯҳ

таъсири бештари худро дошта бошад. Онҳоеро, ки баъзан саркашӣ намуда, бо тасмими худ нопурсида ба ҷое мераванд, бо суханони нарми обдор танбеҳ медиҳад. Ҳамроҳи мо доимо якҷоя аст ва дақиқае ҳам намегузорад, ки мо беназорат қарор гирем. Дар ин кор ӯ танҳо нест ва духтараки қадбаланду хушрӯи японӣ-Юка ҳамроҳи ӯст. Юка бошад чандон сахтгир нест ва шояд дар иҷрои вазифаи худ ба Сергей такя менамояд, ки ба бисёр корҳои мо аз дур нигаристан мехоҳад. Юкаи ҷопонӣ тарҷумони забони русӣ мебошад ва доим ҳамроҳи худ китоби ғафси луғатро бардошта мегардад. Юка духтараки шармгин аст ва Сергей бошад доим бо ӯ шӯхиҳои боадабона менамояд ва аз он Юка танҳо каме рӯяш лолагун шуда, табассум менамояд. Масалан дар рӯзи аввале, ки мо ҳанӯз онҳоро намешинохтем ва онҳо вазифаҳояшонро маълуму худро муаррифӣ мекарданд, Сергей бо симои ҷиддӣ кулоҳашро аз сар гирифта нимтаъзиме намуд ва гуфт:

-Теперь ваша мама Юка, а я ваша папа. Можете в любое время обратится к нам. Пожайлуста, уважаемая Юка, вам слово.-Бо гуфтани ин ҷумлаҳо тамоми толор будагон хандиданд ва Юкаи дар ҳолати ногувормонда бо азобе дар назди мо шармида чанде сухан гуфт.

Оғози ҳама кор мушкилу печида аст ва мо низ дар фазои нав оҳиста- оҳиста одат карда истодаем. Сергей мегӯяд, ки дар аввал ҳамин хел ҳасту бо гузаштани чанд рӯзи дигар ба фазову иқлими ин

кишвар мутобиқ мешавед ва дар навбати аввал хоболӯдиатон гум мешавад. Се рӯзи аввал вақти бештари мо ба омӯзиши забони японӣ сарф мешавад. Ба ман писанд наомад, ки чи ин қадар моро маҷбур месозанд, ки вақти худашону вақти моро беҳуда сарф намуда, чун тӯтӣ баъзе калимаву ибораҳоро такрор намоем. Мушкилӣ он аст, ки моро бо забони англисӣ забони японӣ меомӯзанд. Яъне агар хоҳед, ки забони японiро омӯзед бояд нахуст забони англисиро донист. Дилсардӣ дар роҳи омӯзиши ин забон ба ман аз гуфтаҳои духтарони қазоқ пайдо шуда буд. Динараи доимо ба оиначааш нигоҳкунандаи қазоқ, ки дар баъзе вохӯриву сӯҳбатҳо худро забондон нишон дода, зӯр зада бо забони японӣ чанд ҷумла мегуфт, рӯзе ба ман гуфт, ки чор сол боз ба омӯзиши ин забон машғулам, аммо натиҷа хеле бад аст. Зеро забони ниҳоят мушкил буда, алифбои мураккаб дорад ва худи япониҳо чанд соли таҳсили ибтидоиашонро пурра барои омӯзиши забони худ сарф мекунанду бо азобе онро ёд мегиранд. Модоме, ки чунин аст, ба худ хулоса баровардам, ки беҳтараш вақтамро ба дигар кор сарф месозам ва ҳангоми ин дарсҳо ба мутолиаи адабиёти русии гуногуне, ки ба мо медоданд, машғул мегаштам. Аммо тарғибу ташвиқи Сергей бетаъсир набуд ва таъкидҳои ӯ, ки «…первые необходимые слова» ба шумо баъдтар дар оилаи ҷопонӣ сахт зарур шуда мемонад, маро

водор намуд, ки зиёда аз дах калимаи японiро азёд намоям.

Ба хӯрокхӯрии нисфирӯзӣ рафтан ба ҳамаамон ниҳоят писанд аст ва ин ба сабаби гурусна монданамон нест, балки он беш аз ҳама ду соат танафусест, ки ба мо медиҳанд. Агар гурусна бошем ҳам мо дар тарабхона муддаои дил сер гашта наметавонем. Ҳафт-ҳашт намуди хӯрок мавҷуд аст, ки аксари онҳо алафин мебошанд ва маълум, ки караму пудина неву ким чи хел сабзавоти баҳрӣ мебошанд, ки бӯи гармобаҳои худамонро доранд. Дар нисфирӯзӣ нонро қариб, ки намебинем ва ҳамчун шахсони бадқаҳр фотиҳаи дастурхонро хонда, зуд ба номераҳои худ медавем. Зеро дар номераҳои худ фатиру кулчаҳои тоҷикӣ ва аксарамон гушти яхнӣ ҳам дорем. Иллати ба номераҳои худ ба шавқ шитоб намудан дар ин ҳолатҳо он аст, ки хӯрокҳо дар рӯзҳои аввал ба табъамон мувофиқ нест. Баъди тановули андаке ғизои тоҷикӣ ба қавле нафси саркаш ором гирифту андак вақти боқимондаро барои хоб сарф намудам, ки ин барои дар рафти дарс ҳушёр будан хеле лозим аст.

Бегоҳӣ Шӯҳрати шӯх маро меҳмондорӣ намуд. Маълум гашт, ки ӯ дар як зарфи тахмин шашлитраи этиленӣ гушти яхнӣ доштааст.

-Қандата зан Шӯҳрат, хайрият, ки дар ягон флягаи калонтар қайларо бисёртар наовардӣ,

вагарна дар ҳама фурудгоҳҳо дарди сари гурӯҳ шуда мемондӣ.-Гуфтам ба ӯ.

-Бародар! Мусофире, ки тӯша надорад, ба монанди ҷанговари дар ҷанг бесилоҳбуда аст.- Ҷавоб дод Шӯҳрат ва як гушти калонро назди ману яктоашро назди худ гузошта, зарфи қариб пур аз гуштро бурда, монанди холаҳои хонадор дар кунҷе ҷо ба ҷо намуд.

Бо Шӯҳрат маслиҳат намудем, ки ҳар чи бодо бод, имшаб мустақилона ба тамошо Токио мебароем. Якҷоя пиёдаву тамошокунон ба стансияи метро рафтем, ки аз меҳмонхонаи мо тахмин ду километр дур мебошад. Огоҳии Сергейро ба Шӯҳрат ёдрас шудам, ки дирӯз субҳ гуфта буд: «Тамоми шароит дар меҳмонхона муҳайё мебошад ва ҳар рӯз баъд аз машғулиятҳо, ки хеле монда мешавед, беҳтараш дар номераҳои худ оромакак истироҳат кунеду ба уммеди харид ба шаҳр набароед. Зеро роҳгум мезанеду барои худатон ва мо проблема эҷод мекунед. Ҳозир сабр кунед, ман худам шуморо ба марказҳои бузургтарини савдо мебарам, ки ҳама чиз онҷо арзон мебошад… ». Ба Шӯҳрат ин гуфтаҳо таъсире набахшид ва дар асл худамро низ хумори тамошо гирифта буд, ки ба фикрам ягон огоҳӣ сади роҳ шуда наметавонист. Се рӯз гузашта бошад ҳам, вале ба мо муяссар нашудааст, ки рӯзона баҳузур кӯчаҳои Токиоро бубинем. Шабона ҳам ин шаҳри зебо хеле диданист. Роҳҳои дуошёнаву сеошёнаро, ки қариб 15-20 метр

баландӣ доранд, аз наздик мебинему ба ин мардуми меҳнатдӯст аҳсант мегӯем. Ба ҳайрат ҳам меоед, ки чи гуна маблағҳои бузург барои маводи дар ин гуна роҳҳо сарфшуда истифода гардидааст. Роҳравҳо ва кӯчаҳоро мебинеду ҳавасатон меояд, ки чи гуна ин тавр тозаю озода ҳастанд. Ягон навъи партовро дар сари роҳ намебинед. Бигзор муҳобот нашавад, аммо ба иллати намнок будани боду ҳаво бошад, ё сабаби дигар, ки ҳеҷ ҳоҷати тоза кардани пойафзолатон нест. Дар Душанбе тоза кардани пойафзолам ба ёдам ҳаст ва тамоми рӯзҳои дар инҷо буданам боқӣ ба ин амал ҳеҷ зарурат пайдо нашудааст. Мағозаву марказҳои савдо, тартиби ҷойгиршаваии онҳо, шакли хизматрасонӣ ва муносибати фурӯшандаҳо хеле хубу писандида аст. Касе ба касе халал намерасонаду кор надорад ва дар ҷое баланду дағал муносибат кардани япониҳоро намебинед. Гумон мекунед, ки дар ягон кишвари дар ҳақиқат мусалмонии аз рӯи фармудаҳои ояту ҳадисҳо амалкунанда қарор доред. Дуздӣ нест, кисабурӣ нест, тел-телкунӣ нест ва ҳақорату дашному дуруштмуомилагиро аз ҷониби хурду калон намешунаведу намебинед. Ин дар ҳолест, ки ин шаҳр рӯзона 12 миллион ва шабона 9 миллион аҳолӣ дорад. Дирӯз назар ба маълумоти дар як нишаст пайдонамудаам, Токио аз 24 ноҳия иборат будааст, ки буҷаи солонаи баъзеи онҳо миллиардҳо доллярро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки нарху наво хеле қимат аст, аммо ин барои япониҳо чандон

чашмрас нест ва маошашон назар ба қавли худашон барои зиндагӣ кифоят менамояд

Ба стансияи метро расидем, ки он ҳам дар зери замин чандқабата аст. Таваккал карда, дар қабати дуюм ба метро нишастем ва баъди ду истгоҳ аз он берун шуда, ба кӯча баромадем. Дилпурӣ ва эътимоди мо он аст, ки ин ду истгоҳро айнан пиёда гашта омада метавонем. Ҳамин тавр ҳам шуд ва бо он ки ҷоеро намедонем, сӯҳбаткунон бидуни истифодаи нақлиёт ба маркази ЛСА омадем, ки қариб ду соат вақт сарф гашт. Аз сайру гашти худ чандон қаноатманд нестем, зеро амали мо ба он шиноваре монанд аст, ки дар соҳилҳои баҳр танҳо пойҳояшро то буҷулак тар менамояду бо сабабе худро ба об намеандозад.

САЙРУГАШТ ҲАМРОҲИ МАККӢ

Гоҳ-гоҳ андешаи манзилу диёр бо олами фикрҳои гуногун суроғам меоянд. Ватан бо ҳама хору хасаш муқаддас аст ва соҳибватан дар ҳама ҳолу аҳвол набояд фаромӯш аз диёри худ намояд. Бале, шахс баъзан ину онро қиёс менамояд, хулоса мебарорад, ба шаклеву тарҳе хостаи худро дидан мехоҳад, вале табиати неки шарқиёнаи мост, ки хулоса мебарорем, ки ҳама чизро Худованд бо оғозу фанои худ офаридааст ва берун аз хостаи ӯ чизе каму беш намегардад. Одамият аксар вақт он чиро,

ки аз сарчашмае тарроҳӣ шудааст, ҳавсалаву қудрати қабул кардан надорад.

Саҳар баъди аз ошхона баргаштан Шӯҳрат бо тантана назди ману Самараддину Мадёр эълон дошт, ки имрӯз чизи аҷоиб моро интизор аст. Аҷоибашро ман намедонистам, аммо Гулчеҳраи тошкентӣ гуфта буд, ки лаҳзаҳои ҳаяҷонбахш барои шумо ҳамон аст, ки ҳамроҳи роҳбалади(волонтёр) худ бидуни тарҷумон ба сайру гашти Токио мебароед ва тамоман озод ҳастед, ки барои тамошо кадом минтақаро интихоб менамоед. Ҳамин тавр ҳам шуд ва баъд аз оне ки муаллимаи забони японӣ-Ҳероида ба қавле ба мо пас дарси чандрӯза фотиҳа дод, ҳамаамон дар толори васеъ ҷамъ омадем. Волонтёрҳо ҷавонони японӣ буданд, ки сари синаашон рақам доштанд ва аксари онҳоро духтарон ташкил медоданд. Чӣ асрор доштани ин рақамҳоро мо ҳанӯз намедонистем ва Сергей иброз дошт, ки фалон варақаро бубинед шумо ҳам рақам доред ва аз рӯи он ба курсие, ки чунин рақам дорад рафта шинед. Акнун фаҳмидем, ки аз рӯи ин рақамҳо моро ҳамроҳони имрӯзаамон ёфта мегиранд. Дар ҳақиқат бо ҳаяҷон интизорем, ки ҳамроҳу роҳбалади мо имрӯз кист? Рақами ман ёздаҳ буд ва назди мизи рақами ёдаҳ рафтам ва духтараки начандон ҷавони японӣ ба ман бо забони англисӣ салом дод. Назди ӯ нишастам ва зуд бо забони англисӣ пурсид, ки оё ман англисӣ медонам? Не гуфтаму бо забони нимколаи англисӣ пурсидам,

ки ӯ мабодо забони русиро намедонад. Ӯ ҳам не гуфту бо ҳамин хомӯшии мо оғоз ёфт. Ҳама ба қавле «подружка» карда аз толор мебаромаданд ва ҳар нафар бо роҳбалади худ акнун ба сайру гашти Токио меравад. Забони аз муаллимаи японӣ омӯхтааам кор надод ва бо он ки кам-кам англисиро медонистам, аз ӯ баъзе чизҳоро мепурсидам. Духтарак Макӣ ном доштаасту муаллимаи мактаб будааст ва ҳоҷат ба муаррифӣ кардани худам боқӣ намонд. Зеро аз рӯи маълумотҳои ташкилоти ЛСА онҳо ғоибона моро мешиносанд. Ба як истгоҳи метро омадем ва бояд чипта гирему то қадри имкон шаҳрро давр зада бароем. Дар миёни мо тоҷикон расму тамоюли ҷавонмардӣ дониста мешавад, ки чун ҳамроҳатон дар сайругашт бонӯ бошад, бояд илтифот намуда, ба ӯ чизе харида диҳед, ё масалан ҳаққи роҳкироро пардохт намоед. Пули ду чиптаро ба дастгоҳ ворид карданӣ шудам, аммо Маккӣ маро нагузошт, ки ба ӯ чипта гирам. Бо исрори ӯ, ки чизе мегуфт, аз назди нуқтаи чиптагирӣ якҷониба истодаму ба худ андешидам, ки айб шуд, ки олиҳиматии мардонаи худро нишон дода натавонистам. Ман фикр мекардам, ки ҳозир ӯ барои ман чипта мехараду тамоман айб мешавад. Вале Маккӣ фақат барои худ чипта гирифту ба ман гуфт, ки марҳамат барои худат чипта харидорӣ намо. Ҳам ғашам омад ва ҳам қаҳрам омад, ки ин Маккӣ на ҳурмати меҳмонро медонаду ва на иҷозат медиҳад, ки ба ҳар ҳол мард эҳтироми бонуро ба ҷо

орад. Аз тамоюли аврупоӣ хабар доштам, ки дар ин гуна ҳолатҳо ҳар кас аробаи худро мекашад, аммо инро дар Япония чашмдор набудам.

Аз ин қабат ба ин қабат ва аз ин метро ба дигар метро ҳамроҳи Маккӣ ҳамсафар мебошам. Намедонам ӯ маро куҷо мебурда бошад ва ниҳоят ҳарос дорам, ки агар мабодо ӯро гум намоям, яқин худам низ роҳро ҳеҷ гоҳ намеёбам. Ӯ шояд инро ҳис менамояд, ки дар баъзе ҷойҳои сериздиҳом аз дастам дошта пеш меравад. Маълум, ки баръакси ин шуда наметавонад, чунки ман ҷоеро намедонам. Нахуст мо ба шаҳрчаи зебои Асокасӣ омадем ва баъди фурсате ба Шинҷюкӣ рафтем. Биноҳои баландошёна, мунаққаш ва ҷилодор дикқати маро ниҳоят ҷалб месозанд. Махсусан аз ошёнаи чилу панҷум назар андохтан ба канораҳои Токио хеле аҷибу хотирнишин аст. Манзараҳои шаҳрро мебинеду гумон мекунед, куттиҳои рангаеро болои ҳам гузоштаанду аз он шаҳр тавлид шудааст ва онҷунон шаҳр бузург аст, ки канору охири онро бо чашм дидан имкон надораду ба назар беохир менамояд. Ба ҳунару донишу малакаи инсонӣ дар ҳақиқат қоил шудан зарур аст, ки аз ӯҳдаи бисёр корҳои бузург баромада метавонад. Ман Маккиро бо фотоаппарати худ акс бардоштам ва ӯ низ барои хотира бо дастгоҳи аккосии худ маро аккосӣ намуд. Бо ӯ сухан гуфтану мақсадро фаҳмонидан ниҳоят душвор мебошад. Акнун дарк мекунам, ки забон донистан ин калиде будааст, ки дари ҳамаи

мушкилиҳои мусофирррро дар хориҷи кишвар ба сӯи осониҳо кушода медиҳад. Монанди ду нафари ёғӣ ба яке аз ибодатхонаҳои Токио рафтем. Ҳамин қадар медонам, ки япониҳо пайрави дини буддоия ва синтония мебошанд. Аммо парастишу эътиқоди шоистае ба дину оини худ доранд. Даҳҳо ҳазор нафар ба назди ибодатхона омада, ба таври худ салиб мекашанду арзу ниёз бо худоҳои худ мекунанд. Ба дохили ибодатхона рафтанро барои худ бо он сабаб зарур надонистам, ки ибодаткунандагон ниҳоят зиёд буданду ду-се соат лозим шуда мемонд, ки ба дохили он рафта расед. Бароям ҷолибу писанд он буд, ки ин қадар издиҳоми бузург бо тартибу низоми хоса дар роҳравҳои танг ба якдигар халал нарасонида, пеш мераванд. Баланд сухан намегӯянд ва касе касеро бо китф намезанаду касе шикоят намекунад, ки кисаамро кофтанд, ё фалон чизамро дуздиданд. Маро аҷабам меояд, ки баъзан мусалмонии мо аз мо дур аст. Ба зоҳир ҳама порсову тақводор мебошем ва шитоби баъзеҳоро дар роҳи масҷид мебинему гумон мекунем, ки Худои Акбар батамом аз мо чунон хушнуд аст, ки канор надорад. Боре бо хоҳиши як бародари эронӣ дар рӯзи Иди Қурбон барои ибодат ба яке аз масҷидҳои шаҳри Душанбе рафтем. Ҳамааш хуб буд, вале замони берун шудан аз масҷид, ки ҳама аз ҷой хеста гӯё сӯхтор шуда бошад, ба сӯи дари баромад медавиданд, назди дар анбӯҳи бузург ҷамъ мешуду барои ҳамагон

мушкилӣ пеш меовард. Ҳангоми хам шуда гирифтани пойафзолаш дар долони масҷид бо тел-телкунии ақиббудагон ба зону ғалтиду мардиро аз даст надода зуд рост шуд ва даҳ-понздаҳ қадам дуртар рафта, баъд имкон пайдо кард, ки либосҳояшро афшонаду пойафзолашро пӯшад. Бо ҳаяҷоне, ки гӯё аз ягон ҳарбу зарб гурехта бошад, аз ман пурсида буд:

-Оғо! Ин шитобу ҷадал баҳри чист? Инҳо куҷо ин қадар медаванд?

Каме хиҷил шудаву ҷавоби муносиб наёфта гуфтам:

-Ин ҳама аз шодии рӯзи ид аст ва бояд ҳама зуд ба табрики ҳамдигар ба хонаҳояшон раванд. Барои ин вақт кам ва шитоб зиёд аст.

Бале мусалмонии мо дар зоҳир бештар аст ва маълум нест, ки ботин гирифтори кадом ботлоқ мебошад. Боре як дӯсти шарқшиносам иброз дошт, ки ғашам меояд, аз ҳамин намозхонии бародаронамон, ки маълум нест бо чӣ мақсад ба масоҷид мераванд. Назар ба нақли ӯ, имом-хатиби яке аз масҷидҳои бонуфузи пойтахт қабл ва баъд аз адои намози ҷумъа чунин эълон кардааст:

«Бародарони мусалмон! Ҷумъаи гузашта аз ҳамин масҷид чанд ҷуфт пойафзол, як велосипед ва сумкаи як корманди шабакаи барқ, ки дар дохилаш ба ғайри пули барқ баъзе ҳуҷҷатҳои муҳим низ будааст, дуздида шудааст. Медонем, ки дузд шарм дошта ҳеҷ гоҳ рӯи рост чизҳои дуздидашударо

оварда намедиҳад. Хоҳиш мекунем, ки ақаллан ҳамон сумкаи ҳуҷҷатҳоро назди масҷид оранду партофта раванд, ки соҳиби он дар сурати наёфтан ба муҷозот гирифтор мешавад…».

Боре шайхи навадсолаи маъруфу соҳибэҳтиром - Махсуми Нуриддинҷони файзободӣ чунин гуфта буд, ки он доимо дар гӯшаи хотир боқист: «Оқибати амалро фикр кардан он тараф, ҳатто ба ёд овардан намехоҳем, ки ин мӯҷиби ҳама бадбахтиҳост ва бо зоҳиртарошиҳо одамон бехабаранд, ки Худоро неву худро мефиребанд…» Баъзан ба худ хулоса менамоям, ки дар ҳақиқат рафъи бӯҳрони маънавию ахлоқӣ дар ҷомеа ниҳоят амали душвор мебошад ва барои нест кардани он даҳсолаҳо кифоят намекунад…

Аз телефони Маккӣ ба Сергей Волковский занг зада гуфтам, ки бигзор Маккӣ маро ба тамошои ягон намоишгоҳ ё осорхона барад. Сергей гуфт, ки дар барномаи рӯзҳои минбаъда ин хоҳишатон иҷро мешавад ва таъкид намуд, ки ҳозир шумо дар наздикии як намоишгоҳ-фурӯшгоҳи автомобилҳои истеҳсоли японӣ қарор дореду Макӣ шуморо гирифта ба онҷо мебарад. Ҳамин тавр ҳам шуду бозори мошини японияро ҳам дидем. Нархҳо гарону барои мо шаҳрвандони собиқ ИҶШС афсонавию дандоншикан мебошанд. Барои ин ман гилаву ишора аз собиқ ИҶШС менамоям, ки ин давлати бузург ба мо фақат аз ҳастии маркаҳои «Лада», «Жигулӣ», «Волга», «Москвич» ва

«Зопорожетс»-и автомобилҳо дарак медоду гумон мекардем, ки дар дунё мо пешсафтарин мебошем. Дар ин намоишгоҳ навъҳо ва шаклҳо он чунон зиёданд, ки фақат барои онҳоро дидану тамошо кардан чанд рӯз ҳам кифоят намекунад. Бо хоҳиши Маккӣ аз намоишгоҳ баромадему дар наздикии тарабхонае як пиёлагӣ қаҳва нӯшидем. Чун рӯз аз нисф алакай мегузашт, аз ҳамраҳи худ хоҳиш намудам, ки ба марказ-қароргоҳи худ баргардем. Он имкон ҳам вуҷуд дошт, ки мо дар ҳаминҷо видоъ намуда, ҳар кас ба роҳи худ равад, аммо ҳайҳот, ки ман роҳро намеёбам ва Макӣ маҷбур аст, ки маро баргадонда ба марказ орад.

РАВЗАНАЕ БА ОЛАМИ ВАО-И ЯПОНИЯ

Субҳ бо он ки заминларза шуд аз хоб бедор гаштам. Рафи китобҳо ва баъзе майда чуйдаҳо, ба чашм хеле аён меҷунбиданд. Андаке тарс дар дилам пайдо гашт ва ба чи қарор омаданамро ҳам маълум карда натавонистам. Баъди чанд дақиқа алакай якбора аз чанд шабакаи телевизионӣ чи тавр ҷунбидани замин нишон дода мешуд. Шояд аз ҷониби ширкатҳои телевизионӣ дар нуқтаҳои баландтарин камераҳои шабу рӯз наворбардоранда насб карда шудаанд, ки ин қадар ба шакли фаврӣ ва дақиқ ҳамагуна барномаро қатъ намуда, ҳодисаи замиларзаро нишон медиҳанд. Биноҳои бузургошёна чун бозичаҳои кӯдакона кам ҳам

бошанд ин тарафу он тараф алвонҷ хӯрда мечунбанд. Шореҳ аз рӯи ҷадвалҳо дар кадом минтақа чанд дараҷа доштани заминларзаро шарҳ медиҳад. То ин замон барои худ маълум намудаам, ки то як андоза ин ҳодисаи табиӣ барои япониҳо як чизи муқарарӣ ҳам гашта мондааст. Рӯзе нест, ки дар Япония заминларза набошад. Ҳамаи ин таскини дилам шуду боз болои диван дароз кашидам. Маълум, ки агар дар Тоҷикистони худамон чунин ҳодиса ба амал ояд, тасмими нахустин ин аз хона баромадану дар ҷои кушоду бехатар қарор гирифтан аст. Аммо дар Япония ба фикри ман дар хона дар якҷо истода наҷунбидан беҳтарин чора аст. Зеро дар берун кӯчаҳо ниҳоят танг мебошанд ва Худо накарда он биноҳои 60-70 ошёна хароб шудаву сарнагун гарданд, аз сад ҷонатон яктоааш ҳам раҳо намеёбад. Номераи ман дар меҳмонхона дар қабати чорум аст, аммо ин қабат на дар боло, балки дар зери замин аст. Чун аз кӯча, аз роҳи асфалт ба лифтхонаи бино ворид мешавем, агар аксарият барои ба қабатҳои нӯҳуму даҳуми бино баромадан тугмачаро зер намоянд, ман ва баъзеҳои дигар баръакс тугмаи ба поён фарояндаро зер менамоем. Бино хеле аҷиб сохта шудааст. Ҳарчанд дар қисмати поёнии замин ошёна дошта бошад ҳам, вале чун аз тиреза ба берун менигаред, ниҳолу дарахтони гуногунро мебинед, ки монанд ба ниҳолу дарахтони болоии кӯчаанд. Меъморону лоиҳакашон мувофиқи маълумотҳое, ки дар нишастҳо ҳосил

менамудем, бо санъату нишондодҳои махсус биноҳоро месохтаанд. Масалан дар зери замин ошёна доштани биноҳо ба он хотир будааст, ки амнияту истодагарии онҳо дар заминларзаҳо бештар таъмин мегаштааст. Барои зилзила мардуми Япония омодагиҳои зиёд дидааст ва онҳо дар ҳақиқат аз ҳодисаҳои зилзила ва сӯхтор ниҳоят метарсанд. Дар ҳамшафати бинои меҳмонхонае, ки дар он буду бош дорем, маркази сӯхторхомӯшкунӣ қарор дорад, ки тамоми рӯз онҳо машқ менамоянд. Ҳангоми субҳона ману Самараддину Шӯҳрат замиларзаро муҳокима кардем. Самараддин, ки забони англисиро медонад, хабар дод, ки заминларза 4-5 балл буда, оқибаташ низ бахайр будааст.

Акнун мо бо Юкаву Сергей одат карда истодаем ва онҳо бо мо. Пеш аз ҷое рафтан ва баъди аз онҷо хориҷ гаштан онҳо бо мо сӯҳбат намуда, дар бораи чи гуна рафтору муносибат намуданамон ба мо дастуру маслиҳатҳои муфид медиҳанд. Имрӯз низ Сергей ба мо лексияи кӯтоҳи саҳариро хонда дод ва таъкид кард, ки гурӯҳҳои алоҳида вобаста ба ихтисосашон ба воситаи ҳавопаймо ба баъзе шаҳрҳои нисбатан дуртар мераванд. Махсусан гурӯҳеро, ки онро «Рушди минтақаҳо» меномидем, сафари аҷибтар доштанд. Ҳозир дар Япония фасли баҳор ҳукмронӣ дорад ва ҳаво гарм асту бо як курта ҳам дар Токио гаштугузор кардан мумкин аст. Ин гурӯҳ бояд ба Хоккайдо раванд ва аъзоёни онро

таъкид намуданд, ки бо худ либосҳои гарми зимистона гиранд, ки онҷо барф ва ҳаво сард аст.

Қисмати аввали барномаи имрӯзаи моро сӯҳбату мулоқот бо намояндагони «Асосиатсияи Японии ноширон ва муҳарирони рӯзномаҳо» ташкил медиҳад. Маркази ин асосиатсия дар хиёбони Тиёда-ку Сента Билдинг воқеъ гардидааст. Таърихи мухтасари матбуоти Ионияро ба мо хонда доданд. 130 сол қабл аввалин рӯзномаи японӣ аз чоп баромада будааст. Вазъи рӯзнома дар Японияи имрӯза дар ҳолати хеле хуб қарор дорад. Онро ҳатто яке аз беҳтаринҳо дар ҷаҳон метавон донист. Масалан нашрияи «Йомури» (Хабарнигор) аз ҷиҳати бузургтиражӣ, сифат, фаврият ва бисёрсаҳифагии худ дар ҷаҳон дар ҷои дуюм меистад. Баъзе рӯзҳо тиражи он ба 14 миллион нусха рафта мерасад ва дар як рӯз ду маротиба нашр мешавад. Сензураи ВАО дар ин кишвар вуҷуд надорад ва ҳар нафар шаҳрванди японӣ ҳуқуқ дорад, ки вобаста ба имконоти худ рӯзнома ё ширкати телевизионии худро таъсис диҳад. Зеро ВАО дар ин давлат ҳамчун як навъи истеҳсолоти сармоядорӣ шинохта шудааст ва ашхоси алоҳида бо доштани шаклҳои гуногуни ВАО даромадҳои ҳангуфтро соҳиб мешаванд. 50 фоизи мардони то шастсола рӯзномахонони фаъол мебошанд. Баъди ин мулоқоту мусоҳибаҳо, мо савори автобуси дуошёнаи замонавӣ манзараҳои зебои Токиоро тамошокунон ба назди манораи телевизионии

Токио ТАВА омадем. Ин манора хеле мӯҳташам аст ва дар радифи баландтарин манораҳои телевизионии ҷаҳон қарор дорад. Аз се таваққуфгоҳ иборат аст, ки тамошобинон тавассути лифтҳои бузург боло мебароянд ва шаҳрро аз баландӣ тамошо менамоянд. Тахмин 20-25 нафар ба лифт савор шуда ба баландии сад метр боло шудем. Кайфияти аҷиб дорад, вақте деворҳо ҳама аз шиша иборатанду озодона ҳамаҷоро мебинед. Махсусан зери пой, ки шишаи ғафсесту ба поён менигаред, гумон мекунед, ки дар осмон муаллақ қарор дореду ҳозир ба поён сарнагун мешавед. Баъзеҳо бо он ки сарашон чарх мезанад, аз болои шиша канор мераванд, ки мабодо дилбеҳузур шуда нағалтанд. Баъди андаке тамошо ба поин фаромадам ва мағозаеро, ки дар зери манора қарор дорад, чарх зада баромадам. Сергей доимо мегӯяд, ки барои харид кардан саросема нашаведу фаромӯш накунед, ки шумо бештар дар маркази шаҳр қарор доред, ки дар фурӯшгоҳҳои он ҳама чиз қимату гарон мебошад. Як нишони рамзии манораро харидаму боз ба боло назди аҳли гурӯҳ рафтам. Дилфузаи ӯзбекистонӣ хоҳиш намуд, ки бо дастгоҳи аккосии худаш ӯро чанд акс бардорам. Канортар рафта ҳамроҳи ӯ биноҳои баландошёнаро дар масофаҳои дуру наздик мебинем, ки рангҳои гуногуну ҷолиб доранд. Ҳарчанд кӯшиш намоед ҳам канори шаҳрро дидан имкон надорад.

-Ба бисёр шаҳрҳои ҷаҳон сафар кардам, вале ҷоеро монанди Токио зебову озодаву бузург надидаам. Маданияти шаҳрдорӣ хеле баланд аст ва ҳама чизе ки мебинед ин гувоҳи пешравии ин кишвар аст.-Гуфт Дилфуза бо як навъ оҳанги қолабӣ ва як навъ оҳанги ҳасад.

-Агар ягон ҷавони японӣ ба Дилфуза дил бандад ва ӯро бозпас ба ватанаш рафтан намонад, Дилфуза чи вокуниш нишон медода бошад? - Сухани худро як навъ филологиву дипломатӣ намуда таги дили ӯро фаҳмидан хостам.

-Як бало карда гурехта меравам, лекин суроғаи хонаамонро медиҳам, ки аз дунбол хостгорӣ ояд. - Баланд хандидаву хеле моҳирона ҷавоб дод ӯ.

Дар асл медонам, ки духтарони гурӯҳ дар дил шавқи баланди дар ин кишвар идомаи зиндагиро доранд ва барои ин алакай кӯшишҳо низ менамоянд. Масалан духтарони қирғизу қазоқ каму беш забони япониро омӯхтаанду дар баъзе ҳолатҳо забондонии худро ба ину он нишон медиҳанд, ки шояд василае барои пайдо намудани машғулият дар ин кишвар гардад. Албатта ин амал ё орзӯ падидаи манфӣ нест. Худи япониҳо ба ин зид намебошанд ва монеа намегузоранд. Дар соли 2001 дар ин кишвар ташкил гадидани 39 ҳазор оилаи интернатсионалӣ ба қайд гирифта шудааст. 44 фоизи ҷавонони японӣ бо духтарони хитоӣ издивоҷ намудаанду дар ҷои дуюм духтарони кореягӣ ва дар

ҷои сеюм духтарони филипинӣ меистанд, ки соҳиби шавҳари японӣ гаштаанд.

Баъди сайругашти тӯлонии имрӯза каме хаста шуда, ба маркази JICA баргаштем. Хостем, ки Сергейро розӣ кунонем, ки моро ҳамчун роҳбалад ба маркази савдои «Акиҳабар» барад. Ӯ ваъда дод, пагоҳ ба онҷо меравем. Аъзоёни гурӯҳ бисёр мехоҳанд, ки дастгоҳи аккосӣ, камераи наворбардорӣ ва компютерҳои истеҳсоли япониро харидорӣ намоянд ва ин орзӯи ман ҳам буд, ки як бало карда якто «Нотбук» харида монам.

Бегоҳиҳо мо дар меҳмонхона бекор наменомем ва барои рафъи хастагиву мондагиҳо ба бозии волейболу минифутбол машғул мешавем. Барои бозии теннис ва блиард низ шароит муҳаё аст. Бозии ин бегоҳинаи волейбол, ки бо гурӯҳи ҷавонони африқоӣ доштем хотирмону ҷолиб буд. Зеро мо волейболбозони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин бозӣ мағлуб гашта будем.

АЗ НАШРИЁТ БА ТЕЛЕВИЗИОН

Боз як субҳи нави Токиоро пешвоз мегирем. Хоб ниҳоят ширин аст. Агар инҷо субҳ бошад, дар Душанбе шояд акнун тараддуди хобро бинанд. Чун талаботу низом аст, дар вақти зарурӣ бояд, ки омода бошем. Юка ва Сергей доим таъкид мекунанд, ки бояд мо хеле ҳушёр бошем ва фаромӯш накунем, ки мардуми Япония хеле дақиқкор мебошанду таъхиру

баҳонаҳои дер монданро намеписанданд. Ин гуфтаҳо доим дар хотири мо нақшбастааст ва ҳар кадомамон кӯшиш менамоем, ки бо фаъол будани худ дар чашми координаторамон намоён шуда монем. Ҳангоми наҳории субҳона Анвар бо шӯхиҳои худ тавонист, ки духтаракони индонезиро ба гап дарорад. Аз ҳамраҳони мо аз ҳама шӯх Шӯҳрат мебошад, аммо ӯ шомили гурӯҳи дигар асту феълан чанрӯза дар шаҳри дигар қарор дорад. Акнун ба ҷои Шӯҳрат Анвар шӯхиҳо мекунад, рақс мекунад, ба ин ё он сароянда тақлид намуда суруд мехонад. Як хосияти Анвар он аст, ки хеле баланд ва хеле хандаовар механдад, ки мақсади хандаро нафаҳмида ҳам ба ханда меоед. Анвар аслан дарундор буда, хеле зиёд дар бораи ину он фикр мекунад. Маълумоти олии журналистӣ ҳам надошта бошад, аммо журналисти хуби радио аст. Ин аст, ки дар бахши вилоятии радиои Тоҷикистон дар шаҳри Қурғонтеппа яке аз хабарнигорони фаъол ба шумор меравад. Ӯ доим маслиҳат мепурсад, ки оё метавонад, маълумоти олиро дар ДМТ ба шакли ғоибона соҳиб шавад. Доимо ба ӯ мегӯям, ки дар давоми се сол метавонад,ки соҳиби маълумоти олӣ шавад, аммо ӯ қариб ҳар рӯз бо ташвиши хос боз ҳамин саволро медиҳад. Муваффақияти асосии Анвар он аст, бо ҳама гуна шахс муошират карда метавонад, ки маҳорати асосии журналист низ ҳамин мебошад.

Бо имову ишора, ним англисиву нимрусӣ муошират намуда, ба мизи он ду нафар духтаракони индонезӣ наздик шуд ва онҳо низ ба шӯхиҳои Анвар бетафовут намонда, ба таври худ механдиданд. Ба таклифи Анвар ва дӯстони навамон ман низ ба мизи онҳо наздик ва шарик шудам. Анвар тавонист, ки бо ҳама забон надонистанҳояш ба онҳо фаҳмонад, ки мо аз Тоҷикистон ҳастем. Ман ҳам бо он ки чанд калимаи англисиро медонистам, фаҳмида гирифтам, ки онҳо мусалмон будаанду ихтисосашон табиб будааст. Дар бораи Тоҷикистон қариб, ки маълумот надоштаанд ва ҳатто намедонанд, ки он дар куҷо воқеъ гардидааст. Чун фаҳмонидем, ки мо ҳамсарҳади Афғонистон мебошему номи Русияву Қазоқистонро гирифтем, баъд дарк карданд, ки ватани мо дар куҷо ҷойгир аст. Хурсандиовар он буд, ки онҳо бидуни ёдовар гаштани мо номи Синоро ба забон гирифтанд. Аз фарҳангу тамаддуни эрониҳо низ каме хабардор будаанд.

Ман ва тамоми рафиқонам аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, бояд аз ташкилоти ЛСА ва Ҳукумати Япония миннатдор бошем. Чун субҳонаро анҷом медиҳем, моро дар берун нақлиёти замонавӣ интизор аст. Аз ҳисоби ин созмон, ки ҳадафи бозомӯзиву дӯстиро дорад, моро ба беҳтарин мавзеъҳо, корхонаҳо, ташкилоту ширкатҳои бонуфузи дар сатҳи байналхалқӣ эътирофгашта мебаранд. Дар беҳтарин тарабхонаҳо чавонони

кишварҳои мухталифи ҷаҳонро гирди ҳам меоранд, ки дар бораи давлатҳои ҳамдигар маълумот пайдо намоему бо ҳамдигар шинос шавем.

Савори автобус шудан низ, ки ҳамарӯза гуногунтамға мебошанд, бароямон ҷолибу хотирмон аст. Сергей баландгӯякро дар дохили автобус ба даст гирифта, ҳар як манзара, хиёбон ва биноеро, ки аз наздаш мегузарем, муфассал шарҳ медиҳад. Зарурат ба савол додан наметмонад, ки аз ӯ чизеро пурсон шавем. Имрӯз низ роҳравон дар бораи ину он ба мо маълумот медиҳад. Дар дохили автобус бо садои паст мусиқии классикии японӣ ба гӯш мерасад, ки хеле фораму гуворост. Ҳамроҳи Анисаи қазоқ ва Қундӯзи қирғиз дар ақиб нишастаем. Алакай хислату одати онҳоро медонам. Аниса хеле журналисти фаъол аст ва доимо талош мекунад, ки лаҳзаҳои ҷолибро наворбардорӣ намояд. Дар нишастҳо низ нисбат ба дигар журналистдухтарон саволи бештарро ба масъулин ӯ медиҳад. Қундуз низ наттоқи телевизион дар Қирғизистон мебошад ва хеле ҳусни расо дораду дар байни духтарони гурӯҳ зеботарин дониста мешавад. Шояд мафтуни зебоист, ки дар дохили автобус ҳам ва дар берун дар ҷойҳои хилваттар доим оиначаашро нигоҳ мекунаду аз воситаҳои гуногуни ороиши занона истифода менамояд. Шахсан ба ман бо он писанд аст, ки нисбати тоҷикон дар замири дил муҳаббат дорад. Баъзан дар баҳсҳои бемаъние, ки дӯстони ӯзбек

меоростанд, ҷонибдории моро намуда мегуфт, ки инҷо барои шумо ҷои талошу ҳақшумориҳо несту таърих ба мо худаш ҳама чизро собит намудааст ва минбаъд низ менамояд. Воқеан дар рафти баъзе сӯҳбатҳову сухангӯиҳо мо гурӯҳи чорнафараи журналистони тоҷик ба ҳолатҳои ногувор дучор мегаштем. Дар як семинар, дар баромади кӯтоҳи худ аз таърихи қадимии тоҷикон ёдовар гаштаму дар зери таъну маломати Нодир Ахмедови ӯзбекистонӣ мондам. Ҳам дар рафти семинар ва ҳам баъди он бо ман чунон муносибат намуд, ки гӯё моли падари ӯро аз худ намуда бошам. Дар ҳамин ҳолат Қундуз маро ҷонибдорӣ намуда, боиси қатъ намудани даъвоҳои беаънии Нодир гашта буд.

Бо тай намудани тахмин 30-35 километр роҳ ба назди бинои нашриёти «Коданша» расидем. Панҷ нафар аз роҳбарияти ин нашриёт бо мо дар гирди мизи мудаввар нишастанд. Бузург будани ин нашриёт дар суханронии муовини директори он маълум гашт. Ин гуна нашриётҳои бузургдоира дар тамоми кишварҳои мутараққии ҷаҳон вуҷуд доранд, ки онҳоро наҳангҳои табъу нашр низ меноманд. Зеро онҳо қисмати зиёди нашри матбуоти бузургформату бузургтиражро дар ихтиёр дошта, даромадҳои калонро низ соҳиб мегарданд. «Коданша» ҳам ҳар сол ба буҷаи давлат даҳҳо миллион доллар ворид месозад. Бонуфузтарин маҷаллаҳои японӣ маҳз дар ин нашриёт ба табъ мерасанд. Маҷаллаҳои калонтарин то 400 саҳифа

дошта, нархашон ба ҳисоби миёна 25-30 доллар мебошад. Чунин маҷаллаҳо рекламавӣ мебошанд ва бештар маҳсулоти япониро реклама менамоянд. Нашриёт низ ҳавасманд аст, ки бештар нашр намудани чунин нашрияҳоро дар ихтиёр дошта бошад. «Коданша» дар байни се ҳазор ншриётҳои дигари японӣ бо иқтидори бузурги худ дар ҷои аввал меистад. Ба чанд утоқи кории кормандони нашриёт ворид гаштем. Ҷои шарҳу тавзеҳи зиёдатӣ нест, ки ҳамагуна корхонаи истеҳсолии японӣ бо техникаи ҳозиразамони электронӣ муҷаҳҳаз мебошад. Меҳнати дастиро қариб, ки намебинед ва ҳама чизро техника иҷро менамояд. Ба мо дар охир қоғазу қалами гуногунро ба сифати тӯҳфаю хотира супориданд. Чунин эҳсос менамоям, ки вақтро хеле эҳтиёт менамоянд ва дар рафти кор ба чизи дигар банд буданро намеписанданд. Ба шумо салом мегӯянд, хуш омадед мегӯянд ва боқӣ то чизе напурседу муроҷиате нанамоед, ба шумо кордор намешаванд. Ба таври дигар гӯем ҳар кас дар паи ташвишҳои худ овора аст.

Бояд иқрор гашт, ки барои ман ва шояд барои дигарон ҳам, хӯрокхӯриву ба тарабхонаҳои японӣ рафтан як гуна мушкиливу ташвиш дорад. Дар ҳақиқат интизору нигаронем, ки оё тарабхонаи навбатӣ хизматрасонии аврупоӣ дорад ё японӣ. Онҳое, ки ба Япония сафар намудаанд, медонанд, ки ин халқ нонро хеле кам ва қариб, ки истифода намебаранд. Нони онҳо ба гуфти худашон ин

биринҷ аст ва онро хеле зиёд истифода менамоянд. Ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ моро ба як тарабхонаи зебое бурданд. Бо Анвару Сайёраи ӯзбек гирди як миз нишастем ва интизор шудем, ки ҳозир ба мо чӣ меоварда бошанд.

-Ана хомшӯрборо оварданд.-Гуфт Анвар гилаомез.

-Инҷо дар хобамон хомшӯрборо мебинем.-Илова кардам ман ва донистам, ки боз ҳамон косачаи пур аз ким чи гуна хӯроки баҳрист.

Анвар болои миз хам шуда як бӯй кашиду бай-бай гӯён косачаро канор гузошт ва аз табақчаи дигар монанд ба пиёз як сабзавоти дигари баҳриро ба даҳон андохт. Ба Сайёра ҳам аз афти кор хӯроки мазкур писанд набуд, ки ба он нимнигоҳ ҳам накард. Интизори хӯроки дуюм шуда нишастем. Хӯроки дуюм аз ним моҳӣ иборат буд ва баъзан қоидае роиҷ аст, ки ҳамроҳи хӯрок ба наздатон биринҷу нон меоранд, ки аз он якеро бояд интихоб намоед. Сайёра гуфт, ки нон одамро фарбеҳ мекунад ва биринҷро интихоб кард. Ману Анвари муштоқи нон албатта ҳақамонро, ки аз ду кулчаи хурд иборат бидуни ину он гирифтем. Афсӯс, ки ҳам аз ҷиҳати вазн ва ҳам аз нигоҳи ҳаҷм се-чор ин гуна кулчаҳои японӣ баробари ним кулчаи тоҷикии худамон шуда наметавонад. Агар имкон мебуд, чор панҷтоӣ кулча мегирифтем, аммо чи илоҷ, ки одат кардану қоидаро риоя кардан лозим аст. Баъди ин яхоб ва тортҳои гуногун оварданд, ки муддаои дили

мо буд. Албатта ҳадаф танқид кардани сифату тамъи хӯрокҳои ин кишвар нест, балки бозгӯ намудани урфу одату расмиёти миллии ин кишвар аст. Худи япониҳо ва онҳое, ки одат намудаанд, бо завқи тамом ҳама навъи хӯрокро истеъмол менамоянд. Ҷои инкор нест, ки агар япониҳо ҳам табақҳои шакароби моро бубинанд, ё мантуро бо нон истеъмол карданамонро мушоҳида намоянд, хоҳу нохоҳ ба ҳайрат меоянд.

Баъди нисфирӯзӣ моро ба «Маркази телевизион ва радиошунавонии Япония» оварданд. Даромадан ба бинои марказ зери назорат қарор дорад, вале гурӯҳи журналистон будани моро ки медонистанд, бо эҳтиром муносибат намуда, баробари ворид гаштан ба шинос намудани сохтори коргоҳ шурӯъ карданд. Роҳрави асосӣ шояд 0,50 гаро ташкил диҳад ва дар он равуои кормандон хеле зиёд аст. Дар деворҳо ба ҷои овезаҳову баннерҳое, ки ҳозир дар мо мӯд аст, бештар тахтаҳои гуногуни электронӣ овезон аст, ки навору аксҳои мухталифро давр занонда нишон медиҳанд. Сипас ба толор ворид шуда, филми 10-12 дақиқагиро ба мо намоиш доданд, ки характеристика ва таърихи кӯтоҳи коргоҳ ба ҳисоб мерафт. Кормандони он дар маҷмӯъ аз ҳазор нафар зиёданд ва қоил шудан зарур аст, ки тамоми дастгоҳҳо наву замонавию пешрафта мебошанд. Дар утоқи дигар экрани баландиаш чор метр ва дарозиш иборат аз шаш метр гузошта шудааст, ки хурдтарин зарра ҳам дар он падидор

аст. Аҷобати студияҳои наворбардориро тасвир намудан мушкил аст. Шояд арзиши ҷиҳозу маводи дар онҳо ҷойгиршуда миллинҳо долларро ташкил диҳад. Дар яке аз студияҳо филм барои бачаҳо бо номи «Модари ман» устухонбандӣ (монтаж) карда мешуд. Дар студияи дигар намоише дар бораи ҳиндуҳои қадимӣ мерафт, ки охирин маротиба таҳрир худро меёфт ва бояд ин бегоҳ манзури тамошобинон гардад. Даҳҳо студияҳои дигарро дидем, ки дар ҳамаи онҳо кор авҷ дорад. То ин сатҳ шафоф сабт ёфтани садову симо аз пешрафти техникаи электронии ин кишвар дарак медиҳад. Вақте вориди утоқу студияҳо мегардед, касе ба шумо аҳамият намедиҳад ва гӯё шуморо надидаанд. Ҳатто масъулу роҳбари коргоҳ ҳам ворид гардад, корманди қаторӣ аз ҷо хеста, садоқату эҳтиром ба ҷо намеораду худро тамаллуққорона кордону фидоӣ вонамуд намекунад.

ҚАСРИ ИМПЕРАТОР

Токио шаҳрест, ки бештар фазои намноку рутубатдорро соҳиб аст. Дар ҷое айёми донишҷӯӣ хонда будам, ки ин шаҳр аз ҷиҳати экологӣ ба проблемаҳои зиёд мувоҷеҳ аст ва инро эҳсос ҳам менамоем. Аз баландии манораи телевизионии Токио мушоҳида намудан мумкин аст, ки фазои шаҳрро ғуборе фарогир аст. Аммо барои худ

маълум карда натавонистем, ки он ба қавле «буғи уқёнус» аст, ё чангу ғубори аз саноат ба фазо партовшуда. Шаҳр тозаву озода ҳаст, манзараҳо аҷибу диданианд, вале кас зуд мондагиеро дар худ эҳсос менамояд. Ба ҳар ҳол то нисфирӯзӣ бо завқи тамом ҳар як бахши барномаро сипарӣ менамоем. Имрӯз аз субҳ омодаем, ки ба тамошои «Қасри император» равем. Дар дохили автобус Сергей дар бораи императори аъзам ба мо маълумот дод. Қасри император дар яке аз нуқтаҳои марказитарини шаҳри Токио ҷойгир аст. Аз масофаи начандон дур шукӯҳи он намоён аст ва кӯшиш карданд, ки нисбат ба дигар нуқтаҳои шаҳр, ки биноҳо хеле зич ҷойгиранд, атрофи ин қасрро озод нигоҳ доранду дар шафати он чизе насозанд. Ин қаср дар ҷои хеле мувофиқ ва теппаи начандон бузурги чашмрас бо доштани дарахтони арчамонанди сарсабз ҷойгир мебошад. Бошукӯҳ ва пурасрор будани он бо як дидан ба кас маълум мешавад. Гирди онро чун ҳандақ оби ороми паҳноияш 10-15 метр печонида гирифтааст. Аҷибтар он аст, ки об дар хеле пастӣ ҷойгир аст, ки ин барои амнияти ҳудудҳои қаср хеле мувофиқ мебошад. Ба замми ин аз сангҳои зебои бо санъати махсус кандакориву қолабшуда, девори баландиаш 4-8 метраро гирди он аз дохили об бардоштаанд, ки барои ворид шудани «ҳамагуна нохалаф» ба дохил монеаи бузург мебошад. Атрофи қаср хеле васеъ аст ва яку якбора даҳҳо ҳазор нафар метавонанд, ки

бемалол сайругашт намоянд. Ба назди дарҳои зебову мунаққаши даромадгоҳи асосӣ омадем, ки онҷо бештар сайёҳони хориҷӣ қарор доранду акс мегиранду навор мебардоранд. Мо ҳам барои хотира ва ҳар кас барои худ акс бардоштем. Хайрият, ки Анвар бо худ камераи наворбардорӣ дорад ва гурӯҳи мо мутмаин аст, ки дар наворҳои бардоштаи ӯ мо низ ҳастему Худо хоҳад дар Тоҷикистон аз он нусха мебардорем.

Дар инҷо бо Игори қазоқ каме гапамон гурехт. Ӯ монанди партизанҳои ҶБВ аст. Қаҳрамоне дар як мултфилм ҳам ба ӯ монанд мебошад, ки вақти акс бардоштанаш объекти худро аз чор паҳлӯ даҳ маротибагӣ акс мебардорад. Ҳангоми акс бардоштанаш гӯё ман ба ӯ халал расонида бошам ва вақте ин эътирозашро ба ман баён кард ба ӯ гуфтам, ки аз ҳад зиёд акс набардор, ки фотоаппаратат месӯзад. Инро ба ӯ сахт карда гуфтам, чунки дирӯз бегоҳӣ назди чанд нафар ӯ ҳам «Хайём аз мост» гуфта, даъво карда буд.

Таърихи императории Япония хеле бою рангин ва он дар радифи яке аз монархияҳои кӯҳантарини ҷаҳон дохил аст. Худи қасри ҳозираи пойдормонда таърихи чорсадсола дорад ва то имрӯз номи 125 нафар императорҳои дар салтанат қарордошта маълум мебошад. То анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон тамоми идораи давлат дар ихтиёри император қарор дошт ва аз рӯи таълимоти равияи синтония император шахсияти муқаддас дониста мешуд. Гӯё

нахустин император қудрате доштааст, ки бепарда бо худои Аматэрас мулоқот менамудаасту қарору тасмимҳо мебаровардааст. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон бо сабабҳои маълум статусу вазифаҳои император дигар мешавад. Акнун вай на роҳбари давлат, балки рамзи он аст. Императори ҳозира Акиҳито мебошад, ки 125 –ум дар таърих дониста мешавад. Император дар баробари ин аз баъзе ҳуқуқҳо маҳрум мебошад. Номҳои аъзоёни оилаи ӯ ба китоби санадҳои ҳолатҳои шаҳрвандӣ дохил намешаванд ва император наметавонад, ки дар интихоботу овоздиҳиҳо ширкат варзад, ё номзадии худро ба ягон вазифаи сиёсӣ пешниҳод намояд. Аммо чун роҳбари муаззам бо иродаву нияти хайр ба давлатҳои гуногун сафар менамояд ва роҳбарони баланпояи давлатҳои хориҷиро ба ҳузур мепазирад.

Зиндагии аҳли оилаи император махфиву пӯшидааст ва ҳатто журналистони аз ҳама ба иборае «якрав» ҳам наметавонанд, ки дар бораи оилаи император чизи наверо кашф созанд ва ба ин мавзӯъ вобаста ба қонунҳои маълум таваҷҷӯҳ низ зоҳир наменамоянд. Император ва аъзои оилаи ӯро тариқи телевизион танҳо бо иштирокашон дар маросимҳои расмӣ дидан мумкин аст. Гоҳ- гоҳе дар бораи саломатии император дар баъзе рӯзномаҳо ва шабакаҳои телевизионӣ хабарҳои кӯтоҳ нашр мешаванд. Аъзоёни оилаи император ҳама соҳибмаълумоту ихтисосманд мебошанд. Масалан худи Акиҳито биолог мебошад, ки дар фаъолияти

чандинсолаи худ даҳҳо мақолаҳову рисолаҳои илмиро таълиф намудааст.

НАШРИЯИ «ЙОМУРӢ»

Маданияти шаҳрдории япониҳо хеле баланду шоиста аст ва ба ҳар куҷо, ки менигаред, ҳатман намунаи онро мебинед. Забони ин миллат низ хеле ширину малеҳ мебошад ва дил мехоҳад, ки дар баъзе ҷойҳо салому пазироии духтаракони японӣ ду-се маротиба такрор ёбад. Либоспӯшии онҳо низ ҷолиб ба назар мерасад. Бо ҳамин гуна сифатҳо қисмати дуюми рӯз духтаракони японӣ бо лаҳни ширину чеҳраи хандон моро дар назди идораи нашрияи «Йомурӣ» пешвоз гирифтанд. Нахуст дар идораи рӯзнома ба мо филмеро намоиш доданд, ки таърих ва иқтидори имрӯзаи нашрияро дарбар мегирад. Ҳар рӯз ду маротиба нашр мегардад ва дар тамоми шаҳрҳои бузургтарини олам мухбирони худро дорад. Нашри ҳар шумора баробари маҳсулоти якшабонарӯзии истеҳсолшудаи масалан як фабрикаи мурғпарварии ҷумҳурии мо ва шояд аз он ҳам зиёд бошад. Тасаввур кунед, ки як шумораи рӯзнома баъзан то 12 миллион тираж дорад ва арзиши як рӯзнома баробар якуним ду доллари ИМА аст. Дар назди редаксия 28 матбаа амал менамояд ва аз онҳо корвони мошинҳои боркаш шумораи навбатии рӯзномаро қатор шуда берун мебароранд. Ин дар қиёс ба рӯзномаҳои мо

тафовути бузург дорад ва аксарият медонем, ки нашри шумораи нави аз ҳама сертиражтари газетаи моро се-чор нафар баҳузур зери бағал намуда, аз чопхонаҳо берун мебароранд. Албатта инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки рӯзнома бузургформат мебошад ва ҳар шумора аз 60 то 130 саҳифа дорад. Ба қимати ахбор, фаврияти ахбор ва садоқату самимияти кормандони васоити ахбор дар ин кишвар эътимод ҳосил менамоед. Чун ба бинои редаксия ҳайати бистнафараи мо ворид гашт, лаҳзаи якҷоя будани мо аксбардорӣ шуд ва то оне ки вориди толори семинарӣ шудем аксҳои тайёр алакай болои мизҳои ҳар кадоми мо қарор дошт. Ба дасти хонанда рафта расидани рӯзнома ба шаклҳои гуногун сурат мегирад. Субҳи содиқ аст, аммо хаткашонҳоро мебинед, ки савори велосипед дар кӯчаҳо бо шитоб бастаҳои рӯзномаро ба хонаҳои соҳибонашон бурда мерасонанд. Аз ин маълум мешавад, ки чун даврони шӯравии мо обуначиҳои рӯзномахон хеле бисёр мебошанд ва масъулияти дастрас намудани рӯзнома хеле зиёд аст. Аммо масъалаи асосии ин гуна субҳидам шитоб доштани хаткашонҳо дигартар аст. Рӯзнома, ки дар як рӯз ду маротиба ба табъ мерасад, нашри субҳгоҳии онро бояд япониҳо пеш аз он ки ба коргоҳхои худ раванд, гирифта хонанд, маълумот пайдо намоянд ва ахиран ба қавли худашон мусаллаҳ шаванд. Ин мусаллаҳшавӣ воқиф будан аз навгониҳои рӯз аст ва такрору ба маротиб дар аксар нишастҳову

мулоқотҳо ин фарзияро аз забони журналистони японӣ мешунидем, ки барои олами ахбор кашфи нав нест: «Ҳар кӣ соҳибиттилоот аст, соҳиби ҳокимият аст».

Дар баробари ин рақобати шаклҳои гуногуни ВАО дар Япония хеле шадид мебошад. Маълум, ки аз ҷиҳати техника ва технологияи электронӣ ин кишвар дар ҷаҳон дар яке аз ҷойҳои аввал қарор дорад ва васоити электронии ахбори он рақобати ҷидиеро бо матбуот ба миён овардааст. Агар инчунин саривақт рӯзнома дастраси хонандагон нагардад, пас ҳамагӣ дар давоми чанд соат моҳияти худро гум месозад. Ҳатто хаткашонҳои пиёдагардро мебинед, ки ҳангоми иҷрои кори худ медаванд. Иқтидори рӯзнома хеле бузург аст ва тавре яке аз масъулони он иброз дошт, дар ояндаи наздик рӯзномаи мазкур дар баробари «Нию-Ёрк Таймс» барин нашрияе, ки буҷаи солонааш 10-12 миллиард долларро ташкил медиҳад, қарор гирифта метавонад. Барои ин танҳо дар сабқату рақобат тоб оварданро шарти асосӣ медонанд. Рӯзнома шабакаи махсуси телевизионии худро дорад, ки бо забонҳои англисиву японӣ барнома пахш месозаду тамошобинони зиёдро соҳиб аст. Ягон рӯзномаи дигар дар Япония ин гуна студияи бузурги телевизиониро соҳиб нест, ки аз нигоҳи ҷалби аудитория инчунин маҳбубият дошта бошад. Рӯзнома барои кормандони худ шароитҳои зиёдеро муҳайё намудааст. Ба таври мунтазам барои

ҳавасмандӣ ба ҳайати чандинҳазорнафараи худ мукофотпулиҳоро дареғ намедорад. Бо мухбири вашингтонии рӯзнома сӯҳбати наздик намудем, ки таҷрибаи бои рӯзноманигорӣ дошт. Дар рафти сӯҳбат ва нишасти матбуотии рӯзнома, суханбозиву орифтарошӣ намуда чунин савол додам:

-«Сарватмандон ҳам мегирянд…», барои рӯзномаатон мушкил чист?

-Дуруст аст ва ҳатто сарватмандон гиряи бузургтару бисёртар доранд ва барои рӯзномаи мо дарди асосӣ ин аз даст додани хонандаи ҷавон мебошад, ки рӯз аз рӯз камтар ҷалб шудани онҳоро эҳсос менамоем. Хонандаи бештари рӯзномаи моро калонсолон ташкил медиҳанд ва агар имрӯз ҷавонон ба рӯзнома таваҷҷӯҳ надошта бошанд, пас маълум, ки моро оянда чӣ интизор мебошад. - Ишораро дарк намуда ҷавоб дод яке аз мудирони шӯъбаҳои рӯзнома.

Сабаби майл надоштани ҷавонон ин худ маълум, ки гаравиши онҳо ба васоити электронӣ аст ва ин барои Япония барин кишвари «электронӣ» ин зуҳурот ҳеҷ ҷои тааҷҷуб надорад.

ТЕЛЕВИЗИОНИ «ТИБА» ВА ДОНИШГОҲИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ

Ба Токио алакай ба таври худ шинос гашта истодаем ва ин шиносоиву қаноатмандӣ барои

Анвару Шӯҳрату ман барин ашхосе, ки аз мустақилона ба шаҳр баромадан ҳарос дорем, он аст, ки масалан ба мағоза рафта собуну хамираи дандоншӯиву баъзе майда чуйдаҳои дигарро бемалол харида омада метавонем. Як ҳафта зиёдтар боз дар Токио қарор дорем ва росташ, ки пазмони ватану диёр ҳам гаштаем. Барномаи JICA дилгиркунанда нест, аммо баъзан аз баҳсороии иддае аз «олуфтагон»-е, ки онҳо низ меҳмони ин кишваранд, ғаши кас меояд. Алалхусус шабона чун ҳама дар марказ ҷамъ меоянд, нигаронем, ки сӯҳбати баъзе ҳамсояҳо боз кадом самтро интихоб мекарда бошад. Аз ин рӯ сӯҳбату нишастҳои шабона натанҳо ба ману баъзе рафиқони тоҷикам, балки ба журналистони қирғизу баъзе духтарони қазоқ низ писанд нест. Гӯиё мо инҷо барои ҳалли баъзе масъалаҳое омада бошем, ки дар вақташ Сталин ба онҳо расидагирӣ карда натавониста буду имрӯз боиси ихтилофи назарҳост. Бинобар ин ба ҷойҳои умумии меҳмонхона камтар меравему агар равем ҳам, бештар бо ҷавонони кишварҳои дигар сӯҳбаторӣ менамоем. Баъзан дар як хона (номера) худиҳо ҷамъ меоему ба сӯҳбати хоси худ машғул мешавем. Шояд пазмонии ёру диёр ё чизи дигар бошад, ки дар сӯҳбати имшаба Анвар хаёломез гуфт:

-Илоҷаш бошад, ки шабона дар Тоҷикистону саҳари барвақт боз дар Токио бошем, бисёр аҷиб мешавад.

-Ин имконро фақат Брежнев дошт. Дар баъзе ривоятҳо омадааст, ки ӯ баъзе рӯзҳо ҳамроҳи баъзе дӯстони наздикаш хӯроки нисфирӯзиро дар Париж тановул мекардаасту зуд ба Маскав бармегаштааст.- Шӯхиомез гуфтам ман. То як поси шаб дар бораи ину он сӯҳбат намудему сафари пагоҳинаро ба ёд оварда ва бо орзӯи шаби хуш ҳар кас ба хонаи худ барои тараддуди хоб рафт.

Имрӯз низ савори автобуси зебои замонавӣ мо ба яке аз канораҳои шарқии Токио равонем. Мушоҳидаҳо дар мо он хулосаро ҳосил менамояд, ки Япония натанҳо дар ҳалқаи уқёнусу баҳрҳост, балки дохили он низ пур аз об аст. Шумораи зиёди пулҳо, ки баъзеяшон хеле бузурганд ва ҳаракати киштиҳои хурду калон дар онҳо ба ин гувоҳ мебошад. Акнун чанд рӯзи охир мебинем, ки сафарҳои мо бештар ба беруни пойтахти ин давлат сурат мегирад ва шояд он берун ҳам набошад. Зеро ин шаҳри зиёда аз даҳмиллионнафара дар ҳақиқат доманафрохтааст. Бо роҳи васеи мумфарши ҳамвор автобус бо суръати баланд пеш меравад ва ин роҳ қад-қади соҳили уқёнуси Ором тӯл мекашад. Заврақу баъзе киштиҳои хурдро дида будем, аммо бо ин бузургӣ ин гуна бандаргоҳҳову киштиҳои мунаққаши бузургчуссаро аввалин бор мебинем. Ин кадар онҳо зиёданд, ки гумон мекунед, ҳисоби дурусти онҳоро ёфтан душвор аст ва ба воситаи бузурги ҳамлу нақл будани роҳҳои обӣ ҳам ба зудӣ бовар мекунед. Ба он ки Япония дар саноати

киштисозӣ дар ҷаҳон дар ҷои аввал қарор дорад, ҷои шубҳа боқӣ намемонад. Ба уқёнус ҳам назар кардан ҳаловати аҷиб дораду ҳарчанд талош кунед ҳам канори онро намебинеду хаёл мекунед, ки офтоб аз дохили об тулӯъ менамояд. Нигоҳи дуродур ба уқёнус чунин гумонро дар дил ҳосил мекунад, ки об баланд шуда-баланд шуда, ба кӯҳи қуллаҳояш ҳамвор табдил меёбаду шумо дар поини он қарор доред. Дар ҳақиқат ҳам ба қудратҳои Офаридгор қоил шудан зарур аст, ки чи тавр ӯ ҷаҳонро бо қоидаҳои хос сохтааст. Ҳарчанд Кӯраи Заминро асосан об фаро гирад ҳам, вале мебинед ки қитъаҳои алоҳида дар ташнагии об сӯхта истодаанд. Обҳои беканорро мебинеду афсӯс аз он мехӯред, ки имрӯз давлатҳову кишварҳои алоҳида, баъзан барои дарёҳое, ки шояд дар назди уқёнус баробари як ҷӯйча ҳам набошанд, дар талошу бухлу баҳсҳо қарор доранд. Тибқи ҳисоби олимон Кӯраи Замин қудрати 60 миллиард нафар одамро бардоштану хӯронидану пӯшониданро дорад. Кӣ медонад, ки масалан баъди ҳазор соли дигар инсоният шояд баҳсу ҷангу муборизаҳоро на барои нафту дигар боигариҳои уқёнус, балки барои оби уқёнус оғоз намояд. Мо дар он давраҳову замонҳо нестем, лекин ҳамин қадар гуфтан мумкин аст, ки агар одамият имрӯз бо шумораи 6-7 миллиарднафараи худ ин қадар проблемаҳои экологиву фисқу фуҷурро анҷом медиҳад, пас бо

шумораи даҳ маротиба зиёди худ шояд саёраро ду-се маротиба чаппагардон намояд.

Бо ҳамин гуна хаёлу гумонҳо якуним соат роҳ рафта ба қисмати шарқии Токио ҳам расидем. Аз рӯи гуфтаҳои координаторамон мо аз маркази JICA дар масофаи 100 километр, дар ҳудуди шаҳри Токио қарор дорем. Яъне мо аз маркази пойтахт дур шуда бошем ҳам, вале аз ҳудуди он берун набаромадаем, ки ин яке аз бузургшаҳрҳои ҷаҳон будани Токиоро собит менамояд. Мо ба Тиба омадем. Шаҳрча ё перефектураи Тиба нисбат ба дигар манотиқи Токио тафовутҳо дорад. Кӯҳҳо ва теппаҳои 500-600 метр баландӣ дошта, бештар ба назар мерасанд. Дар маркази Токио дарахтони қадафрохтаи баландро намебинед ва ба ҷои онҳо дарахтони махсус кӯтоҳкардашуда, ки ҳамагӣ ду-се метр баландӣ доранд, бештар ба чашм мерасанд. Бинанда гумон мекунад, ки онҳо ё экспонатанд, ё натиҷаи аз ягон сӯхтор боқимондаанд. Аммо дар Тиба ниҳолу дарахтони ба иқлими минтақа хос зиёданд ва маълум, ки ин гуна дарахтон бештар дар соҳилҳои баҳру уқёнусҳо месабзанду хеле зебоянд. Меҳмонхонаҳои гуногун зиёданд ва биноҳои баланошёна хеле кам аст. Кӯчаҳо низ фарохтар ва роҳҳо васеъ мебошанд, ки аз минтақаи туристӣ будани он дарак медиҳанд. Муҳиму боиси таъкид он аст, ки дар баробари ин қадар биноҳову иншоотҳо, боз ҳам сохтмонҳои гуногун бо суръат идома доранд. Дар баландии 20-30 метр, дар

ошёнаҳои ҳаштуму нӯҳум мебинед, ки техникаҳои гуногуни сохтмонӣ ба корҳои гуногун банд мебошанд. Онҳо чун техникаҳои даврони шӯравии мо хеле вазнину муқтадир набуда, балки бо шаклҳои хурду рангоранги худ аз дур мисли лӯхтакҳои кӯдакона ба назар мерасанд. Шаҳрчаи Тиба ҳамагӣ 990 ҳазор аҳолӣ дорад ва аз 11 ноҳияи маъмурӣ иборат аст. Баъд аз сайругашти начандон тӯлонӣ мо ба маркази «Телевизиони Тиба» омадем. Иқтидори ин телевизион чандон бузург набудааст. Ду соат пагоҳӣ ва ду соат бегоҳӣ барнома пахш месозад. Мӯҳтавои ин барномаҳоро бештар ахбори музофотӣ ва маълумот дар бораи боду ҳаво ташкил медиҳад. Чигунагии боду ҳаво низ чун заминларзаву сӯхтор барои ин халқ хеле муҳиму ташвишомез аст. Зеро тӯфону буронҳои аз баҳру уқёнус ба вуҷудомада, метавонанд хатарҳои зиёдеро ба худ дошта бошанд, ки барои ин омодагиҳои муайян дида мешаванд. Барномаҳои таҳлилии иқтисодӣ низ дар ин телевизион мақоми махсус доранд. Дар ду студияи ин телевизион ҳашт камераи сифатан баланд гузошта шудааст ва мувофиқи маълумоти ноиби директори телевизион онҳо чандин арзиши баланд надошта, ҳар кадомашон бо нархи сӣ ҳазор доллар харидорӣ шудааст. Сергей шрифти дар экран ҷойдоштаро ба воситаи телефони худ акс бардошт ва дар кӯтоҳтарин лаҳза барномаи телевизионро дар саҳифаи Интернет дарёфт намуд. Телевизиони

мазкур 90 нафар корманд дорад, ки қисмати бештари онҳоро кормандони техникӣ ташкил медиҳанд. Пахши барномаҳои мустақим низ барои ин телевизион амри муқарарӣ мебошад ва ин гуна барномаҳо бештар аз ҳаёти шаҳрдорӣ сурат мегиранду таҳия мешаванд. Масалан ҳозир соат бо вақти маҳаллӣ дақ мебошад ва тариқи телевизион пахши мустақими нишасти матбуотии губернатор ҷараён дорад. Баъдан нишасти матбуотии масъулону кормандони ин телевизион, бо ҳайати мо - гурӯҳи журналистони мамолики Осиёи Марказӣ сурат гирифт. Саволи нисьатан ҷолибро дар ин нишаст корманди радиои Ӯзбекистон Дилфуза пешниҳод намуд:

-Сабаби ҷойгоҳи маҳдуд доштани мавзӯоти сиёсӣ дар ВАО-и Япония дар чист?

-Масъалаҳои сиёсӣ аз назари ВАО-и мо дур наменонад, вале масоили иқтисодиву иҷтимоиро мо дар мадди аввал мегузорем, ки он як шохаи бузурги сиёсат аст.- Кӯтоҳ ва рамзӣ ҷавоб дод яке аз кормандони фаъоли ин телевизион, ки чанде қабл симои ӯро дар навор, дар рафти нишасти матбуотӣ дида будем.

Дар фарҷом ба мо тӯҳфаҳоеро ба сифати хотира супурданд, ки мо низ дар навбати худ ба онҳо баъзе чизҳои ба сифати тӯҳфа бурдаамонро ба онҳо ҳадя намудем. Махсусан тоқии гулдӯзии арӯсие, ки Анвар аз бозори Корвон гирифта

будааст, ба наттоқи барномаҳои ахбори ин телевизион Ҳеродита писанд омад.

Барои тановули хӯроки нисфирӯзӣ ба тарабхонаи «Боғи офтобӣ» омадем. Тарабхона ба шароити бинои он мувофиқ номгузорӣ шудааст. Зеро ҳама дару деворҳои он аз шиша иборат аст ва ҳам дар дохилу ҳам дар беруни он ниҳолҳои гуногуни сарсабз ба чашм мерасанд. Қисмати муайяни шифт низ аз шишаи шафоф иборат аст, ки офтоб бемалол ба дохил нурафшонӣ менамояд. Курсиҳо муқарарӣ бошанд ҳам, вале мизҳо даврашакли як ҷонибаш дарозрӯи ифодакунандаи ким кадом анъанаи қадимии ин халқ будааст. Шакли хизматрасонии он бо услуби аврупоӣ сурат мегирад, ки ин мақбули ҳамаи мо буд.

Дар байни гурӯҳ сари дастурхону ҷойҳои дигар аз ҷониби Юкаву Сергей кӯшиш карда мешавад, ки дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмрон бошад. Махсусан Сергей талош менамояд, ки мавриди сӯҳбатҳо номи ҳама гирифта шавад ва агар касе ба иборае «дар канор монад», ҳатман бо шӯхие номи ӯро зикр менамояд. Ба ин ҳунари координаторамон дар ҳақиқат қоил шудан даркор, ки ӯ сухандону ҳозирҷавоб аст. Ихтисосаш шарқшинос (забони японӣ) бошад ҳам, аммо аз баъзе журналистон дида ӯ серҳаракату бомаҳораттар аст. Вақте дар тарабхона навбат ба тановули тортҳои фаронсавию англисӣ расид, аз афташ Шавкати ҳамгурӯҳамон ширинивву тортро намеписандид, ки дар байни бист

нафар бо як ваҷоҳати норизоёна ва монанд ба шахси қавоқаш гирифта ором менишаст.

-Шавкат марҳамат аз тортҳо даҳон ширин кунед.- Таоруф намуд Сергей.

-Ҳа ташаккур.- Гуфт Шавкат ва гӯё пианино менавохта бошад, ки бо нӯки ангуштонаш болои миз як-як расонида нағма мекард.

Пештар дар бораи Шавкати Ӯзбекистонӣ гуфта гузашта будем, ки ӯ чи хел тануманду шикамбузург аст. Дар миёни ҳайати ӯзбекистонӣ ягона нафарест, ки беозор ва ҳалиму нармгуфтор аст ва аз баҳсҳову сӯҳбатҳои ғаразнок худро андак дур мегирад. Албатта ҷои хандаву тамасхур нест, аммо ба қавли худи Шавкат ӯ 120 килограмм вазн дорад. Ба гумонам шояд вазнаш аз ин ҳам зиёдтар бошад. Зеро вақте мо ду-се нафар дар як нишастгоҳи автобус мешинему сӯҳбаткунон сафар мекунем, Шавкати бечора барои баҳузур ҷой гирифтан доимо худаш танҳо дар як нишастгоҳ дар ҷои ду нафар мешинаду гӯшакҳои хурдро ба гӯш монда, ба гуфти худаш аз радиоплейр мусиқӣ мешунавад. Дар мулоқоту вохӯриҳо низ ӯ доимо дар каноре ҷой мегирад ва кӯшиш мекунад, ки ба касе халал нарасонад.

- Сергей мумкин аст, ки мо ин бегоҳ ё фардо барои шикастани ормонамон дар уқёнус як оббозӣ карда гирем?- Оромии муваққатиро халалдор намуда якбора пурсид Шавкат.

-Мумкин аст, аммо нахуст ба воситаи радио марказӣ як хабар ё огоҳӣ барои мардуми ин кишвар додан лозим аст, ки масалан пагоҳ Шавкат барои оббозӣ ба уқёнус медарояду ба вуҷуд омадани «Сунамӣ» аз эҳтимол дур нест ва бигзор ҳамагон омода бошанду чораи бехатарии худро бинанд. - Ин ҷавобро Сергей чунон бо як ваҷоҳати ҷиддӣ баён дошт, ки дар аввал асли мақсадро касе зуд дарк накард. Аммо чун номи «Сунамӣ» гирифта шуд, инони ханда ба осмон печид. Шавкат аввал дар ҳолати ногуворе монда, сурх шудаву аз саволи додааш шармид ва ноилоҷ ӯ ҳам хандид.

Тибқи вақти муқараршуда мо дар саҳни тарабхона ҷамъ омадаем ва чун Қундузу Аниса омаданд, Сергей шӯхиҳои таҳдори худро фаромӯш накарда дар назди автобус гуфт:

-Вақте Қундузу Аниса омаданд, ин маънии онро дорад, ки акнун мо меравем. -Боз ҳам аз шӯхии ӯ ҳама хандидем. Зеро ин ду зебосанами гурӯҳамон бо сабаби орову тороҳшон доимо дар ҳама ҷо таъхир мекунанд.

Баъди нисфирӯзӣ ба Донишгоҳи телевизионии Тиба омадем. Ин донишгоҳи таълимиву пажӯҳишӣ аз ду студияи бузурги таълимӣ иборат аст, ки рамзофар мебошанду ранги яке сафеду ранги дигараш кабуд аст. Вобаста ба иқтидори молиявии худ донишгоҳ дар ихтиёри худ як шабакаи телевизионие дорад, ки шабонарӯзӣ аз рӯи омодагии қаблӣ бо реҷаи муайян барнома пахш

менамояд. Ҳафт бахши сабти барномаҳоро дорад ва дорои панҷоҳ маркази таълимӣ низ мебошад. Донишгоҳ дар назди худ бойгонии бузурге дорад, ки ба муддати чор сол нигоҳ дошта мешавад ва баъди ин муддат вобаста ба моҳияту қимат аксар мавод нест карда мешаванд. Даромадан ба бинои донишгоҳ қоидаҳои худро дорад. Пойафзолатонро бадар мекунеду попӯшҳои сабукро мепӯшед ва бояд бесадову ором роҳ равед. Дари чанд утоқро кушода вориди он мешавем, аммо дар ин гуна утоқҳои васеъу барҳаво, ки пур аз компютерҳои даргирону дастгоҳхои мухталиф аст, ба ҷуз як ё ду нафар корманди техникӣ касеро намебинед. Ин гуна утоқҳои бидуни донишҷуй кам набуданд ва ба худ савол медодем, ки дар куҷо бошад аудиторияи васеи пур аз донишҷӯй, ки дар он ягон профессори мӯҳтарам лексия хонда истода бошад. Мутаассифона ин гуна набудааст ва шунавандагону донишҷӯёни ин даргоҳ дар хонаҳояшон барномаҳоро таҳия намуда, танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ барои банду баст ва ҳал намудани баъзе саволҳои мушкил ба инҷо меомадаанд. Яъне амалия ба маротиб зиёд аз назарияе будааст, ки алҳол хос барои баъзе кишварҳост.

Бо мо ҷаноби Сокни - корманди шӯъбаи умумии донишгоҳ сӯҳбат орост. Назар ба қавли ӯ муассиса дорои факултетҳо ва аспирантура мебошад. Шакли ғоибонаи таҳсил дар инҷо маъмул мебошад ва омадани донишҷӯёнро чандон ҳатмӣ

надонанд ҳам, аммо дар «дарсҳои рӯ ба рӯ» онҳо ҳозир мегарданд. Моҳияти ин «дарсҳои рӯ ба рӯ» он аст, ки мушкилтарин масалан мафҳуму амалҳо шарҳу тавзеҳ меёбанд, ки онро донишҷӯ дар ҷои дигару бо шакли дигар дарк намуда наметавонад. Иштирок дар ин гуна дарсҳо маънии аз ихтисоси муайян бархӯрдор гаштани донишҷӯро дорад. Дар марказҳои алоҳида донишҷӯёну шунавандагон дар мӯҳлатҳои муқарагашта тариқи даҳониву хаттӣ имиҳонҳои худро месупоранд. Касе, ки иштирок карда наметавонад, ҳуқуқ дорад, ки омада аз бойгониву китобхонаи донишгоҳ бемалол истифода барад ва аз сари нав имтиҳон супорад. Дар Донишгоҳи Тиба 300 фанни таълимӣ вуҷуд доштааст, ки аз ҷониби мутахассисони баландпоя тадрис мешавад. Довталабе, ки хоҳиши донишҷӯи ин даргоҳ шуданро дорад, бидуни заминаи муайяни донишҳову таҷрибаҳо наметавонад муҳассили он бошад. Яъне довталаби ҷопонӣ чун дар мо яку якбора аз паси мизи мактабхонӣ берун ҷаставу ҳаваси донишҷӯ шуданро надорад. Масалан барои шомил шудан ба донишгоҳи ҷопонӣ ду-се сол омодагӣ дидан зарур аст ва хатм кардани донишгоҳ низ осон сурат намегирад. Барои он ки соҳиби дипломи Донишгоҳи Тиба шавед бояд, ки даҳ соли умри худро дар инҷо сипарӣ намуда, 124 фанро аз худ намоед. Ҳар як фан 5000 йени ҷопонӣ арзиш дорад. Дар маҷмӯъ донишгоҳ 95 ҳазор шунаванда дораду ин гуна донишгоҳ дар Япония якто аст.

Барои муҳассилини хориҷӣ тариқи Интернет ҳам дарсҳо омӯзонида мешаванд. Мубодилаи устодон ба таври ҷиддӣ ба роҳ гузошта шудааст ва аз донишгоҳҳои марказии Токио устодон бештар ҷалб мегарданд. Ҳаштод нафар профессор ҳайати устодонро ташкил медиҳанд ва дарсҳо низ дилгиру тӯлонӣ набуда, як дарс ҳамагӣ 45 дақиқаро дарбар мегираду дар тӯли сол 15 дарс гузаронида мешавад. Барои аспирантон низ қоидаҳои муайян амал менамоянд ва аспирантон бо тариқи маъмул дар давоми ду сол бояд рисолаҳои худро дифоъ намоянд. Мӯҳлати охирини ҳимоя даҳ солро дарбар мегирад. Дар дарсҳои васеъ то 150 нафар иштирок мекунанду аудиторияи оддии муқарарӣ барои 64 нафар омодаву муҷаҳҳаз аст.

ДАР МАРКАЗИ «ПАНАСОНИК»- И МАШҲУР

Бегоҳирӯзӣ бо роҳи васеи соҳили дарёи Едогаро, ки ба уқёнуси Ором мерезад, ба маркази ширкати «ПАНАСОНИК» омадем. Дар бисёр ҳам ҷои зебо воқеъ гардидани он худ як санъату дарёфти олисту дили касро тасхир менамояд. Уқёнус наздик мебошад ва шамолаки начандон ороми сарди мавҷҳои он сару рӯи касро сила менамояду садои он низ чун оҳанги мавзуне ба гӯш мерасад. Маркази ин ширкат чандон бузург набошад ҳам, вале хеле зебову мунаққашу

асрорангез ба чашм менамояд. Дар монитори калони элетронӣ, ки дар болои бино ҷойгир аст, бо забони англисӣ «Хуш омадед, меҳмонони ЛСА» навишта шуда буд. Ба воситаи лифти замонавии ҷопонӣ, ки хеле орому бесадову мавзун ҳаракат менамояд, ба ошёнаи чорум баромадем. Боз ҳам роҳравҳои тозаву озодаи беодамро мебинем ва ҳангоми гузаштан аз назди баъзе утоқҳои корӣ, ки дарҳои шишагии шафоф доранд, кормандони ширкатро мебинем, ки бо вуҷуди чанд нафар будан дар як утоқ бидуни садоеву сӯҳбате ҳар кас ба кори худ банд аст. Ҷаноби Ҳиросако ҳамчун як узви маъмурияти ширкат моро дар толори барҳавое пешвоз гирифт. Аз сӯҳбати ӯ фаҳмидем, ки то имрӯз 770 ҳазор нафар аз 135 кишвари ҷаҳон аз ин марказ дидан намудаанд, ки аксари онҳоро ашхоси баландпоя ташкил медодааст. Охирин маротиба, чанд ҳафта қабл ба ин марказ Президенти Конго ва Сарвазири Япония ташриф оварда будаанд. Чун ширкат моли нави худро истеҳсол менамояд, шумораи зиёди журналистон инҷо ҷамъ меоянд ва муаррифиии маҳсулоти нав сурат мегираду журналистон аз ихтирои нав маълумот пайдо мекунанд. Президенти ширкат Накомира Иоми мебошад, ки бештари вақт ҳангоми тавлиди маҳсулоти нав ва муаррифии он бо журналистон нишасти мабуотӣ созмон медиҳад. Баъди андаке саволу ҷавоби дигар мо ҳамроҳи роҳбалад - Эдӣ ба намоишгоҳи ширкат ворид гаштем. Ба ҳар яки мо

гӯшмонакҳои садогирро (наушник) доданд, ки агар роҳбалад аз мо дур ҳам бошад, ҳоҷат ба он наменонад, ки гардан дароз карда аз байни издиҳом садои ӯро гӯш кунед, ки канӣ чӣ мегӯяд? Дар назди яке аз тахтаҳои электронӣ Эдӣ ангушташро назди акси глобус бурд. Глобус дар нӯки ангушти ӯ давр задан гирифт ва бинанда гумон мекунад, ки он ҳақиқиву аслӣ аст, ки аз дохили табло берун гашт. Аз мо пурсид, ки ҳозир куҷоро дидан мехоҳед? Касе гуфт, ки Лондонро ба мо нишон диҳед ва ӯ ангушти дигарашро ба болои шаҳри Лондон бурд. Кӯчаҳову хиёбонҳои Лондонро медидем, ки чун навори мустақим ҳама чиз зинда ба назар ҷилва менамуд. Ҳамчунин маълум гашт, ки дар Лондон шаб ҳукмфармост. Барои санҷиш чанд шаҳру давлатҳои дигарро хоҳиш кардем, ки ба мо нишон диҳад. Дар ҳақиқат ҳама чиз дақиқ нишон дода мешуд ва шаб ё рӯз ҳукмфармо будану чи гуна боду ҳаво доштани он шаҳрро ҳамон лаҳза мефаҳмидем. Дар ҷои дигар тирезаҳои истеҳсолнамудаи ин ширкатро медидем, ки боз ҳам аҷибтар буданд. Монанди он ки ангушт болои авроқи китоб мегузореду варақ мезанед, роҳбалад манзараҳои гуногунро интихоб менамуд, ки дар як лаҳза дар паси тиреза ҳамон манзара падид меомад. Агар хоҳед, дар паси тирезаи худ манзараи баҳори кӯҳсорро мебинед, ки мурғакони гуногун бо лаҳни худ месароянд ва таровати баҳориро гӯё, ки аз наздик эҳсос менамоед. Баҳр, шаршара, шаҳрҳои

бузург ва бисёр чизҳои дигар дар паси ин тиреза ҷой гирифтаанд ва чун онро интихоб менамоед, хаёл мекунед, ки масалан хонаи шумо дар соҳили баҳр қарор дорад. Ҳамин гуна тахтаи дигар намоиш дода шуд, ки шумо дар он пианинаро интихоб мекунеду менавозед ва ё аз он барои худ бозии мақбулро интихоб менамоед, ки на чун бозиҳои компютерист. Дастгоҳи хурдакаки дигар муаррифӣ гашт, ки он дар масофаҳои гуногун ба шумо кӯмак мерасонад. Агар даҳҳо километр дур аз хонаатон қарор дошта бошед ҳам, чун ба хонаатон дузд ворид мешавад, ин дастгоҳ садои махсус бароварда, дар навор чи амал иҷро кардани дуздро нишон медиҳад. Агар дар роҳ омада истода бошеду хоҳед, ки хонаатонро гармакак дарёбед, ё агар хоҳед, ки то расида омаданатон чой ҷушаду хӯроки болои газ гарм бошад, кифоя аст, ки яке аз тугмачаҳои онро зер намоед. Бисёр чизҳои дигарро низ намоиш доданд, ки афсонамонанд буданд ва чунин хулоса кардан мумкин аст, ки инсоният бо таҳаввулоти илмиву техникӣ дар оянда соҳир шуданаш мумкин аст.

Ширкат овозадору машҳур бошад ҳам, вале корхонаҳои истеҳсолии он бештар дар хориҷи кишвар қарор доранд. Ин омил сабабҳои махсуси худро низ дорад, ки аз он ширкат манфиатдор мебошад. Сабаб ё баҳонаи нахустин он аст, ки дар Япония, ки дар қиёс ба шумораи аҳолӣ чандон ҳудуди васеъ надорад, проблемаи ҷиддии кам

будани замин вуҷуд дорад ва барои ширкатҳои овозадор имкони пурра пайдо нест, ки тамоми корхонаҳои истеҳсолиро дар ҳудуди Япония мустақар созанд. Сабаби дуюм он аст, ки дар берун ҷой гирифтани корхонаҳои истеҳсолкунанда ба осоиштагии экологӣ то ҳадде мусоидат карда метавонад ва ҳамзамон дар дигар кишвар ҷой гирифтани ин гуна коргоҳҳо як навъ пешравии тиҷоратист. Дар Хитой ва Куриёи Ҷанубӣ корхонаҳои истеҳсолии ширкатҳои бонуфузи японӣ аз ҳама бештар ба қайд гирифта шудаанд. Дар бораи шумораи корхонаҳои истеҳсолии «ПАНАСОНИК», ки дар кишварҳои ҳамсоя қарор доранд, маълумоти аниқ пайдо накардем. Аммо масалан ширкати «ШАРП» танҳо дар кишвари Чин 700 корхонаи истеҳсолии худро дорад, ки аз иқтидори бузурги ин ширкат дарак медиҳад. Дар навбати дигар ширкатҳои японӣ дар бозори ҷаҳонӣ рақобати асосиро на бо ширкатҳои бегона, балки дар байни худ мебинанд. Аз ин рӯ ҳар чӣ зиёдтар намудани корхонаҳои истеҳсолӣ дар хориҷи кишвар комёбии ин ширкатҳо дониста мешавад.

«САКУРА-САКУРА»-И ОНҲОВУ «САБЗАК ЛАБИ ҶӮ…»-И МО

Имрӯз субҳгоҳӣ дар маркази ЛІСА гурӯҳи ҷавонони японӣ дар ҳайати 22 нафар моро интизоранд. Мақсади барномаи ЛІСА ин дӯстӣ аст,

ки дар байни намояндагони миллатҳои гуногун, бо василаҳои гуногун талқин дошта мешавад. Ин гурӯҳ тӯли чанд рӯз бо мо ҳамроҳ мебошанд ва зимни сафари якҷоя ба манотиқи мухталиф бояд бо ҳам ошнову шинос гардем. Ин дафъа чун рӯзҳои аввал мушкилоти таколум миёни мо камтар аст. Зеро аксари ин ҳайат каму беш забони русиро медонанд. Рӯзи аввал мо дар меҳмонхонаи «Синигава Гинс» қарор доштем. Баъд аз ҷо ба ҷо гаштан мо дар толори варзишии васеи он бо дӯстони японии худ ба бозии кегелбан машғул гаштем, ки дар аввал бароямон мушкил, вале баъдтар хеле шавқовар гашт. Тӯби 10-14 килограмм вазндоштаро мо бояд ба нишон расонем, ки ин чандон осон набуд. Бо баҳонаи бозӣ забони якдигарро нафаҳмем ҳам, хеле хандидему ба якдигар офарин хондем ва ҳамзамон дар номи якдигарро гирифтан низ акнун мушкилӣ намекашидем. Акнун боз ҳам барои мо саволу ташвиши асосӣ боқӣ мемонад, ки хӯроки нисфирӯзии мо ин дафъа чӣ бошад. Албатта ин шиква, танқид ва аломати норизоият нест, вале одат намудан ба урфу одати хӯрокхӯрии як миллати дигар дар мӯҳлати андак осон нест. Моҳиву харчангу гушти хук ва гӯё гушти гусфанд хӯроки навбатии моро ташкил медод, ки ҳар нафар мувофиқи табъ онро интихоб менамояд. Дастурхони япониҳоро бидуни харчангу моҳӣ ва дигар хӯрокҳои аз масолеҳи баҳрӣ омодашуда

тасаввур намудан мушкил аст. Гушти китро баъзан барои кадом хусусияташ хом тановул мекунанд, ки ин барои мо хеле душвор аст. Василаи тановул низ ҳар гуна мебошад ва баъзан худи шумо таббох ё ошпаз мегардед. Дар сари дастурхон ба шумо дегча барин зарфи хӯрокпазиро, ки дар зери он оташдони махсус муҳайёст ва равғану масолеҳро (аз қабили гӯшту тухм) меоранду баъд шумо ба кадбонӣ табдил меёбед. Иҷрои ин амал андак душвору аҷиб бошад ҳам, вале каме бепарвоӣ боис мегардад, ки баъзан либосҳои худро равғанолуду ифлос намоед. Истифодаи чӯбчаҳое, ки вазифаи қошуқро иҷро менамоянд, касро ба ҳайрат мегузорад, ки чаро онҳо кори худро мушкил сохта, масалан биринҷро бо ин ду чӯбча гирифта мехӯранд. Аксари мо азоб кашида, бо ин тариқ хӯрокро тановул менамудем, ки бароямон тамоман мақбул набуд. Дар даст гирифта доштани чӯбчаҳо қоида дорад ва гумон мекунед, ки барои аз худ кардани ин амал мактаби махсус лозим аст. Аз ҷониби дигар онро як навъ исрофкорӣ низ донистан мумкин аст. Тасаввур намоед, ки ин чӯбчаҳо аксаран як маротиба истифода гаштаву партофта мешаванд ва агар мо инро барои тамоми ошхонаву тарабхонаҳои японӣ барои як рӯз ҳисоб карда бароем, рақамҳои кӯчак ба миён намеоянд. Дар баъзе мавридҳо мушоҳида менамоем, ки афроди нисбатан калонсоли японӣ дар кисаи паҳлӯи пиҷаки худ ё дохили ҷузвдон як ҷуфти ин чӯбчаҳоро гирифта мегарданд, ки онҳо ба

назар металӣ менамоянд. Агар дар кишвари мо касе бо худ қошуқи хӯрокхӯриашро гирифта гардад, мо ҳатман ӯро девонаву беақл мешуморему бо тамасхур ба ӯ менигарем. Дар тарабхонаи навбатӣ чунин қоида будааст, ки дар охир рафта чӣ гуна ширинро талабгор буданатонро мегӯед ва онро ба шумо гирифта меоранд ва маҳдудият ҳам набудааст, ки шумо чӣ қадар мегиред. Ҳамроҳи Анвар ба бонувони хидматгузор ҳарчанд мақсади худро фаҳмониданӣ мешудем, ки ба мо ду навъи тортро диҳанд, аммо онҳо моро намефаҳмиданд. Оқибат Анвар, ки табиати шӯху якравӣ дорад, бо дасташ шаш навъи тортҳоро, ки қатор чида монда шуда буданд, нишон доду дасташро васеъ ҳамоил намуда бо ишора фаҳмонид, ки мо аз ҳамаи ин намунаҳо тановул кардан мехоҳем. Онҳо аввал ҳайрон шуданду баъд хандиданд ва сипас барои ҳар дуямон дар табақчаҳои алоҳида як лундагӣ аз ин шаш навъ тортҳои болаззат гирифта оварданд. Ин кори Анвар барои ҳардуямон фоида дод. Чунки хӯрокҳо чандон табъи дил набуданду андак гурусна ҳам будем.

Бо меҳмонхонаи «Синигава Гинс», ки ҳамагӣ як шаб онҷо будем хайрбод намуда, бо ҳамсолони японии худ ба ҷои дигар, ки онро ҳанӯз мо намедонем роҳ пеш гирифтем. Вазифаи аҷибу то як андоза хандаовари мо ин буд, ки мо ба якдигар шеър нишон медодем. Дӯстони япониамон ба мо шеъри «Сакура-сакура…»-ро меомӯзониданд ва мо

ба онҳо шеъри соддаи «Сабзак лаби ҷӯ, Ёраки нағзак лаби ҷӯ»-ро меомӯзонидем. Яъне мо бояд шеърҳои ҳамдигарро аз ёд намоем. Вақте мо шеъри маъмули япониро мехондем онҳо механдиданд ва вақте онҳо шеъри маъмули тоҷиконро мехонданд, мо механдидем. Зеро ҳам онҳо ва ҳам мо дар талаффузи забони якдигар хато мекардему азоб мекашидем. Дар дохили автобус ва дар бисёр ҷойҳои дигар кори мо ҳамин буд. Дӯстони ӯзбеку қирғизу қазоқ низ бо ин таронасароии худ овора буданд. Дар нимароҳ таваққуф намуда, ба сайргоҳе ташриф овардем, ки хеле тамошобоб аст. Ин боғе буд, ки саросар онро дарахтони сакура, ки шукуфтаву гулпӯш буданд, фаро гирифта буд. Мардуми ин кишвар сакураро хеле меписанданд ва онро муқаддас низ мешуморанд. Айёми гул кардани он барои ин мардум чун ид аст ва кӯшиш менамоянд, ки ҳатман дар мавсими гул кардану шукуфтани сакура дар зери шохаву навдаҳои чун барф сафеди он сайр намоянду нафас гиранд. Дар ин боғи васеъ, ки шояд даҳҳо гектарро ташкил диҳад медидем, ки чи тавр хурду калони японӣ шоду мамнунанд ва ҳар кадоми онҳо ё акс мебардорад, ё ҷилваи гулҳоро ба навор мегирад. Барои мо тоҷикон ва умуман сокинони Осиёи Марказӣ шояд сакураву шукуфтану гули он чандон аҷибу мароқовар набошад. Зеро сакура хеле монанд ба гули бодому гули олуча мебошад, ки барои мо як чизи муқарарӣ ба ҳисоб меравад. Аммо барои

мардуми ин кишвар шукуфтану гул кардани сакура иди бузург ба ҳисоб меравад ва шояд он чун «Иди Наврӯз»-и мо вобастагӣ ба ягон омили таърихӣ низ дошта бошаду чун рамзи баҳор қабул гашта бошад.

Баъди нисфирӯзӣ мо ба меҳмонхонаи «Отсукӣ» омадем, ки бевосита дар соҳили уқёнуси Ором дар масофаи ҳамагӣ 100-150 метр қарор дорад. Шавқи ниҳоят зиёди зуд ба соҳили уқёнус давида рафтан дар дили ҳамаамон ҷой дорад. Ин хоҳишро ба Сергей Волковский гуфтем, аммо ӯ ҳозир иҷозат намедиҳаду аз баргузор гаштани маросими расмие барои ба инҷо омадан ба мо хабар мерасонад ва омодагии моро ба он талаб менамояд. Баъд аз тақсимот ба номераҳо, мо ба толори барҳавои меҳмонхона рафтем. Намояндагони ҳар як ҷумҳурии Осиёи Марказӣ бояд дар назди ҳозирин ватану кишвари худро муаррифӣ намоянд. Мавлудаи гурӯҳамон либоси шинами атласро ба бар карда буду Анвар тоқии гирдаи гулдӯзӣ ва ҷелаки рах-рахи тоҷикиро пӯшид. Ҳамчун сарвари гурӯҳи ВАО ман бо забони русӣ чанд дақиқа дар бораи Тоҷикистон ва шароити зиндагиву муваффақиятҳои халқи тоҷик дар замони истиқлол баромад намудам. Сӯҳбатҳои кӯтоҳе низ ба миён омад, ки мавзӯи онҳо дӯстӣ, сулҳу рафоқат ва равобиту табодули таҷрибаи халқҳо буд. Баъд аз муаррифии кишварҳои ҳамдигар ба манзилҳои муваққатии худ баргаштем. Барои ман Тадаюкӣ хеле ҷавони аҷибу содда ба назар мерасид. Гумон мекардам, ки ӯ

ҳамагӣ 20-25 сола асту муҳассили ягон донишгоҳ мебошад. Аммо ман хато карда будаам. Аксари ҳамсолони японӣ ба назар ҷавон намоянд ҳам, синну солашон калону мувофиқ ба чеҳраашон нест. Тадаюкии ҷӯраамон ҳам 25-сол неву 38-сол доштааст ва хатмкардаи ду донишгоҳ мебошаду дар кадом як рӯзномаи музофотӣ фаъолият мекардааст. Бисёр ҳам ҷавони ботавозӯъ, хоксор ва ба забони худамон гӯем агар – хеле гапгир аст. Дарзи шалвори варзишии Анвар дар бозии кегелбан канда шуда монд. Ба меҳмонхона омадан замон Тадаюки бору ҷиҳозашро монда, ба забони нимфаҳмои русӣ гуфт, ки ҳозир меоям. Сӯзану ришта ва дӯхтанро гуфта натавонист, ки аввал шими худашро нишон доду сипас шими Анварро ва мо фаҳмидем, ки ӯ ба мо некӣ кардан мехоҳад. Дар ҳақиқат баъди тақрибан ним соат ӯ аз куҷое сӯзану ришта оварда ва мушкили Анварро осон намуд, ки аз ин рафтори ӯ мо хеле хурсанд шудем. Дар сӯҳбате, ки доштем, аз ӯ пурсидем, ки оиладор ҳаст ё не? Бепарвоёна ҷавоб дод, ки ҳозир оиладор гаштан барои ӯ барвақт мебошад. Зеро ӯ ҳанӯз «карера»-и худро насохтааст ва мехоҳад, ки як маълумоту ихтисоси дигарро низ соҳиб гардад, ки барои он сипарӣ гаштани чанд соли дигар лозим будааст. Мо аз он ҳайрон шудем, ки боз чӣ хел карера лозим будааст, ки ду маълумоту ҷои кор ҳаст ва ба замми ин барои як маълумоти дигарро гирифтан синну сол аз чил мегузарад. Дар ҳақиқат баъзан ин ҳолатҳо моро ба

андешаҳои зиёд гирифтор месозад. Зеро дар ватани мо дар сини чилу чилупанҷсолагӣ алакай масъалаи наберадорӣ тарҳрезӣ мегардаду марди чилсолаи японӣ ман ҷавон гуфта аз дунболи «карера» метозад. Ин масъаларо баъдтар аз Сергей Волковский пурсидам ва ӯ гуфт, ки сиёсати гендерӣ ба ин сабаб гаштааст. Аз сабаби он ки дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта, шумораи аҳолӣ дар давоми ду сол якбора даҳ миллион афзудааст, давлату ҳукумати кишвар ба қароре омадааст, ки сиёсати паст кардани сатҳи афзоиши аҳолиро пеш гирад. Албатта қонун мавҷуд набудааст, ки то синни чилсолагӣ ҷавонон оиладор нашаванду карера барқарор карда гарданд, балки дар мафкураи онҳо ин тасмим аз таъсири муҳити иҷтимоӣ ворид гаштааст.

Дар мазили нави худ - меҳмонхонаи «Отсукӣ» ба шароити нав одат карда истодаем. Утоқҳои ин меҳмонхона ба хонаҳои муқаррариву деҳотии мо тоҷикон монандиҳои зиёд доштааст. Дар як утоқ чор нафар- ману Анвар ва Тадаюкиву Дуидо қарор дорем. Чун меҳмонхонаҳои дигар на дар болои диван, балки ҳамту дар болои қолини болои фарш дар ҷогаҳи густурда хоб меравем. Шояд одати бародарони як оилаи тоҷикро медонистаанд, ки ҷогаҳҳои хоби мо паҳлӯи ҳам андохта шудааст. Ба ҷои ҷевон мизҳои алоҳида барои ҷойгир намудани ҷиҳозамон хизмат мерасонад, ки ин ҳам як навъ монандӣ ба урфу одати мо тоҷикони деҳотӣ

мебошад. Дигар шароитҳо хеле хубанд ва ҷониби уқёнус на бо девор, балки бо шишаи шафофи васеъ маҳкам мебошаду садои аҷибу як навъ воҳиманоки он ба гӯш мерасад. Чун шаб асту берун торик мебошад, мо имкон надорем, ки уқёнусро бубинем ва баъд аз сӯҳбату такрори «Сакура-сакура…»-ву «Сабзак лаби ҷӯ…» ва бо садои аламонанди мавҷҳои уқёнус хоб рафтем.

БАҲСҲОИ ЖУРНАЛИСТӢ ВА ҲАДАФҲО

Қарз ба қиёмат намонад, гуфтагӣ барин субҳи барвақт, ки аксарият хоб мебошанд, ҳамроҳи Анвар ба соҳили уқёнус рафтем. Гумон мекардем, ки дар ин субҳи ҳанӯз аксарият дар хоб мо аввалин нафарон дар соҳили уқёнусем, аммо саёҳони баҳрӣ барин, алакай даҳҳо уқёнусдӯстдорони японӣ онҷо ҳозир буданд. Ҳаво салқин ва андаке сард ҳам бошад, аммо завқмандони япониро дидан мумкин аст, ки сарфи назар аз ин, дар болои лавҳи махсуси резинӣ дар муқобилу болои мавҷҳо чун шапалак бозӣ мекунанд. Ҳангоме ки мавҷ наздик мешавад, гумон мекунед, ки ҳозир оббозро зери қаноти худ медарорад, вале чуноне ки дар баъзе филмҳо ҳаст, киштӣ дар муқобили мавҷҳои бузурги тӯфони баҳрӣ истодагарӣ менамояду ба қуллаи мавҷҳо баромада сарозер мешавад, ин оббозҳо низ ҳамсони он киштиҳо мавҷро рахна месозанду бо вуҷуди ба

болои сарашон ҳаракат кардани қисмате аз мавҷ ғарқ намегарданд, ки шояд ин барояшон кайфияти махсус дошта бошад. Мавҷҳои ҳар замон аз дур тавлидшаванда ҳаракат сӯи соҳил доранду замзамаи суруди ҳузновареро соҳиб мебошанд. Гӯё уқёнус пурасрор будани умқи худро бозгӯ кардан мехоҳад. Аз дур бо шитобу ҷадалу қаҳромез меояд ва гӯё дар соҳил низомеро риоя мекарда бошад, ки ором ва аз назар гум мегардад. Нигоҳ ба он хоҳу нохоҳ ба шахс як навъ оромии хотирро мебахшад ва ноаён касро банди хаёлоти рангин мегардонад.

Имрӯз аз пагоҳии барвақт баъд аз субҳонаи якҷоя ҳамроҳи дӯстони Японии худ гирди мизи мудаввар нишастем ва сӯҳбату баҳсҳои мо сурати оғоз ёфт. Сӯҳбат бояд дар бораи ҳаёти ҷавонон ва паҳлӯҳои гуногуни он сурат гирад, аммо ин таъинот риоя намегардид. Савол доданро онҳо оғоз карданд ва Тадаюкие, ки ӯро ман соддаву хомӯш хаёл мекардам, ончунон сӯҳбат мекард, ки монанд ба коршиносону сиёсатмадорон буд. Тарҷумон бо забони русиву японӣ ҷараёни сӯҳбати моро пеш мебурд. Саволи як андоза ногаҳониву ғайриинтизори ӯ он буд, ки мо чӣ қадар маош мегирему чи гуна шароити зист дорем. Ҳамчун сарвари гурӯҳ ором ҷавоб додам, ки ҳарчанд маоши мо муодили 200-300 долларро ташкил диҳад ҳам, вале дар қиёс бо авзои иқтисодӣ (нарху наво) он барои мо кифояткунандааст. Ба Япония гуштро асосан аз Австралияву Зеландияи нав меоранд ва он

қимат низ меафтад. Намедонам рост буд ё дурӯғ дар як сӯҳбат Сергей гуфта буд, ки нархи як киллограм гушти гов дар Япония барои шаҳрвандони он ниҳоят дандоншикан ҳасту онҳо танҳо дар маросиму идҳои махсус онро тановул менамоянд. Инро асос намуда гуфтам, ки дар кишвари мо нархи як килограмм гушти гов 6-7 доллярро ташкил медиҳад, ки маоши мо барои харидории он бемалол кифоят мекунад. Дар мавриди ҳаёти ҷавонон таъкид намудам, ки сарфи назар тоза берун омадан аз бӯҳрони сиёсӣ, имрӯз давлату ҳукумат такяи бештар ба нерӯи ҷавонон дорад ва барои саводноку соҳибмаълумот гардонидани онҳо дар шароити соҳибистиқлолӣ тамоми чораҳоро андешида истодааст. Душвориҳои алоҳидаи ҳаёти ҷавононро ба иллати давраи гузариш вобаста кунонидам.

Сиёсат ва баҳсҳои сиёсиро журналистон ҳама вақт меписанданду онро дунболагирӣ менамоянд. Корманди радиои минтақавӣ, духтараки камгапу ороме, ки аз забони ӯ низ дар давоми чанд муддати якҷоя будан қариб, ки чизе намешунавидем, чунин савол дод:

-Дар бораи ИҶШС чӣ ақида доред? Барои шумо хуб буд ё бад?

Мавлудаву Қурбону Анвар хомӯш истоданро афзал донистанд, аммо саволро ҷавоб надодан имкон надошту боз ҳам ноилоҷ чунин ҷавоб додам:

-Дар таърих империяҳои зиёде гузаштаанд, ки як муддати муайян салтанати пурҳангома доштанд,

вале халқияту миллату фарҳангҳо пойдор монданду ҳеҷ кадоме аз империяҳо абадӣ боқӣ намонд. ИҶШС низ аз ҷумлаи онҳост. Барои кӣ хуб буд ва барои кӣ бад буд, инро шумо ҳам аз мо дида беҳтар медонед.

Гӯё, ки моро истинтоқ менамуда бошанд, ки ин мавзӯъро канор гузоштан намехостанд. Ин навбат низ савол вобаста ба ИҶШС буд:

-Мехоҳед, ки ИҶШС аз нав барқарор гардад?

Бароямон ин савол писанд набуду андаке сахт ҳам расида буд. Зеро он бо шеваи такрор пешниҳод гардида буд ва дар баробари ин гӯё мероси СССР-бузургро мо аз худ карда бошем. Бо ин сабаб ҷавобро низ андаке дурушттар пешниҳод намудем:

-Аввал он ки барқарор шудани СССР аз ақл берун ва монанд ба афсона аст. Дуввум он ки ҳозир дар болои мизе, ки гирди он нишастаем, аз ҷониби шумо парчами хурди давлати худатон гузошта шудаасту аз ҷониби мо парчами хурди кишвари мо, ки онро ҳамроҳ аз ватанамон овардаему ифодагари давлату кишваре бо номи Тоҷикистон аст. Агар СССР барқарор мебуд, ҳозир мо инҷо аз номи давлати мустақили худ баромад карда наметавонистем. Пас шумо бояд донед, ки мо ҷонибдори барқарор гаштани СССР ҳастем ё не?

Баҳси мо гӯё муҳориба бошад, ки дунболи ҳамдигар саволҳои характери сиёсӣ доштаро пешниҳод мекарданд. Росташ мо ин тавр шиддат доштани сӯҳбатро чашмдор набудем ва мавзӯъро

низ намедонистему ҳеҷ омодагӣ надоштем. Тарҷумони муваққатиамон ҳам, ки муддати се рӯз боз бо мост, гӯё ки ҷонибдори «тими ҷопониҳост». Ҳарчанд ӯ шаҳрванди Русия бошад ҳам ва бо мо гуфтори озодтар дошта бошад ҳам, вале дар асл чунин менамояд,ки ӯ ҷонибдори идеявии журналистони ҷавони Япония аст. Анвар монанд ба эътироз баён кард, ки биёед сиёсатро канор гузорему дар бораи иқтисодиёт, саноат, техникаву технологияи Япония ҳарф занем.

Тадаюкӣ гӯё Анварро нашунида бошад, ки боз пурсид:

-Шумо аз СССР чӣ мерос гирифтед?

-Як корхонаи дафтарбарорӣ ҳам нагирифтаем. Дар Тоҷикистон чизи пурқимат «Дивизияи 201…» буд, ки онро ҳам гирифтанд. Истиқлолияти худро Тоҷикистон бо «киссаи холӣ» пешвоз гирифтааст. Ин дар ҳолест, ки баъзе ҷумҳуриҳои собиқ, коргоҳҳои атомиву заводҳои ҳавопаймосозиро аз ин империя ба мерос бурдаанд. Ин дар ҳолест, ки танҳо боигари ҲКИШ-ро, ки 2000 тонна тиллоро ташкил медод, фақат як нафар намояндаи ҳизб аз Маскав соҳибӣ намудааст. – Назари манфӣ доштани онҳоро нисбати СССР дарк намуда, ман низ домангир буданамонро нисбати ин собиқ абарқудрат баён кардам. Дигар аъзоёни аҳли гурӯҳи мо - журналистони тоҷик бештар хомӯширо ихтиёр намуда буданд ва ба қавле маро дар бало гузоштан мехостанд. Шояд Қурбон барои самти дигар пайдо

намудани сӯҳбат буд, ки ба тавсифу таърифи Япония пардохт. Истифодаи технологияи японӣ дар тамоми ҷаҳон ва тараққиёти баланд доштани ин кишварро қайд намуда гузашт.

-Шумо Амрикоро дӯст медоред ва нисбати он чӣ назар доред? – риштаи сӯҳбати Қурбонро қатъ намуда, якбора савол гузошт Тадаюкӣ, ки сардори гурӯҳи намояндагони журналистони японӣ буд.

-ИМА бо мо ҳамсоя нест ва аз мо дар масофаи хеле дур қарор гирифтааст. Давлату ҳукумати мо сиёсати дарҳои бозро пеш гирифтаааст ва бо ИМА, Русия, Чин, Олмон, Эрон ва Ҳиндустон барин абарқудратҳои сиёсиву иқтисодӣ муносиботи судмандро ба роҳ гузоштааст. ИМА дар кишвари мо сафоратхонаи худро дорад ва сафоратхонаи Тоҷикистон низ дар ИМА фаъол аст. Таъбири дӯст доштан ё надоштани кадом як давлат ба гумони мо мантиқан дуруст нест, балки мо гуфтан мехоҳем, ки кишвари мо бо ҳамагон дӯст аст. – Хомӯшии Анвару Қурбону Мавлуда водорам намуд, ки чунин ҷавоб диҳам. Оҳангдор будани ҷумлаҳои онҳо нисбати ИМА-ву Русия бараъло равшан буд ва маълум низ ҳаст, ки Япония бо ин ду абарқудрати имрӯзаи ҷаҳонӣ дар баробари дар ҳамсоягӣ қарор доштан, ҳам дар ҷабҳаи сиёсӣ ва ҳам дар ҷабҳаи иқтисодӣ дар рақобати хеле бузург қарор дорад. Онҳо дар ин сӯҳбат дар вобастагӣ ба манфиати кишвари худ чизе ба мо гуфтан мехостанд, ки албатта он баҳри хонанда маълум мебошад.

Япониҳо аз Русияву ИҶШС то ҳол барои ҷазираҳои Курилл ва аз ИМА барои дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ба муқобили онҳо истифода кардани аслиҳаи атомӣ домангир мебошанд. Сӯҳбати мизи мудаввар хеле фаррох буд ва мо дарк намудем, ки аксарияти саволу пурсишҳои онҳо қаблан тарҳрезишуда буданд. Мо низ хостем дар бораи баъзе паҳлӯҳои ҳаёти япониҳо маълумот пайдо намоем ва аз онҳо пурсон шудем, ки оё дар ҳаёти ҷавонони кишвари шумо ҳама чиз биҳиштососту ягон мушкилӣ вуҷуд надорад? Маълум гашт, ки дар ҳақиқат «сарватмандон ҳам мегиристаанд…». Ба мо писанд он буд, ки онҳо дар бораи масоили доғи кишвари худ ошкоро ва бидуни парда ҳарф мезананд. Дар Япония ҳар сол 30 ҳазор нафар ҷавонон худкушӣ мекардаанд. Сабаби асосии он наёфтани машғулияту ҷои кор ва аз ҷои кор ронда шудани онҳо будааст. Ҳарчанд дар қонунҳо барои мардҳо аз ҳаждаҳсолагӣ ва занҳо аз синни ҳабдаҳсолагӣ ҳуқуқи оиладор гаштан муайян шуда бошад ҳам, вале қонунҳои нонавиштаву фазои иҷтимоӣ ин мӯҳлатро як даҳсолаву ду даҳсола ба таъхир меандозад. Яъне ҷавонони японӣ чун дохундаҳои тасвирнамудаи устод Айнӣ барои оиладор шудан бояд хеле заҳмат кашанд, ки инро дар сӯҳбатҳои қаблӣ низ аз гуфтаҳои баъзе ҷавонони ин кишвар дарк менамудем. Баргузор намудани як базми миёнаи туёна барои ҷавони японӣ он харҷеро талаб менамояд, ки бо он метавон ду автомобили наву

замонавиро харидорӣ кард. Гарон будани маблағҳои таҳсил низ дар аксар донишгоҳҳои бонуфузи ин кишвар, шикваи дӯстони ҷопониамон буд.

Бегоҳӣ базми «Шаби дӯстӣ» баргузор гашт. Гирди дастурхони ороста камтар аз сад нафар ҷамъ омада будем. Мазмуни он чунин буд, ки намояндагони ҳар як кишвар бояд бо санъату фарҳангу тарзи либоспӯшияшон миллату давлати худро муаррифӣ намоянд. Япониҳо либоси самурайҳоро пӯшида буданд, қазоқҳову қирғизҳо чакману кӯлоҳҳои ало буллои худро нишон медоданд ва мо тоҷикону ӯзбекон бошем, бо ҷелаку ҷомаҳои рах раху тоқиҳои гулдӯзиву чоргулаи худ ба саҳна баромада будем. Аз ҷумла Анвар бо ҷелаку тоқии ба андозаи сараш номувофиқ ба Хоҷа Насриддин монанд шуда буд. Ба ҳунари тақлидкории нопурраи ӯ ба ҳар ҳол таҳсин хондан лозим аст. Фалакхонии Файзалӣ Ҳасанро бо алам тақлид намуда, алалхусус диққати тамошобинони шаҳраки Тибаро ҷалб менамуд. «Маҷнун набудум…»-ро ҳам аз афташ хеле дилчасп тақлид намуд, ки духтарони қирғизу қазоқ ба рақс даромаданд. Қарсаки зиёди аҳли толор ба Анвар илҳом бахшиду як кӯзачаро (онро Қурбон барои тӯҳфа ҳамроҳаш бурда буд) ба даст гирифта, монанди раққосадухтарони Хатлонзамин аз ин ҷониби саҳна ба он ҷониби саҳна ду-се маротиба давиду сипас кӯзаро ба замин гузошта гӯё дасту рӯ

шуст ва баъд ба рақси омехтаи пуршури тӯёнаи тоҷикӣ шурӯъ кард. Анвар ҳама чизро омехта мекард ва ҳамон қадар тамошобинонро ба шӯру шавқ меовард. Арғушти тоҷикии Анвар 15-20 нафарро зери садои мусиқии тоҷикӣ ба майдони рақс овард. Махсусан тақлиди рақси ҷавонписари ҷопонӣ, ки дар сар тоқии гирди гулдӯзиро гузошта буду ҷелаки Қурбонро ба бар карда буд, хеле аҷоибу хандаовару ҷолиб буд. Анвар гӯё қаҳрамонӣ кард. Ҳеҷ яке аз намояндагони панҷ кишвари ҳузурдошта натавонистанд, ки монанди ӯ саҳнаро ин қадар гарму зинда созанд.

Шабҳангом ба ҷои хоби худ баргаштем. Пас аз сӯҳбату баъзе хулосаҳои имрӯза ва бо сабаби серкорие, ки имрӯз доштем бо садои мавҷҳои уқёнус, ки шабона садояш баландтару гуворо мегардад, Анвару Тадаюкиву Июро ба хоби ноз рафтанд. Ман бошам барои пагоҳ, ки ҷамъбасти хулосаву андешаҳо мебошанд, бояд маърӯза омода намоям.

Субҳи сеюмро низ дар соҳили уқёнус пешвоз мегирем. Ба гумонам буду бошамон дар инҷо дар қиёс ба маркази Токио ба аксарият писанд мебошад. Зеро дар маркази ин шаҳри бузурги саноатӣ маълум, ки чи гуна ғуввоси техникаҳои гуногун баланд мебошаду асабҳоро низ хаста месозанд. Аммо инҷо шояд аз салобати бузургтарин уқёнуси ҷаҳонӣ бошад, ки сокиту ором аст. То баргузор шудани ҳамоиши навбатӣ андаке вақт дорем ва

барои сайру гашти кӯтоҳ ҳамроҳи дӯстони япониамон ба соҳили уқёнус рафтем. Ба масофаи садҳо километр дар соҳилҳо чораҳои соҳилмустаҳкамкуниро хуб андешидаанд. Саддҳову деворҳои баландиашон 5-10 метр шояд дар муқобили мавҷҳои хурӯшони аз тӯфон ба вуҷудоянда то дер боз истодагарӣ карда тавонанд. Аммо чуноне ки худи япониҳо мегӯянд, Худо паноҳ диҳад аз ҳодисаҳои Сунамӣ. Даҳшатнок будани онро давлату кишварҳое, ки дар соҳилҳои баҳрҳову уқёнусҳо ҷойгиранд, хеле хуб медонанд. Саҳни ҳавлӣ ва боғи меҳмонхонае, ки дар он иқомати муваққатӣ дорем, сарфи назар аз он ки дар баландӣ воқеъ аст, пур аз регу қуми уқёнус аст, ки гувоҳи замоне дар ин мавзеъ ҳукмрон будани обҳои беканор мебошад. Мавҷи уқёнус лою гилолӯд нест ва ба ҷои ҳар гуна хоку гил ба соҳилҳои худ регчаҳои зарди қариб якхелаи ба андозаи нахӯд баробарро рӯфта мепартояд, ки хеле тозаву шафофу диққатрабоянд. Бинанда гумон мекунад, ки онро дар заводи махсус бо фармоиши махсус мебароранд. Дирӯз нисфирӯзӣ ҳам ба инҷо омада будем ва дида будем, ки экскаторҳои бузурге ба дарозии қариб садҳо метр ба мошинҳои боркаши вазнин аз ин регу қуми тоза бор мекарданд, ки аз афташ барои ягон сохтмоне онро истифода менамоянд. Имрӯз бошад аз он чуқуриҳое, ки дар натиҷаи кори экскаторҳо ба вуҷуд омада буданд, нишоне боқӣ нест. Шабона мавҷҳои доимо

ҳаракаткунанда онҳоро бо регчаҳо аз нав нав пур сохта буданд. Ҳеҷ ташвиши ҷустуҷӯи регу қум барои экскаторҳо боқӣ нест ва имрӯз низ кори худро бемалол давом медиҳанд. Неъмати Худододе, ки шояд он беохир ҳам бошад. Аз оби шӯр лаззат гуфта, то зонӯ пойҳо худро дар об тар намудему ким чи гуна сувинирҳои баҳрирро бо ёрии дӯстони ҷопониамон ҷӯё гаштем, ки онро одатан барои дохилаш партофтани сӯхтаи сигор истифода менамоянд. Саёҳон ҳамарӯза барои худ аз инҷо ҳамчун тӯҳфаву хотира аз онҳо мегирифтаанд ва ин буд, ки мо барои худ камтар дастрас намудем.

Акнун боз ҳама якҷоя дар толор ҷамъ омадаем ва ҳисоботмонанд журналистони ҷопонӣ ҳар кадом дар гурӯҳи худ дар бораи сӯхбату гуфторашон бо гурӯҳи журналистони ӯзбеку қазоқу қирғизу тоҷик маълумот медиҳанд. Аз мо журналистони тоҷик шиква намуданд, ки бештар ба таърифу тавсиф дода шудем ва имкони бештаре набудааст, ки масъалаҳо амиқтар матраҳ шаванд. Давомдор будани сӯҳбаташонро дар масъалаи СССР баён доштанд. Ҳамчун сарвари гурӯҳ дар бораи сулҳу ваҳдату роҳи тайкардаи тоҷикон дар замони кӯтоҳи истиқлол мухтасар ба забони рӯсӣ баромад намудаму вобаста ба эроди ҳаммаслаконамон қайд кардам, ки аз соли 1986 то оғози солҳои 2000 мо дар деги сиёсат ҷӯшидем ва ба ин мазмун аз сиёсат хасташуда низ мебошему Русияву Амрикоро ба ҳоли худаш мегузорем.

Акнун ба маркази Токио бармегардем ва ҷиҳози сафарии худро омода менамоем. Медонем, ки баъди чанд соат аз дӯстони серӯзаи япониамон ҷудо мегардему ба якдигар хайрбод мегӯем ва аз рӯи нақшаи барномаи **JICA** мо ба дигар ҷо меравем. Ба ин хотир дар утоқи меҳмонхона ба Июро якто шонаи тоҷикии аз чӯби дӯлона таёрнамудаи Усто Абдулмаҷиди файзободиро, ки рамзи моҳтобу нақшҳои зиёдро дошт, ҳадя намудам. Ӯ хеле хурсанд шуда дар иваз ба ман қаламдони хурдакаки зебоеро ҳамчун рамзи хотира ҳадя кард.

Роҳ сӯи маркази Токио пеш гирифтем. Дар нишастгоҳи ақиби автобус ҳамроҳи Норалии ӯзбек менишастему ӯ дар бораи духтарони японӣ фалсафафурӯшӣ мекард. Аз афташ Норалӣ оиладор набуду дар дил хоҳишу орзӯи ёфтани келини ҷопониро дошт. Назар ба қавли худаш волонтёре, ки дар Токио як рӯз ҳамроҳ гашта будаанд, духтараки боақлу дидадаро будааст.

-Забони ҳамдигарро медонед? –Пурсидам аз ӯ.

-Не.- Кӯтоҳ ҷавоб дод Норалӣ.

-Пас забони якдигарро, ки надонед, ё ақаллан англисиро худат надонӣ, аз куҷо фаҳмида шуд, ки ӯ дидадарову ҳалим будааст? - Шавқи бештар донистани таърихи ошиқии ӯ маро ба додани саволи дигар маҷбур намуд.

-Рақами телефонашро гирифтаам ва ҳар шаб бо хидмати тарҷумонии як дӯсти англисидонам бо ҳам

кам-кам сӯҳбат мекунем. – Ошиқона ҷавоб дод Норалӣ.

Медонам, ки Норалӣ тоҷикиро медонад ва ман бошам забони ӯро намедонам. Аммо забонашро мӯҳр занондагӣ барин асло бо тоҷикӣ сухан намегӯяд. Ҳол он ки нисбат ба забони рӯсӣ даҳҳо маротиба бештар бо мо тоҷикон имкони озодонатару суфтатар таколум карданро дорад. Чӣ илоҷ, шояд ӯ ягон ӯҳдадориро иҷро намояд ва як замину як обу як таърих доштани тоҷикону ӯзбеконро ҳамчун асрори дил нигоҳ медорад.

Шаб хоби дуруст нарафта будам ва чӣ тавр хоб бурда монданамро дар автобус дарк накардам. Норалӣ бедорам намуду зуд фаҳмидам, ки дар роҳ баъзе дӯстони ҷопонии серӯзаамон аз автобус мефароянд. Ҷудоӣ ва хайрбод бо ҳамдигар хеле муассир буд. журналистдухтарони зебои ҷопонӣ аз автобус берун мешуданду дастафшонӣ мекарданд. Баъзеяшон ашк мерехтанд. Махсусан гиряи Юка фаромӯшношуданӣ буд.

Бегоҳӣ ба меҳмонхонаи JICA омадан баробар Шӯҳрати ҷӯраамонро, ки се рӯз боз надида будам, ба воситаи телефон суроғ кардам. Маро ба утоқи худаш даъват намуд, ки муддаои дилам буд. Шӯхиҳои Шӯҳратро пазмон шуда будаму аз гушти яхнии Шӯҳрат зиёд боқӣ монда буд ва аз мо тамом шуда буд. Албатта мо ба Япония сафаркунандагон гуфтанӣ нестем, ки ҳатман дар як сатил барои худ гушти яхнӣ гирифта баранд, вале фаромӯш набояд

кард, ки хоҳу нохоҳ кас муштоқу пазмони хӯрокҳову расму таоруфи милли худ мегаштааст. Баъд аз зиёфати Шӯҳрат ва ба ҳамдигар нақл намудани таассуроту мушоҳидаҳоямон ба манзили худ омадаму то чанд соате ба тамошои телевизион машғул гаштам.

«ШАҲРИ ОБӢ»

Ин дафъа низ бо заминларзаи субҳ аз хоб бедор шудам. Ин бори чандумин аст, ки заминларзаи Японияро мушоҳида менамоем. Тақрибан якуним дақиқа давом ёфт ва хайрият, ки ин заминларзаҳои пайваста шадид намебошанд. Ҳисоби миёнаи бештари ин заминларзаҳо аз рӯи ҷадвали Рихтер 3-4 балро ташкил медиҳанд. Ҷевончаи китобгузорӣ оҳиста садои ҷиғ-ҷиғро мебарорад ва стакони болои миз ҳам овоз бароварда, ҷунбидани заминро дарак медиҳад. Заминларзаҳои Токиоро дар қиёс бо заминларзаҳои кишварамон ман барои худ орому бонизомтар қабул менамоям ва хаёл мекунед, ки дар роҳи ҳамвори мумфарш савори тролейбуси наве мебошед, ки «аъзоҳояш ҳанӯз камтар доду вой мекунанд». Ба мардуми ин кишвар таҳсин гуфтан лозим аст, ки ба ин ҳодисаи даҳшатбори табиӣ ба ҳар ҳол ё одат намудаанд, ё аз ҷиҳати бехатарӣ дилпуранд. Худо накарда агар дар мо ин зуҳурот дар ин шакл мунтазам дида шавад, ҳар рӯз ба охир

расидани дунёро ду-се маротиба ба ҳамдигар хабар медиҳем. Ана ҳозир Анвару Шӯҳрат занг зада пурсиданд, ки аз заминларза хабар дорам ё не?

Соат шаши субҳ мебошаду то соати нӯҳ анча вақт дорем, вале дигар хоб намебарад. Дасту рӯ шуста, хостам каме телевизион тамошо кунаму аз натиҷаҳои заминларза ва дигар ахбор воқиф гардам. Ҳарчанд бо забони рӯсиву тоҷикӣ шабакае амал нанамояд ҳам, аз маҷбурият ба барномаҳои англисӣ таваҷҷӯҳ менамоем ва каму беш баъзе чизҳоро сахт диққат дода мефаҳмем. Баъди чанд лаҳза Шӯҳрат дарро тақ-тақ намуда шикоят аз гурусна монданаш кард ва хоҳиш намуд, ки ба ништои саҳарӣ равем. Ба ӯ гуфтам, ки ҳозир барвақт мебошаду хубтараш дар номераи ман телевизион тамошо карда шинем. Шӯҳрат рад карда гуфт, ки сӯҳбат дар тарабхона, ки хеле васеъ, муҷаҳҳаз ва барҳавост муҳимтару хубтар аст ва дилпурона гуфт, ки дар баробари ин дар фурсати мавҷудбуда боз ягон шиноси нав ёфтанамон мумкин аст. Дарвоқеъ ин тарабхона ҷои мувофиқи пайдо намудани дӯстони нав мебошад. Нодири табиб, ки аз Исфаҳони Эрон буд ва Зайниддини афғон, ки ихтисоси муҳандисиро соҳиб буд, дар толори тарабхона ва пас баромадан аз он бо мо ҳамчун ҳамзабону ҳамфарҳанг дар ҳар хусус сӯҳбат меоростанд. Ба JICA офарин гуфтан лозим аст. Зеро аз тамоми нуқоти ҷаҳон дар ин марказ одамонро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳама бо дастгирии лоиҳаҳои

мухталифи ин ташкилот дар паи омӯзиш қарор доранд.

Имрӯз мо ба шаҳри Хиросима меравем ва соати даҳ алакай дар яке аз истгоҳҳои поезди электрикӣ интизори нақлиёт мебошем. Чун гурӯҳи журналистон мебошем, аз дур омадани поезди электрикиро дидан замон аксарият дастгоҳи аксбардориву наворбардории худро омода намуданд. Аз байни мо тоҷикон фақат Анвар соҳиби камераи наворбардорӣ мебошаду дигарон дастгоҳи аккосӣ доранд. Бинобар ин доимо дар ҳар ҷое, ки бароямон ҷолиб аст, ба Анвар мегӯем, ки бештар наворбардорӣ намояду мо дар Тоҷикистон аз наворҳои ӯ нусха созем. Япония давлати пешрафтаву мутараққист ва поезди электрикӣ барин воситаи ҳамлу нақли мусофирон як падидаи муқарарист. Ин гуна поезд ором ва вақти ба ҳаракат даромадан як садои начандон дилгиру баланд бароварда, баъдан қариб, ки бесадо ҳаракат менамояд. Роҳҳои ин гуна поездҳо махсусу алоҳида мебошанд ва тӯли сафари чандсоата диққати моро тунелҳои бешумор ҷалб менамуд. Ин қадар зиёданд онҳо ва ин ҳам гувоҳи он мебошад, ки ин кишвар иқтисоди ниҳоят қавӣ дорад. Дарозии баъзеи онҳо шояд ба маротиб бузургтар аз калонтарин нақбҳои Осиёи Миёна бошанд. Ҳангоми аз Токио дур гаштан, кӯҳҳои хурд-хурди саросар сангиро дидан мумкин аст, ки дили онҳо шикофтаву ба дохилашон роҳ мегузарад. Дарахту ниҳолҳои гуногун низ

бештар ба чашм мерасанд ва дар баъзе ҷойҳо заминҳоеро дидан мумкин аст, ки дар онҳо кишоварзон меҳнати деҳқонӣ намудаанд.

Электропоезд босуръат пеш меравад ва баъди чанд соат ба шаҳри Осака расидем. Зарурати боз ба дигар электропоезд нишастани мо пайдо гашт ва бо ин сабаб чанд соат дар Осака таваққуф намудем, ки он шиносоии кӯтоҳамон бо ин дуввумин бузургшаҳри Япония буд. Осака се-чор миллион нафар аҳолӣ дошта, шаҳри зебову озода аст. Дар инҷо низ сигоркашони гурӯҳ ба осонӣ барои худ ҷои мувофиқро намеёбанд. Монанд ба кӯкнориҳое, ки дар як хона ҷамъ меоянду онро пурдӯд сохта хумор мешикананд, ашхоси сигоркаш дар ин шаҳр низ маҷбур мешаванд, ки суроғ карда- суроғ карда ин гуна «кӯкнорхона»-ро ёбанд, ки онҳо дар ҳақиқат тираву пурдӯд мебошанду баъзан дохили он 20-30 нафар мазза карда дуди сигорро ба ҳаво мепечонанд. Аммо ин гуна нуқтаҳо низ тозаву бонизом мебошанд ва ягона ифлосӣ дар дохили онҳо ҳамин дуди сабилмонда мебошад. Тозагӣ ва қонунҳои мавҷуда имкон намедиҳад, ки шумо дар роҳ сигоркашон равед ва натанҳо қонун, балки виҷдон низ азоб медиҳад, ки шумо дар сари роҳ ягон чизро партоеду табъи атрофиёнро хира созед. Нархҳо дар фурӯшгоҳҳову мағозаҳо барои мо қиматанд, вале барои япониҳо гӯё мӯътадил аст. Равуои мошинҳо дар кӯчаҳо хеле зиёданд ва дар ин шаҳр низ аз роҳҳои ду-се қабата истифода

мебаранд. Координаторамон ба мо иҷозат надод, ки ба сайру тамошои ин шаҳр бештар дода шавем ва чун ӯ ҳамроҳамон буд, баъди муддати кӯтоҳе ба истгоҳи (стансия) электропоездҳо баргаштем, ки давоми роҳи мо ба сӯи шаҳри Хиросима аст.

Баъди чанд соати дигар дар шаҳри Хиросима қарор гирифтем. Шаҳри сарсабзу хуррамест ва аз бисёр ҷиҳат ба Душанбеи худамон монандиҳо дорад. Шумораи дарахтони ҳамешасабзи қадафрохта хеле зиёд мебошанд, ки он бо мақсади махсус нигаронида шудааст. Дар инҷо замоне таркидани бомбаи атомӣ ва ифлосшавии муҳити атроф боиси пурра сарсабз гардонидани ин шаҳр гаштааст. Хиросима дар қиёс бо дигар шаҳрҳои ин кишвар чандон бузургу пуршукӯҳ намебошад. Хати метро дар он сохта нашудааст, ки он ҳам сабаби худро дорад. Аз ҳудудҳои гуногуни шаҳр ҳафт дарёи хурду бузурге мегузарад, ки он барои сохтани хати метро имконият намедиҳад. Аз сабаби зиёд будани обҳо дар ин шаҳр, япониҳо онро «шаҳри обӣ» меноманд. Аз ҷумла дар Хиросима чор дарёи обаш ширин мавҷуд аст ва ин шаҳр ҳам дар соҳили уқёнуси Ором ҷойгир мебошад. Хиросима шаҳри бандарӣ аст ва аз ҷумла бандаргоҳи Кюре дар он аҳамияти байналхалқӣ дорад. Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон ин бандаргоҳ василаи асосии таҳмили нерӯҳои ҳарбӣ ба ҳисоб мерафтааст.

Буҷаи солонаи шаҳриХиросима имрӯзҳо 5,5 миллиард доллярро ташкил медиҳад ва маълум, ки

дар ин шаҳр соҳаи саноат рушдёфта нест. Як миллиону сесад ҳазор аҳолӣ дорад ва аксари онҳо берун аз ин шаҳр кору фаъолият доранд. Хиросима маънии «ҷазираи бузург»-ро дошта, дар ҳудуди шаҳр пулҳои зиёде ба назар мерасанд, ки аксаран хеле тӯлонӣ мебошанд. Онҳо василаи алоқа миёни ҷазираҳои зиёде мебошанд, ки ба назар чун шаҳракҳои аҳолии хеле камдошта менамоянд.

Чун дар яке аз меҳмонхонаҳои марказии шаҳр ҷой гирифтем, ба мо фаҳмониданд, ки баъди андак фурсат шиносоии умумии мо бо иштирокчиёни навбатии барнома дар ин шаҳр сурат мегирад. Дар нишасти умумии начандон тӯлонӣ мо дӯстони нави худро дар ин шаҳр қариб, ки шинохта гирифтем. Бароямон аҷибу ҳаяҷоновар он аст, ки дар инҷо «волидон»-и муваққатии худро бояд ёбему бинем. Толор ниҳоят серодам аст ва агар мо ин «волидон»-и худро нашиносем ҳам, вале онҳо моро аз рӯи аксҳову ҳуҷҷатҳои қаблан равонкардашуда медонанду мешиносанд. Зани тахминан 45-50 солае ба ман бо забони японӣ ким чизе гуфта, салом доду дар паҳлӯям истод ва дастгоҳи аксбардориашро ба нафаре доду хоҳиш намуд, ки моро акс бардорад. Ҳанӯз дар Душанбе ба мо ҳамчун дастуру огаҳӣ гуфта буданд, ки мо дар оилаи япониҳо чанд рӯз зиндагӣ хоҳем кард ва дарк кардам, ки ин зан он нафарест, ки дар оилаи онҳо ман бояд як рӯз зиндагӣ намояму ба урфу одати онҳо аз наздик ошно шавам. Бо ёрии Юкаи тарҷумон чанде бо ӯ

сӯҳбат намудам. Забони англисиву русиро тамоман намедонистааст ва ин аввалин ташвиши ман мебошад. Зеро чанд муддате, ки дар ҳайати оила мебошем, ҳамроҳи мо тарҷумон нест ва худамон медонему Худо, ки чи тавр онҳо моро мефаҳманду мо онҳоро мефаҳмем. Ин зан Сутсуми Нагако ном дораду ихтисосу машғулияташ омӯзгорӣ будааст ва дар яке аз мактабҳои ибтидоии шаҳр кор мекунад. Касби шавҳараш низ муаллимӣ мебошад ва соҳиби як духтару як писар мебошанд.

Баъди видоъ намудан бо Сутсуми Нагако, ки ӯро акнун «онасан»(модар) мегӯям, ҳамроҳи Анвар ба номераҳои худ баргаштем. Вобаста бо он ки ба Хиросима ҳамарӯза саёҳони хориҷӣ аз тамоми гӯшаҳои ҷаҳон меоянд, кӯшиш кардаанд, ки меҳмонхонаро бо тамоми шароит муҷаҳҳаз гардонанд, ки мутобиқ ба стандартҳои байналхалқӣ бошад. Аз ин рӯ дар Хиросима меҳмонхонаҳоро боз ҳам шукӯҳмандтар дарёфтем ва аз чизе шикоят карда наметавонем. Дар ошёнаи чордаҳум қарор дорем ва як андоза имкон ҳаст, ки манзараҳои шаҳрро аз баландӣ бубинем.

РӮҲИ ХИРОСИМА БА ТАМОМИ ДУНЁ

Баъд аз сӯҳбату субҳона дар тарабхонаи меҳмонхона тавассути автобуси саёҳӣ ба шаҳрдории Хиросима омадем. Кӯчаҳои Хиросима

танг нест ва дар инҷо ҳеҷ гумон намекунед, ки дар Японияи сераҳолии камзамин қарор доред. Хонаҳои баландошёнаро низ кам ва боғҳову сайргоҳҳоро бисёртар мебинед. Дар толори зебои шаҳрдорӣ моро як-як бо гирифтани ному насаб ва номи давлатамон ба чор нафар намояндагони масъули шаҳрдорӣ шинос намуданд. Баъд аз баромади масъулони шаҳрдорӣ Игори қазоқ аз номи тамоми аҳли гурӯҳи журналистони Осиёи Марказӣ баромади кӯтоҳ намуд. Баромади Игор ба бародарони ӯзбек писанд наомад ва онро эҳсос кардем, ки худхоҳӣ дарди дерина аст. Координаторамон таносубро риоя намуда гуфта буд, ки дар ҳар як маросиму вохӯрии оянда манфиати ҳар кадом намояндагони кишварҳо нигоҳ дошта мешавад ва бо навбат аз ҳар ҷумҳурӣ раис ё намояндаи умумии гурӯҳ интихоб мешавад. Аз бародарони қазоқ оғоз шудани ин навбат ба бародарони ӯзбек писанд наомад ва ин ҳама барои мо як навъ донишу фаҳмишест, ки то кадом андоза дар ниҳоди баъзеҳо вуҷуд доштани асли яқинро дарк менамоем. Барои ман шахсан ифтихор он буд, ки дар гӯшаи баланду намоёни толор парчами начандон бузурги Тоҷикистон дар радифи дигар парчамҳо ҷилвагар буд.

Ҷаноби Канимато-масъули бахши иттилоотии шаҳрдорӣ ба таври фаррохтар ба мо дар бораи шаҳри Хиросима маълумот медиҳад. Шаҳрдорӣ барои худ рӯзномае дорад, ки «Сиёсати шаҳрдорӣ»

ном дошта, ҳар ҳафта чанд маротиба нашр мешавад. Манфиати тамоми шаҳрвандон дар мавриди бархӯрдории итттилоотӣ ба назар гирифта мешавад ва ҳатто барои ашхоси нобинову ношунаво маводи махсус интишор меёбад. Ҳафтаи дуюми ҳар моҳ нишасти мабуотии мири шаҳр бо журналистон баргузор мегардад. Дар маҷмӯъ дар давоми сол шаҳрдорӣ 55 нишасти матбуотӣ барпо менамояд, ки гувоҳи ҷой надоштани сензура дар ВАО-и ин кишвар аст. Хиросима бо 700 шаҳрдориҳои ҷаҳон ҳамкорӣ дорад ва ҳар сол дар Нию-Ёрк дар ҷамъомади шаҳрдориҳои ҷаҳон, ки мавзӯи он бештар сулҳ аст, иштирок менамояд ва мавқеи сулҳгароёнаи худро ҳимоят мекунад.

Ба шаҳри Хиросима омадани мо сабабу ваҷҳи махсуси худро дорад. Ин шаҳри ҷабрдида, аз дасти одам офатдида ва замоне дар оташи силоҳи атомӣ сӯхта, бояд ба мо бозгӯи гузаштаро намояд. Бояд мо нависем, бояд аз минбарҳо эълон дорем ва бояд барои ояндагон сабт намоем, ки ваҳшонияти аз ҳама зиёдро инсон қодир аст ва дар ин масъала дар баробари ӯ ҳеҷ офаридаи дигаре қарор гирифта наметавонад. Инсон силоҳи куштори ҷамъиро, яроқи атомиро ва даҳшатноктарину пуразобтарин василаи нест кардани худ ва дигар мавҷудоти зиндаро офаридааст. Афсӯсу надомат он аст, ки инсон ин ҳамаро на барои ягон ҳашароту ҳайвоноти зараррасон, балки барои нест кардани худ офаридааст. Барои нафаре шояд завқовару

қаҳрамонӣ бошад, ки нафари дигарро чи тавр бо сахттарин азоб қатл менамояду ба хокистар табдил медиҳад. Халқи Япония аз ҷонибдорону эҷодкунандагони силоҳи атомӣ то ҳол домангир аст ва онҳоро ба сулҳу осоиштагӣ даъват менамояд.

Назар ба маълумоте, ки аз ин нишаст бароямон ҳосил гашт, имрӯзҳо дар ИМА ва Русия чандин ҳазор бомбаи атомӣ нигоҳ дошта мешавад, ки ба вуҷуд омадани «Ҷанги сард» ва ба анҷом расидани ҳаёт дар рӯи ҷаҳон ба онҳо вобастагӣ дорад. Аз моҳи августи соли 1942 ИМА ба сохтани бомбаи атомӣ шурӯъ мекунад, ки барои ба ин ҳадаф расидан ҳокимияти онвақтаи ИМА ду миллиард доллар ҷудо менамояд. 139 ҳазор нафар мутахассису корманд барои амалӣ кардани ин лоиҳаи силоҳи қатли ом сафарбар карда мешаванд…

Рӯзи 6-августи соли 1945, соати ҳашту понздаҳ дақиқа ИМА ин дастоварди худро дар мисоли шаҳри Хиросима санҷида мебарояд ва қудрати худро ба рақиби тавонояш - ИҶШС нишон додан мехоҳад. Тару хушк месӯзад, сангу оҳан месӯзад, обу хок месӯзад ва дар оташи ин ҳама, одамӣ чун ангишти сӯзони арғувонӣ оҳиста-оҳиста сӯхта ба хокистар табдил меёбад. Ин ҳама даҳшату ваҳшатро то имрӯз Хиросима дар синаи чоку захмини худ хомӯшу бо гиряи талхи дил нигоҳ медорад. Рӯҳи Хиросима ба тамоми ҷаҳониён имрӯз гиряҳову фиғонҳои онрӯзаро бурдан мехоҳад ва гӯё гуфтан

мехоҳад, ки баъзе ихтирои инсоният мӯҷиби фанои ҳастии боз ҳамон инсоният дар рӯи замин аст.

ХИРОСИМАИ ЯК ЗАМОНЕ СӮЗОНУ ТАФСОН

Як шабе қабл дар шаҳр бонги хатар баланд шуда буд, ки аз садои он аҳолӣ омода гашта, худро аз бомбаандозии душман дар таҳхонаҳову паноҳгоҳҳои дигар ҷо сохта буданд. Аммо ин хабар аз ҷониби адӯ ҳилае беш набуд ва ба ин васила тавонистанд, ки одамонро батамом дар ғафлат гузоранд. Яъне мардум хотирҷамъ дар паи ташвишҳои зиндагӣ оворааанду бехабар аз оғози як субҳи касифе мебошанд. Шаби дигар бидуни ҳеҷ гуна бонге орому сокит сипарӣ гашту мардуми ҳаросон шаби оромро таскини хотир қабул карданд. Пеш аз пурра тулӯъ намудани офтоб чанд ҳавопаймои америкоӣ аз фазои Хиросима ором гузашта мераванд. Бонги хатар баланд карда шуд, вале ҳодисае рӯй надод. Субҳгоҳи соли 1945, соати 8-15 дақиқа. Аксари мардум рӯзро алакай пешвоз гирифтаву дар ҷои кор, хонандагону донишҷӯён дар синфхонаҳо, модарони кӯдакони хурдсолу навзоддошта дар хонаҳояшон бехабар аз ин соати мудҳишанд. Ва ногаҳон… Садои таркиши бузурге. Касе онро ба чизе - на ба тӯфон, на ба заминларза ва на ба сарозер омадани қуллаи бузурги кӯҳе монанд карда наметавонад. Гулдурос ва садои даҳшатноки

он нахуст гӯшҳоро ношунаво мегардонад. Ҳаво якбора тафсон мешавад ва имкони нафаскашӣ торафт кам мегардад. Масофаи то 500 метр аз маркази таркиши бомбаро дар давоми чанд сония оташи сӯзоне фаро мегирад, ки ҳадди гармии он чандин ҳазор дараҷа мебошад. Шиддати гармӣ ончунон баланд аст, ки шишаҳо об мешаванду боз ба монанди ҳамон об таровиш пайдо мекунанд. Хиштҳо на ин ки месӯзанд, балки чун мумии аз оташ ҳаросону гурезон дар ҷои худ ҷорӣ мешаванд. Хок ки одатан барои хомӯш кардани оташ василаи беҳтарин дониста мешавад, ба монанди арамайда шӯъла пайдо карда месӯзад. Хок, ки сӯхт пас дар рӯи он чизи дигари поянда боқӣ нахоҳад монд. Аз ҳама осон одам, ҷисми одам месӯхт. Гушти тани ӯ чун яхи дар муқобили гармии баланд тобнаоваранда тезтар об шуда ба замин мерезад.

Бомбаи атомӣ дар кисмати ҷанубии шаҳр дар болои боми беморхонаи ҷарроҳие афтида буд, ки садҳо нафар беморон онҷо бистарӣ буданду барои шифо ёфтан қарор доштанд. Иттифоқан сардухтури беморхонаро он шаб барои табобати духтараке нафаре бо велосипед гирифта ба яке аз деҳаҳои беруни шаҳр мебарад. Он рӯз сардухтур ҳанӯз то коргоҳи худ нарасида буд. Ӯ танҳо баъди ду ҳафта ба назди собиқ беморхонаи худ омад, ки онҷо ба ҷуз хокистари аз дигар хокистарҳо фарқдошта чизи дигареро надид. Онро низ аз масофае дида тавонисту наздикаш омада натавонист. Зеро

ихтирои инсоният ин нуқтаро шояд то дериҳои дер ва шояд то абад сӯзонаду касе ҷуръати ба он наздик шуданро пайдо накунад…

Дар масофаи 900 метр аз таркиши бомба мактабе қарор дошт, ки 6000 толибиилмонро дар оғуши худ фаро мегирифт. Чанд рӯз баъд падару модарони ин кӯдакону наврасони бегуноҳ, ки аксарашон кушташудаву боқимонда захми силоҳи ядроӣ дар тан доштанд, имкон пайдо карданд, ки барои суроғи ҷигарбандонашон оянд, вале онҳо низ танҳо аз масофаи муайян ба он мактаб менигаристанд, ки дар ҷои он ба ҷуз хокистар, касеву чизе боқӣ намонда буд. Ҷисму тани он волидон ҳам месӯхту яке паи дигар роҳравону нолон ҳаётро тарк мекард ва дар охирин нафасҳо аз ҳама сӯхтатару ҷонсӯзтар барояшон ба ҷои ҷисми фарзанд дидани хокистартӯдаҳо буд.

-«Об-об», «Гарм аст, месӯзам, месӯзам, рафтем!», «Нафасам намеояд, ҳалқам сӯхт», «Намешунавам, намебинам, дар куҷоям?»,- садоҳое буданд, ки то ҳол шоҳидони бевоситаи ин ҳодисаи даҳшатовар дар ёд доранду аз ваҳшат ба хотир овардани онро намехоҳанд. Ягона илоҷу раҳоиро мардуми ваҳшатзада дар ин гуна ҳарорати баланд дар он мебинанд, ки худро ба дарёи наздиктарин партоянд. Касеро хавфи ғарқ шудан дар сар намебошад. Вале ҳайҳот! Даҳҳо ҳазор нафар, ки худро аз ташнагиву сӯхтан ба ин дарё мепартоянд, охирин видоъҳои худро бо оҳу нола бо зиндагӣ

менамоянд. Дарё аз ҷасадҳои бехун пур мешавад, ба замоне маҷрои дарё банд мегардаду гӯё нафаси дарё низ баста мешавад. Радиатсияи бомбаи атомӣ ҳамагӣ дар давоми чанд соат даҳҳо ҳазор нафарро ба марг мубтало менамояд. Чун рамзи он рӯзи ваҳшатбори сӯхтагону ташнагон, ин дарё то имрӯз бо андаке об ба шакли хушкшуда махсус нигоҳ дошта шудааст. Он ифодаи ташнагӣ ва танҳо замоневу чанд сония наҷотбахш будани ин дарёсту бинандаро ба риққат меорад.

Дарозиии сӯхтор панҷ километрро ба шакли давра фаро гирифта, абри тираи болои шаҳр ҳамчун газ аз як сар сӯхта меравад. Ин боис буд, ки ҳама чиз чун оҳани гудохтаи дохили кӯра ба шакли арғувонӣ сӯхтан гирад. Чопхонае, ки начандон дуртар аз маркази таркиши бомба қарор дошту 117 нафар корманд дошт, ба пуррагӣ месӯзад. Ҷасади танҳо ҳафт нафарро меёбанд, ки ба андозаи лӯхтак гардида буданд. Аз дигарон ҳамчун нишон танҳо хокистарро мебинанд.

Чанд рӯз баъд, ки оташи сӯзон кам мегардад, зиндаҳои боқимонда гумон мекунанд, ки акнун нафаси озодеро кашидан мумкин аст. Мардумон ҳанӯз ба пуррагӣ намедонанд, ки ба муқобили онҳо силоҳи атомиро истифода кардааанд. Баъди ду рӯз бемориҳои ногаҳонӣ дар сутунмӯҳра, дар асаб, дар сару рӯй, дар рагу буғумҳои одамон пайдо мегардад, ки аксарашон дар кӯтоҳтарин муддат аз ин дардҳои ҷонкоҳ мемиранд. Дар давоми чанд

ҳафта шумораи фавтидагон аз 140 ҳазор нафар мегузарад ва ин фавтҳо солҳо идома меёбанд.

БОЗГЎИ ДАҲШАТҲО

Осорхонаи ҷаҳонии шаҳри Хиросима ҳар бинандаро ба риққат меорад. Ҳар касе, ки ба шаҳри Хиросима меравад, наметавонад, ки дар саёҳати худ аз дидани ин осорхона сарфи назар намояд. Ҳар як гўша ва ҳар як экспонат бо рақам ишора шудаасту бозгўкунандаи даҳшатест. Ҳангоми дохил шудан ба осорхона ба шумо монанд ба радиоплейр дастгоҳи сабтшудаи садоҳо ва гўшмонакҳо(наушник)-ро медиҳанд, ки бидуни роҳбалад худатон ба назди гўшаву экспонати дилхоҳ рафта, забони фаҳмову рақами даркориатонро аз он дастгоҳ зер мекунед ва ба шумо дар бораи он нақл карда мешавад.

Модаре барои кўдаки ҳафтсолааш чанд рўз пеш аз бомбапартоӣ куртачае медўзонад. Он рўзи мудҳиш кўдак ҳамон куртачаро пўшида ба мактаб меравад. Модар, ки аз мактаб дур асту зинда мемонад, баъди чанд рўз барои ҷустуҷўи фарзанди ба мактаб гуселкардааш меояд. Ду рўзи аввал ў имкон надорад, ки ба мактаб наздик шавад. Аз таркишу зарари ин силоҳи қатли ом вуҷуди модар низ ба бемориҳо гирифтор шудааст. Аммо ўро доғи ҷудоии фарзандаш боз ҳам хастатару бемортар гардонидааст. Аз ягона писарчаи хурдсолаш нишоне ҷустан мехоҳад. Иттифоқан як остини

нимсӯхтаи либоси писарашро меёбад, ки худаш барои ӯ дӯзонида буд. Тасодуфан ин остини нимсӯхта зери хок боқӣ мемонаду пурра намесӯзад. Модар нахуст гӯё фарзандашро ёфта бошад, хурсанд мегардад, аммо ин хурсандӣ аз ақл бегонашавии он модар буд. Ӯ аз писарчаи худ танҳо остини нимсӯхтаро ёфта буд, ки рӯзи мактаб рафтанаш он куртаи навро шодикунон пӯшида буд. Баъди чанд рӯзи гиряву фиғонҳо модар низ мефавтад ва ин остинча аз он модару писар ҳамчун нишони он даҳшат боқӣ мемонад.

Кимика ном духтараке ба мактаб дер мондаву норасида, рӯяш каме месӯзад. Ӯ бо сабаби баланд будани ҳарорати баданаш чанд маротиба худро ба об андохта ба машаққати зиёде ба хонаашон меояд. То ба хона омада расидан захми даҳшатноке рӯи ӯро пурра фаро мегирад. Кимикаро дар хонаашон танҳо аз овозаш мешиносанд. Бо вуҷуди дарду сӯзиши баланд, чун эҳсосу муҳаббати кӯдакона ҷузвдони худро дар роҳ намепартояд. Духтарак дароз умр намебинад ва бо сахттарин азоб 10-августи соли 1945 мемирад. Ҷузвдони ӯ дар осорхона нигоҳ дошта мешавад.

Яке аз даҳшатҳои бомбаи атомӣ он будааст, дар ҷисми одам захмҳои ногувору ҳар лаҳза афзоишёбанда пайдо мешаванд. Баъди ин рехташавии гушти инсон аз он захмҳо шурӯъ мешавад, ки шадидтарин азоб барои соҳиби он ҷисм мебошад. Дар як гӯша ин гуна аксҳои фаровон гирд

оварда шудаанд, ки ҳар бинанда таҳаммули пурра дар наздашон истодану дидани онҳоро надорад.

Дар гӯшаи дигар велосипеди сечархаи кӯдаки панҷсолае қарор дорад, ки ҳангоми афтидани бомбаи атомӣ дар масофаи 1,5 километр, дар ҳавлиашон ба бозии кӯдаконаву беғами худ машғул будааст. Писарчаи аз оламу одам бехабар Миӣ ном доштааст ва ҳангоме ки падараш дур аз хона аз ҷои кори худ давон барои хабар гирифтани аҳли оилааш меояд, ҳамсари худро дар дохили хона фавтида мебинаду аз писарчаи хурдсолаш танҳо гушту устухонҳои сӯхтаро дармеёбад. Аз оташи сӯзону тафсон танҳо нимсӯхтаи велосипеди оҳании писараш боқӣ мемонад. Ҳамчун ваҳшату натиҷаи ҷанги сард ин велосипеди писарак дар осорхона боқист.

Аз наздикии осорхона дарёе мегузарад, ки соҳилҳои хушки васеъ дорад. Дарё ном дорад, лекин оби хеле кам дорад ва гумон мекунед, ки ҳамагӣ як ҳафта шудааст, ки ба хушкшавӣ оғоз намудааст. Ин оби кам ва ин соҳилҳои хушкшуда рамзи ташнагии одамони аз бомбаи атомӣ зарардида мебошад, ки аз ҳарорату дараҷаи тафсони ҳаво дар он рӯзҳо худро ба ин дарё андохтаанд. Дар ҷои дигар дар назди осорхона, дар миёни кӯли хурдакаке мақбараи маҷмаавии 140 ҳазор нафар қурбониёни рӯзҳои аввали ин бадбахтӣ гузошта шудааст, ки он ҳам ифодагари мазмуни ин дарёи хушку беоб мебошад.

Акс ва шакли ин бомбаи партофташуда дар осорхона дида мешавад, ки дарозиаш се метр ва вазни он чор тонна будааст. Дар ин бомба ҳамагӣ як киллограм атоми плутоний истифода гардида будааст. То имрӯз танҳо яке аз биноҳои аз таъсири ин бомба харобгашта ҳамчун нишона аз он рӯзи наҳс нигоҳ дошта мешавад, ки онро чехҳо дар соли 1941 сохтаанд. Дар наздикии ҷои таркиши бомба, ки беморхона ҷойгир будааст, баъдтар беморхонаи дигар сохтаанд, ки онро ба номи сардухтури онвақтаи беморхона гузоштаанд.

ТУРНАЧАҲО ДУХТАРАКРО НАҶОТ МЕДИҲАНД.

Дар саҳни майдони назди осорхона ҳайкали духтарчае гузошта шудааст, ки дар дасташ турначаро дошта меистад. Бисёр наврасону кӯдаконро дидан мумкин аст, ки ба пояи он ҳайкал ба ҷои гулҳо турначаҳои қоғазиро бурда мегузоранд. Маҳдуд будани ҷойро ба назар гирифта, дуртар аз ин пайкара, дар ҳар ҷои мувофиқу андак намоён турначаҳои овезонро мебинед. Ин турначагузориҳо низ таърихи худро дорад. Духтараке, ки таъсири нурҳои заҳрноки бомбаи атомӣ дар ҷисмаш зиёд аст, бемору бистарӣ мегардад. Ин беморӣ баъди даҳ соли партофта шудани бомбаи атомӣ сар мезанад. Замони таркиши бомба духтарча ҳамагӣ чорсола аст ва даҳ соли

дигар азияти таъсири онро ба дӯш дорад. Ба бемории шадиди асаб гирифтор мегардаду табибони дохиливу хориҷӣ барои беҳ кардани саломатии ӯ хеле талош мекунанд. Дар аввал табибон гумон мекунанд, ки духтараки бемор сиҳатӣ меёбад, вале ташхису табобати минбаъда нишон медиҳад, ки ҳама воситаҳои навини муолиҷа ҳаёти духтаракро наҷот дода наметавонанд. Аммо навраси бемор аз марги ба наздикӣ ӯро суроғкунанда бехабар аст ва уммед мебандад, ки ӯ сиҳат мешаваду ба мактаб меравад ва ба корҳои падару модараш ёрӣ мерасонад. Духтарак ба табибон ва ҳам ба худаш ёрӣ расонидан мехоҳад ва аз онҳо мепурсад, ки бо чӣ роҳе ба табибон кӯмаку мусоидат карда метавонад, ки саломатиаш ҳар чӣ зудтар беҳ гардад. Дарди шадиди асаб ва ширин будани ҳаёту зиндагӣ дар дили кӯдаке, ки ҳанӯз аз гулистони орзӯҳояш накҳатеву бӯе набурдааст, талоши наҷотро бедор менамояд. Роҳи ягонаи то дами марг осоиш ёфтани духтаракро табибон дар он мебинанд, ки ӯ бояд ба чизе андармону машғул бошад ва ба ӯ маслиҳат медиҳанд, ки ба сохтани турначаҳо машғул гардад, сиҳат мешавад. Духтараки ноком бо ин муждаву супориши духтурон хурсанд мешавад ва ба ин кор шурӯъ мекунад. Турначаҳои сохтаи ӯ аз қоғаз мебошанд ва чандон кори мушкил намебошад. Дар назди худ мақсаду вазифа мегузорад, ки ин гуна турначаҳои зиёдро дар кӯтоҳтарин муддат месозаду аз ин

бемории шадид нақот меёбад ва ҳатто дар назди худ чун ӯҳдадорӣ вазифаи қатъӣ мегузорад, ки шумораи турнаҳоро ба рақами муайян мерасонад. Аммо умр ба ӯ вафо намекунад ва ҳамагӣ чанд адад мондан ба он нақшае, ки дар пеши худ гузошта буд, ӯ аз дарди шадид мемирад. Ин аст, ки ҳар сол кӯдакону наврасони сулҳпавар аз тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳамчун рамз ба ёрии ин духтарак турначаҳои сохтаи худро мефиристанд ва рӯҳи он духтараки нокомро хурсанд намудан мехоҳанд. Чун рамз ҳар сол рӯзи шашуми август дар дарёи наздикии осорхона ҳазорон турначаҳо партофта мешаванд, ки онҳо шинокунон ба ҷониби уқёнус мераванд.

-Ин турначаҳо паёми сулҳу дӯстиву ҳамдигарфаҳмиро ба тамоми одамони сайёра бурдан мехоҳанд.- Мегӯянд сокинони Хиросима.

ЯПОНИЯ МУХОЛИФИ СИЛОҲИ ЯДРОИСТ.

Ҷомеаи Япония хеле дақиқкор аст. Ин махсусиятро мо дар ҳар қадам мебинему эҳсос менамоем. Шитоби роҳгузаронро мебинеду хаёл мекунед, ки медаванд. Вақтро онҳо барои худ қимттарин чиз меҳисобанд.

–Шуморо дӯст намедоранд, агар ба қавлу гуфтаатон амал накунеду дар вақти муқараргашта дар ҳама ҷо ҳозир набошед. - Доимо аз оғоз то имрӯз мегӯяд Сергей Волковский. Гуфтаҳои

координаторамон ба мо тӯли чанд ҳафта алакай таъсири худро гузоштааст. Дар ҳама ҷо ҳатто як дақиқа дер карданро барои худ «гуноҳ» медонем. Барои ҳамранги ин ҷомеа будан ин субҳ низ дар шаҳри Хиросима шитобон дар толори меҳмонхона ҷамъ омадем. Баъд аз дастуру баъзе натиҷагириҳо соати даҳ дар студияи телевизионии **NHK** ҷамъ омадем, ки яке аз телевизионҳои шинохтаи ин кишвар ба шумор меравад. Сӯҳбату саволу ҷавоб бо чанде аз кормандони ин телевизион доир гашт. Филми мустанаде доир ба мавзӯи ҷанги ядроӣ ба мо пешкаш гардид. Ҷаноби Конда ҳамчун журналисти фаъол ва муаллифи ин намоиш ҳамроҳи мо сӯҳбати алоҳидаи худро ихтисос дод. Ӯ дар бораи ин мавзӯъ маълумоти фаррох дорад ва тавонистааст, ки маводи зиёдеро фароҳам орад. Дарк намудан осон аст, ки япониҳо дар ташвишанд, аз мамолике, ки соҳиби силоҳи ядроӣ мебошанд ва аз паҳншаваии он ниҳоят хавф доранду метарсанд. Агар он силоҳ дар дуртарин кишвари африқоӣ бошад ҳам, онро хатари умумиҷаҳонӣ мешуморанд. Назар ба қавли ҷаноби Конда аз бомбапартоии соли 1945 аксҳои ангуштшумор боқӣ мондаанд ва дар такя ба гуфтаҳову мушоҳидаи шоҳидони ин воқеаи мудҳиш наворҳои гуногун омода карда мешаванд. Даҳшату ногувориҳои ҷанги ядроӣ Кондаро маҷбур менамояд, ки ба мисолҳои дақиқ рӯ орад. Дар бораи Семипалатински Қазоқистон бо нигоҳи шадиди танқидӣ ҳарф мезанад. Озмоишҳои ядроиро мӯҷиби

бадбахтиҳои ояндаи аҳли башар дониста, кӯшиш мекунад, ки ҷаҳонхоҳии баъзе абарқудратҳоро, ки боиси бадбахтии башарият аст, бозгӯ кунад.

Мулоқоти рӯзи дигар дар рӯзномаи «Тюгоко Симбун» низ ҳамин мавзӯъро дарбар мегирифт. Халқи Япония бо тамоми ҳастияш мухолифи истеҳсолу истифодаи яроқи ядроӣ мебошад ва бо шиори «Рӯҳи Хиросима ба тамоми дунё» ҳар сол ҳамоиши бузурги байналхалқиро дар шаҳри Хиросима барпо менамоянду аҳли башариятро ба сулҳу осоиштагӣ даъват месозанд. Айни ҳол дар ҷаҳон зиёда аз 11 ҳазор бомбаи атомӣ, аз ҷумла дар ИМА 7000, Русия 4300, Хитой 400 ва Фаронса 200 адад мавҷуд аст. Ҳисоб карда баромадаанд, ки истифодаи ҳамагӣ даҳ фоизи ин бомбаҳо барои фанои ҳаёт дар рӯи сайёра кифоя аст. Мубориза алайҳи истифодаи яроқи ядроӣ дар ҷаҳон аз соли 1949 шурӯъ мешавад. Бо он ки ИМА озмоишҳои минбаъдаи худро дар соли 1949 оғоз намудааст, сабқатро Иттиҳоди Шӯравӣ идома медиҳад ва дар Семипалатински Қазоқистон озмоишҳои худро ба роҳ мегузорад. Семипалатинск ба нуқтаи асосии озмоишҳои атомӣ табдил ёфта, дар кӯтоҳтарин муддат ин мавзеъ барои зисти тамоми мавҷудоти зинда номумкин мегардад. Махсусан корхонаи атомии «Маяк» диққати аксар журналистону коршиносони япониро ҷалб намудааст. Одамоне, ки дар атроф ва наздикиҳои ин корхонаи истеҳсолӣ зиндагонӣ менамоянд, гирифтори маризиҳои

табобатнашаванда мебошанд. Дар наворҳои алоҳида дидан мумкин аст, ки шахси масъулеро дар бораи тағдири одамон фикру андешаи дар сар нест. Мардумони овораву бекор барои дарёфти маблағи муайян аз минтақаҳои замоне барои озмоиш истифодагашта оҳанпора ҷамъ месозанду онро ба минтақаи сарҳадӣ бурда ба тоҷирони хитоӣ мефурӯшанд. Дар миёни ин мардикороне, ки аз даст додани саломативу ҳаёти худро дарк намекунанд, кӯдакону наврасон кам нестанд. Дар идораи рӯзномаи «Тюгоко симбун» наворҳое пешкаш гардиданд, ки ҳанӯз самараи истифода нагаштани яроқи ядроиро бозгӯ менамуданд. Чӣ ҷои он ки баъд аз истифодаи бомбаи атомӣ дар бораи даҳшатҳои он инсоният доду вовайло гӯяд. Як соат қарор гирифтан дар масофаи начандон наздик аз ин минтақа, инсон метавонад меъёри яксолаи радиатсияро дар ҷисми худ қабул намояд. Чоҳҳои сарпӯшидаву маҳками партову дигар моддаҳои химиявӣ дар баъзе нуқтаҳо бидуни назорат боқӣ гузошта шудаанд, ки сокинони маҳалҳои наздиктарин барои ба даст овардану фурӯхтани маъдани мис бехи онҳоро кофтаанд. Одамони радиатсияро фурубурда умри чандон тӯлонӣ намебинанд. Кӯдакону наврасонеро дидан мумкин аст, иллатҳои модарзодӣ доранд. Сарҳои онҳо ниҳоят калон мебошанд ва баъзеи онҳо дастҳои беангушт доранд. Кӯдак 7-8 сол дошта бошад ҳам, аммо рост истода наметавонад. Аксарият

гирифтори бемории табобатнашавандаи саратони қафаси сина ва майнаи сар мебошанд.

Аз ин наворҳову дигар лексияҳо чунин гумон кардан мумкин буд, ки шояд Япония ҳамчун муроқиб бо абарқудратҳое чун Русияву ИМА муборизаи идеологиро бурда истодааст. Аммо ин гумон хато буд. Зеро Қазоқистон, Фаронса, Чин ва дигар қудратҳои ядроӣ мавриди интиқоди шореҳону коршиносон қарор мегирифт ва тамоми ин фактҳо танҳо ба Русияву ИМА дахл надошт. Инсон барои нест кардани инсон нахуст шамшеру камон, баъдтар туфангу тӯп ва ахиран яроқи атомиро фикр карда сохт. Гуфтан ҷоиз нест, ки шамшеру камону тӯпу туфанг силоҳи бахайри инсон аст. Зеро ба воситаи онҳо низ қатл ба вуҷуд меомаду меояд. Ихтирову истеҳсоли яроқи ядроӣ бошад, на дастоварду пешрафт, балки пурҳамоқаттарин амали инсон аст, ки ҳар дақиқаву ҳар лаҳза метавонад ҳастиву ҳаёти боз худи инсонро ба нобудӣ орад. Дар баробари ин сарфи назар аз тасаввуроти дар ин сафар ҳосилгашта мудом маро андешае ором гузошта наметавонад, ки чаро инсон бо табиате, ки ӯро дар оғуш мепаварад, ин қадар хиёнатҳоро раво мебинад. Ба шумору зикри ин хиёнатҳо намепардозем, вале танҳо як чизро мегӯем, ки табиат чун инсон ақлу забону шуур надорад ва бо ин ҳама «ноқисиҳо»- худ рӯзеву соате ба инсон ҷавоби сазовори худро медиҳад. Вақте онро нест месозему месӯзем, набояд

фаромӯш намоем, ки аз табиат пештар мо фано мешавему месӯзем. Шояд табиат дар шаклу шеваи дигар вуҷуд дошта тавонад, аммо ҳайҳот, ки инсон фанои куллии худро меёбаду шакли дигари ҳастӣ надорад. На ба бӯзинаи дурӯғини Дарвин бармегардаду ва на аз ин ҳолати худ ба шакли олитари дигар табдил меёбад.

«МАКТАБИ КӮҲӢ» ВА «МУАЛЛИМ МЕШАВАМ…»

Чанд рӯз боз аз барнома мехонем ва ҳам аз Юка мешунавем, ки мо аз «мактаби кӯҳӣ» дидан хоҳем кард, ки он бояд хеле аҷиб бошад. Дар майдону гулгаштҳои шаҳри Хиросима сайр мекунему ба акнофу атрофи он менигарам, ки онро чи гуна кӯҳҳо иҳота кардаанд. Кӯҳҳо дар ҳақиқат дар атрофи ин шаҳр кам нестанд ва онҳо чандон баландқуллаву пурҳашамат низ намебошанд. Барои худ маълум намудан мехоҳам, ки мактаби кӯҳиаш дар синаи кадоме аз ин кӯҳҳо ҷой гирифта бошад. Чун оғози баҳор мебошад, аксари ин кӯҳҳо ҷомаи сабз ба бар доранд ва аз дур хеле зебо ба чашм мерасанд. Дар аксари ин талу теппаҳҳои кӯҳмонанд хонаҳои истиқоматӣ ба назар мерасанд ва аз худ мепурсам, ки агар масалан дар миёни ин хонаҳову кӯчаҳо мактаб қарор дошта бошад, онро бо кадом ҷиҳат кӯҳӣ меноманд. Бароямон маълум аст, ки дар кишвари худамон аксаран лагерҳои истироҳатии

мактаббачагон дар мавзеъҳои кӯҳӣ қарор доранд, ки маъмулан мактаббачагон вақти таътили тобистона барои фароғату истироҳат ба он ҷойҳо мераванд ва то ҳол дар бораи «мактаби кӯҳӣ» дар Тоҷикистон чизе нашунидааму намедонам.

Нимаи дуюми рӯз савори автобуси начандон хурду начандон бузург ҳайати бистнафара роҳ сӯи мактаби кӯҳӣ пеш гирифтем. Тақрибан 50 километр аз шаҳри Хиросима дур рафтем ва автобуси мо акнун ба доманаи кӯҳе расида, фарози кӯҳро ороманаву озодона хазида боло мебарояд. Барои он озодонаву оромона мебарояд, ки роҳ хеле васеъ, ҳамвор ва суфта аст. Қариб, ки душвориву заҳмату нолиши техникаро эҳсос намекунед, ки одатан ҳангоми ба ағбаҳо баромадан ин чизро дар кишвари худамон бештар дучор мешавем. Ба манзараҳои кӯҳӣ менигарему ҳаловати ачиб мебарем. Ҳама ҷо сердолу дарахт, сабзу шукуфон ва мафтункунанда аст. Фаҳмидан душвор аст, ки чашмаҳои сероби мусаффои аз бағали сангу шаҳҳо ҷоришаванда табиианд, ё махсус сохта шудаанд. Ин гуна чашмаҳоро хеле зиёд дидан мумкин аст, ки агар дар дохили автобус ҳам бошед, садои гуворои ҷоришавии онҳо чун мусиқии пурасрор ба гӯш мерасанд. Дар ҷое бо хоҳиши аҳли гурӯҳ автобусамон таваққуф намуду ин манзараҳои биҳиштосоро аз наздик тамошо намудем. Аз ҳама ачибтар ин дарахтони бузургсоле мебошанд, ки сарфи назар аз хушк будану болои ҳам афтидани

баъзеи онҳо хеле дилрабоянд. Сабзаҳои зери сояи дарахтон тозаву муаттаранд ва гӯё онҳоро чун қолини рӯи фарш густурда, ҳар субҳ рубучин менамоянд. Андешаи мост, ки чаро ин қадар дарахтони бузургу хушки ҳезумбоб аз назарҳо дур мондааст. Бодиққат назар кунед дар ҷое ҳам изи табару тешаву аррaро намебинед. Аммо шохаҳо ҳама тозаву озодаанд ва гӯё асрори пиршавию пӯсида шуданро намедонанд. Гоҳ- гоҳ миёни ин анбӯҳи дарахтони ҳамсони беша ҷонваракони гуногун ба чашм мерасанд, ки зиндагии осоишта доштанашон бараъло ҳувайдост. Парвози парандагону хониши мурғакони хушсадо бошад, ҳусни дигаре ба ин манзараҳо зам менамояд. Дар ҳақиқат ба тамоми нозукиҳояш тасвири ин манзараҳои зебову дилфиреб душвор аст. Ин саҳнаҳои зебоеро, ки табиат ба одамон ҳадя намудааст ва онро дар роҳ ба сӯи «мактаби кӯҳӣ» мебинем, ангуштшумор нестанд, ки гумони сохтаву ғайритабиӣ будани онҳо дар дил амиқтар пайдо шавад. Ҳеҷ гоҳе ба масофаҳои ин қадар тӯлониву дароз боғҳои ботаникиву таҷрибавию илмӣ бунёд карда намешаванд. Ҳастиву тавлиди ин мӯъҷизаҳоро метавон гуфт ба кадом ваҷҳу сабаб аст: **«Муносибати боэҳтиромонаи инсон бо табиат».**

Ба мактаби кӯҳӣ низ расидем ва он қариб, ки дар қуллаи кӯҳ ва дар пастхамии ба қавле шамолпанаҳ ҷойгир аст. Ин мактаб дар оғуши ин

кӯҳ дар ноҳияи Нокии шаҳри Хиросима қарор дорад. Минтақа ё ноҳияи Нокӣ он қадар бузург набуда, ҳамагӣ соҳиби даҳ ҳазор аҳолӣ аст. Моро дар саҳни ҳавлии мактаб директори он Уне Сюигӣ пешвоз гирифт, ки тахминан марди 35-40 солаи хушсимову кушодачеҳра мебошад. Атроф аҷаб табиати зебову мафтункунанда дорад ва ба андешаи мардуми худамон шоиру олим нашудан дар ин гуна фазову шароиту ҳаво гуноҳ аст. Ба ҳавлии мактаб дохил мешаведу гумон мекунед, ки ба кадом як сайргоҳу боғи истироҳатӣ ворид шудаед. Шояд вақти танафус буд, ки аксари толибилмони мактаб дар рӯи ҳавлӣ гаштугузору сӯҳбат менамуданд. Боодобона ба забони худашон ба мо салом медоданд. Синну соли қариб ҳамаи онҳо 10-12 солро ташкил медиҳад ва аз ин хурду калон намебошанд. Мактаби мазкур дуошёна ва серутоқ бошад ҳам, вале ҳамагӣ се синф доштааст. Шумораи хонандагон бошад, дар қиёс ба Японияи сераҳолӣ он қадар зиёд нест. Аз шаст нафар хонанда зиёд надораду понздаҳ нафар муаллим ба тадрис машғуланд. Усули таълим дар қиёс бо мо хеле фарқ мекунад. Хонандагон баъд аз хатми синфи шашум ҳуқуқ доранд, ки ба ин мактаб шомил шаванд. Таҳсил дар ин гуна мактаб ройгон нест ва бо вуҷуди таҳсили пулакӣ талабот ба он зиёд аст ва тариқи озмун танҳо хонандагони лаёқатманд ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Фанҳои тадрисшанда интихобӣ мебошанд ва истеъдоди ҳар

як хонанда дар самти муайян маълум мегардаду сипас фанни зарурӣ ба ӯ омӯзонида мешавад. Ба дарси забони англисӣ даромадем, ки ба 14 нафар хонанда якбора ду нафар омӯзгор дарс мегузаштанд. Хонандагон дар ду қатор мизҳо ҷой гирифтаанд. Як муаллим бо қатори аввал хомӯш чизеро дар дафтарҳо менависаду шогирдон аз рӯи он машқи хат менамоянд ва муаллими дигар тӯтивор калимаҳоро ҳамроҳи шогирдони қатори дигар такрор менамояд. Баъди чанд лаҳза муаллимон ҷойҳои худро иваз мекунанд. Маълум, ки бо ин тартиб забонро омӯхтан хеле қулай будааст. Инро аз шеърхониву бо забони англисӣ озодона сухан гуфтани хонандагони японӣ дарк намудем, ки онҳо ҳанӯз наврасу хурдсол мебошанд. Забони японӣ, забони англисӣ, математика, расмкашӣ, компютер ва варзиш фанҳои асосӣ ба шумор мерафтаанд. Омӯзиши забони модарӣ мақоми аввалтарро соҳиб аст ва барои омӯзиши худи забони японӣ, ки граматикаи мушкил дорад, барои навраси ин кишвар ҳашт сол низ мӯҳлати кифояткунанда набудааст.

Ҳама толибилмон либоси ягонаи мактабӣ доранд ва назар ба қавли омӯзгорон тартибу интизоми намунавӣ доранду дар раванди таҳсил хеле ҷиддӣ мебошанд. Ба мо имкон дода шуд, ки чанд дақиқа бо хонандагон тавассути тарҷумон саволу ҷавоб намоем. Саволи мо аксаран дар бораи касби дӯстдошта ва пешаи ояндаи онҳо буд ва

ҷавоби аз нисф бештари онҳо чунин буд, ки «муаллим мешавам»-у пешаи омӯзгориро меписандам. Барои мо дар Японияи электроникиву техникӣ дар ҷои аввал қарор доштани ин касб хеле аҷиб буд. Сабаби ба касби муаллимӣ таваҷҷӯҳ доштани наврасонро баъдтар аз Юка пурсон шудам ва ӯ гуфт, ки касби омӯзгорӣ дар ин кишвар муқаддас дониста мешавад ва омӯзгор дар ҷомеа қадру қимати баланд дорад. Зеро дар ин сарзамин муваффақият, пешравӣ, маърифат, маънавиёт ва умуман зидагии шоистаро ба омӯзгор вобаста медонанд.

Дар дарси расмкашӣ мо дар паҳлӯи хонандагон нишаста, барои ҳамдигар дар дафтарҳои худ расмҳои хотиравиро кашидем. Дар дафтари Зузакӣ ном духтарак ман расми кӯҳи серлолаи офтобиро кашидам ва ӯ дар дафтари сабти хотираҳоям акси рамзии турначаҳои Хиросимаро кашида дод. Вақти берун шудан аз ҳавлии мактаб ҳамаи аҳли устодону шогирдони «мактаби кӯҳӣ» ба гуселамон баромада буданд ва хотирмон ҳамин буд, ки агар ҳама дастафшонӣ намоянд, кадом як писарчаи шӯх аз байнашон мушт гиреҳ карда гӯё моро таҳдид мекарда бошад, ки дигар наоем. Ин амали ӯро муаллимонашон намедиданд ва мо завқ карда хандидему танҳо Сергей андаке хиҷолат кашиду шӯхиомез гуфт:

-Кадоматон ӯро ранҷонидед?

МАРОСИМИ «ИКЕБАН» ВА ЧОЙНӮШӢ

Ҳафтаи сеюми буду бошамон дар кишвари Япония ба анҷом мерасад. Акнун бисёр одатҳо муқарарӣ гашта истодаанд. Ба гушти харчанг бо тааҷҷубу шубҳа наменигарему баъзеҳо пораи гушти китро, ки бо кадом як расму русум ва хусусияташ дар шакли хом ба рӯи дастархон мегузоранд, бо иштиҳо тановул менамоянд. Имрӯз ҳангоми субҳона Анвар ба ҳар ҳол аз қурутобу шакароби тоҷикӣ ёд кард. Зеро табъу иштиҳои Анвар нисбати дигарон нозуктар мебошаду дар ҳолати ба ӯ писанд набудани навъи хӯрок чун носеҳи шикамсер ба хӯрокхӯрии дигарон нигариста, зуд аз ғизоҳои лазизу серравғани худамон сухан мекушояд. Самбӯсаву фатири варақини тоҷикиро беҳтарин навъи меъдаро ором кардан шуморида, андак-андак алами дигаронро низ бедор кардан мехоҳад. Ҳама чиз фаровон мебошад, вале гуруснагии сунъӣ баъзеҳоро нороҳат месозад.

Як рӯз бегоҳӣ махсус барои ба табъи худамон ёфтани хӯроки дилхоҳ ба шаҳри Токио баромада будем, ки он бароямон ҳам аввалин буду ҳам охирин. Шӯҳрат таърифи зиёд кард, ки ӯ дар ким куҷо нуқтаеро медонад, ки онҷо хомшӯрбову нони чаппотӣ ҳаст. Он рӯз Шӯҳрати якрав чанд тарабхонаро дида, яке аз онҳоро, ки гӯё хӯрокҳои лазизу «шариатӣ» доштааст, интихоб намуд. Ӯ

назди пешхизмат рафта, аз он ки на япониву на англисиро медонист, на бо забон, балки бо ишора ду навъи хӯроки гуштдорро интихоб кард. Аз тамъу ғизои он шикояте надоштем, аммо вақти ҳисобӣ чун арзиши хӯроку хизмати худро дар варақчае ба мо навишта дод, аз баднафсиву омаданамон ба инҷо пушаймон гаштем. Зеро бо он пуле, ки мо дар тарабхона бо иштиҳои қозгир хӯрок тановул намудем, метавонистем, ки дар Душанбе ҳар кадомамон барои хароҷоти рӯзгор хеле майда чуйда харидорӣ намоем. Мо бехабар мондаем, ки ба яке аз тарабхонаҳои бонуфузи шаҳр даромада будаем. Албатта он нафаре, ки дар мусофират қарор дорад, бояд дар мавриди хароҷотҳо эҳтиёти худро намояд. Шӯҳрат хайрият, ки маблағи барои харидани комютер ҷудонамудаашро бо худ гирифта будааст, вагарна мо чун гаравгон дар ин тарабхона боқӣ мемондем. Айб нашавад гуфта ин алами худро ба касе нагуфтем ва баръакс ба бародарони ӯзбеки ҳамроҳамон маслиҳат додем, ки дар фалон кӯча тарабхонаи хӯрокҳояш барои мо мардумони Осиёи Миёна мувофиқ ҳаст. Аз афташ чанд нафари онҳо низ ҳамагӣ як маротиба ба онҷо рафтанд ва чун Шӯҳрат аз онҳо дар бораи сифату нархи хизматрасонӣ пурсон гашт, «э монед…» гуфтагӣ барин танҳо даст афшонданд.

Нимаи аввали рӯз мо бояд дар маросими «Икебан» ширкат намоем, ки таърихи зиёда аз шашсадсола дорад. Гӯё ба ягон меҳмонхонаи

деҳотии тоҷикӣ ворид мешуда бошем, ки пойафзоламонро дар даромадгоҳ бадар менамоем. Биное, ки ба он дохил шудем аз чӯб сохта шудаасту шифти хеле паст дорад ва ҳангоми болои фарш қадам задан садои ғиж-ғижи он баланд мегардад, ки чандон дағалу гӯшхарош намебошад. Фикр кардан мумкин аст, ки ин хусусият махсус нигоҳ дошта мешавад, вагарна тармиму таҷдиди бино барои ин кишвари дорои иқтисоди қавӣ ҳеҷ мушкилу ташвише намебошад. Қадимӣ будани бино аз гузаштаи бои анъанаҳои фарҳангӣ дарак медод. Сечор нафарӣ дар гирди мизҳои пургул мешинем. Ин нишастан ҳам тоҷикона мебошад ва мо чорзонӯву сари зонӯ мешинему аввал дар бораи навъу номи гулҳо ба мо маълумот медиҳанд. Сипас ба ҳар кадоми мо 6-7 навъи гулҳоро бо амсилаи муайян медиҳанд. Дар болои миз қайчӣ, вобаста ба ранги гулҳо чанд навъи ришта ва баъзе аксҳо мавҷуданд. Ҳар нафари мо бояд гулдаста созем. Ин амалро бештар хоси духтарон медонанд ва худи ман ҳарчанд баъзе гулҳоро нағз бинам ҳам, чандон завқи зиёд ба гулдастасозӣ надорам. Дар аввал ба ин кор чандон аҳамият надодам ва ба гулдастасозии духтарон ором нигоҳ карда нишастам. Юкаи тарҷумонамон дар паҳлӯям менишаст ва алакай ӯ гулдастаи худро омода намуда буд. Ӯ гуфт, ки агар гулдаста омода насозам, ин расм ичроношуда боқӣ мемонад ва шояд малоли хотир низ гардад. Ин

таъкиди Юка водорам намуд, ки бо ёри ӯ гулдастаро тайёр намоям.

Маросими чойтайёрнамоии духтаракони японӣ низ ҷолиб буд. Ба як хонаи начандон васеъ ва барҳаво ворид шудем. Гумон мекардем, ки чун чойхонаҳои худамон барҳавою серсутун асту дар як кунҷ дар чойҷуши барқӣ об ҷӯшида истодааст. Аммо дар онҷо токчаҳои қадимии монанд ба расадхонаҳои асри понздаҳи Самарқандро мебинем. Яъне чизе замонавӣ нест. Мо давра мешинему аз рӯи кадом як анъанаи чинӣ ду духтараки филлипиниву хитоӣ ним соат ин тарафу он тараф ҳаракат намуда, гӯё амали сеҳру ҷодӯеро анҷом медода бошанд. Гуё онҳо канизакони дарбори Ҳусайн Бойқаро бошанд, ки дар назди хоҷаи худ бо ишваю ноз хаму рост мешаванду маи гулгунеро ба мир пешкаш кардан мехоҳанд. Мо даҳнафарӣ тақсим шуда, дузонӯ зада чун муллобачаҳои пеш аз инқилоб дар шакли давра нишастаем. Қоида ҳамин аст ва онро бояд риоя намоем. Миёнаи давра холист ва яке аз духтарон дар як тарафи он мешинаду духтари дигар пиёлаи бо андоза косамонандро чун онҳое, ки машқи йогаро иҷро мекунанд, гирди дасту манаҳи худ давр занонда, оҳиста-оҳиста ба назди ҳар яки мо гузар менамояд. Хаёл мекунед, ки қаду басти худро ба мо нишон додан мехоҳад. Ӯ рафта дар каноре мешинаду духтараки дигар амали дугонаашро такрор менамояд. Ин гуна ҳаракатҳои онҳо зиёданд ва маъниву рамзи ҳамаи онҳоро

фаҳмидан душвор аст. Баъди ин ба чои хушк монанд, хокаи сабзеро дар чойнаки андаке калон мерезанду чун чойгардонии тоҷиконаи мо аз пиёла бо он чойнак рехтан мегиранд. Оқибат пас аз он ки чанд амали дигар анҷом дода шуд, ба ҳамаи мо дар пиёлаҳои нисбатан хурдтар аз чои омодакардашуда марҳамат намуданд. Дохили пиёла як сабзобаи серкафк буд ва ин гуна чойро аввалин бор мебинему ба он нигоҳ карда меистем, ки чи бояд кард? Нахуст Сергей чояшро нӯшид ва ҳамаи мо ба ӯ пайравӣ намудем. Тамъу бӯи аҷиб дошта бошад ҳам, вале талхии онро бештар эҳсос кардан мумкин буд. Чун чойро нӯшидем бароямон қанду ширинихоро оварданд, ки шояд барои аз даҳон дур кардани талхии аз чой боқимонда нигаронида шуда буд.

-Дар чойхона чой бо қанд буданаш нағз.- Гуфтанд аксар аъзоёни гурӯҳ ва болидахотир аз «чойхона» берун рафтем.

ДАР ОИЛА

Яке аз бахшҳои аҷибу хотирмони барномаи мо ин зиндагӣ дар оилаи японӣ мебошад. Чанд рӯз қабл Сутсуми Нагако ба маркази ЯМСИ омада, бо ҳамдигар шинос шуда будем ва сӯҳбати кӯтоҳе низ доштем. Баъди нисфирӯзӣ Сергей ва Юка ҳар кадоми моро ба намояндагони оилаҳои японӣ вобаста ба шӯхиҳои Сергей - «бо кафолати баргашта омадан» супурданду мо ҳамчун аъзоёни нави муваққатии оилаҳо ҳамроҳи падару модарони чандрӯзаи худ ба ҳар ҷониб пароканда гаштем. Координаторҳоямон ҳамчун дастуру маълумоти қаблӣ ба мо фаҳмонида буданд, ки дар оилаҳо чанд муддате, ки бошем бояд рафтору муносибати намунавӣ дошта бошем. Назар ба қавли Сергей оилаҳое, ки моро қабул менамоянд, чандон сарватманду баландмақом намебошанд. Бинобар ин Сергей таъкид намуд, ки мабодо «эркагиҳо» намуда, боиси озурдагии хотирашон гардем. Намедонам онҳо чиро дар назар доштанд ва аз мо чи гуна рафторро интизор буданд? Расму оини оилаи японiро низ ба мо гуфта дода буданд ва аз баъзе чизҳо мо андаке дар ташвиш мебошем. Масалан як чиз боиси ҳайрату тааҷҷуби мо буд, ки чаро дар сарфаи об дар оила япониҳо ин қадар хасисӣ менамоянд. Барои шустушӯи бадан, ё ин ки оббозӣ дар ҳамом тамоми аҳли оила аз як оби дар дохили ванна буда истифода менамудаанд. Яъне

дохили ванна як бор аз об пур карда мешаваду дар он бояд тамоми аҳли оила бо навбат оббозӣ намоянд. Албатта на дар якҷоягӣ, балки ҳар нафар дар танҳоӣ бо риояи қоидаҳову расми маъмулшуда. Ин амал нахуст аз окасан-падар шурӯъ мешудаасту аз рӯи синну сол ба хурдтарин аъзои оила ба анҷом мерасад. Қариб баробари ҷиноят будааст, агар касе оби дохили ванна бударо сар диҳаду оби нав пур намояд. Мақсад аз ин амал нигоҳ доштани оби гармакак будааст. Гӯё ҳар бегоҳ ин амал ҷорӣ мебошад ва аз мо талаб карда шуд, ки дар ин маврид эҳтироми расму оинро ба ҷо орем. Барои мо ин шакли расму русум вуҷуд надорад ва баръакс гигиенаву қоидаҳои санитарӣ гуфта, кӯшиш мекунем, ки пеш аз оббозӣ нағзакак ҳамомро тоза намоему баъд ба шустушӯй машғул шавем. Куҷо ҷои он ки дар як об се-чор нафар оббозӣ намоем.

Бо андешаи ҳамин расму русуми оила ҳамроҳи Сутсуми Нагако аз бино берун гаштем, ки дар берун моро падари хонадон Сутсуми Дюитро ва духтарашон Сутсуми Ҳазуки интизор буданд. Бо забони японӣ салом карданро ёд гирифтаем ва бо падару духтар нимтаъзим карда салом додам. Воқеан нимтаъзим кардану салом додан натанҳо барои ман, балки барои тамоми аҳли гурӯҳ як навъ душвору нописанд ҳам ҳаст. Доир ба ин масъала ҳанӯз рӯзҳои аввал дар Токио Ману Шӯҳрату Самараддин камтар баҳс ҳам доштем. Ба хулосае омадем, ки он одату расми муқарарии япониҳосту

дар он ҳеҷ гуна тамаллуқ нест ва чуноне ки масалан дар мо тоҷикон даст пеши бар гирифтану оғуш кушодан нишон додани самимият мебошад.

Мо оҳиста-оҳиста ба таври худ сӯҳбаткунон ба таввақуфгоҳи автомобилҳо рафтем. Ҳазуки пурсид, ки забони англисиро медонам? Фаҳмонидам, ки камтар медонам ва ӯ хурсанд шуду сӯҳбатро оғоз кард. Рости гап аз даҳ понздаҳ калимаи талаффузнамудаи ӯ се-чортоашро мефаҳмидам ва ба ҳар ҳол мақсадро дарк намудан мумкин буд. Барои мақсаду матлаби худро баён кардан бошад, чанд дақиқа фикр карда кашу килеб чизе мегуфтам ва ӯ низ маро дарк мекард. Баъзан дуру дарозтар гап зада ба ман менигарист ва чун ӯро намефаҳмидам китф дарҳам мекашидам. Ӯ бошад баланду пурзавқ механдид ва ман ҳам ноилоҷ механдидам. Волидон, ки аз мо чанд қадам пештар мерафтанд, ба мо нигариста шояд гумон мекарданд, ки мо чун дӯстони дерина ҳамдигарро хуб мефаҳмем. Аз ошёнаи чорум автомобили хокистарранги онҳо тавассути эскалатор ба поён фаромад. Зану шавҳар, аниқтараш волидони японии мо дар пеш нишастанд ва ман ҳамроҳи Ҳазукӣ дар нишастгоҳи ақиб ҷой гирифтем. Намедонам, ки онҳо ба кучо мерафтанд, вале дар шаҳр автомобилсавор хеле сайр намудему ба як супермаркете ворид шудем, ки ниҳоят бузург буд. Аз панҷ ошёна иборат буду роҳравҳои росту васеи он садҳо метр тӯл дошт. Ину онро дидаву баъзе чизҳоро харидорӣ мекарданд ва ба растаи

моҳиҳо расидем, ки худ як бозори бузурги моҳиро мемонад. Ин кишвар, ки дар ҳалқаи обҳои бузурги уқёнусу баҳрҳо қарор дорад, табииист, ки одамон аз ғизоҳои баҳрӣ зиёд истифода мекунанд. Махсусан гушти моҳӣ барои онҳо арзону дастрас мебошад ва саҳару бегоҳ аз он истеъмол менамоянд. Онасан-модари хонадон интихоб ва харид мекарду окасан пули онҳоро пардохт мекард. Дар ҷое даруни яхдони шишагин харчангҳои зинда нигоҳ дошта мешуд ва волидон онҳоро ба ман нишон дода, мехостанд фаҳманд, ки барои хӯроки бегоҳ кадомаш барои ман беҳтар мебошад. Медонам, ки гушти харчанг ҳалол аст, вале нигоҳ кардан ба зиндаи он, ки чи тавр меҷунбад, дар ман чунин ҳолатеро ба вуҷуд овард, ки аз ҳамон рӯз то ҳол харчангхӯриро бас кардам. Тасаввур кунед, ки тортанаки калонеро ба андозаи гурбаи хурдакак мебинеду баъдан онро дар равған бирён карда назди шумо меоранд. Бо забони англисӣ не гуфтаму аз назди харчангҳои зинда дур гаштам ва Сутсумиҳо баланд хандиданд. Онҳо донистанд, ки то андозае ман ҳарос ҳам кардам. Дигар ба хариди онҳо кордор нашудаму ҳамроҳи Ҳазукӣ ин тарафу он тарафро тамошо кардан гирифтем.

Шаҳри Хиросима аз кӯҳҳои миёнаву хурди зиёди сангӣ иборат мебошад. Хонаи Сутсуминиҳо низ аз маркази шаҳр дуртар дар баландии кӯҳи начандон хурд қарор доштааст. Хонаҳо хеле зич ҷойгир мебошанд. Хамгаштҳое, ки таваассути онҳо

ба баландӣ мебароед хавфнок бошанд ҳам, вале чораҳои эҳтиётӣ хуб андешида шудаанду монеаву саддҳои зиёд сохта шудаанд. Ҳамагуна навъи мошин ба воситаи роҳи суфтаи асфалти ҳамвор озодона хазидаву мефарояд. Хонаи Сутсуминиҳо дуошёна мебошад ва ҳавлӣ дар якҷоягӣ бо ҷои хона ҳамагӣ як сотихро ташкил медиҳад. Зану шавҳар ҳарду соҳиби мошини алоҳида мебошанд ва мошини онасан нисбатан бошаҳоматтару зеботар мебошад. Гирди ҳавлӣ монанди мо девору ҳандақ надорад ва ҳамин қадар имкон ҳаст, ки соҳибони ин хонадон мошинҳои худро паҳлӯ ба паҳлӯ назди хонаи худ гузоранд. Ду-се қадам онтарафтар бошад роҳи умумии мошингард аст, ки ҳар лаҳза автомобилҳои сабукрав бештар дар равуоянд. Ин гуна ҳавливу хонаҳо қатор ҷойгир мебошанд ва аз пиёдагардоне, ки ба назди ҳавлию мошинҳо мегузаранд, ба таври шабонарӯзӣ касе хавф надорад. Ин гувоҳи он аст, ки сатҳи ҷиноятқориву дуздӣ дар шаҳр хеле паст аст.

Аз тангии ҷой дар даромадгоҳи ҳавлӣ танҳо як ниҳолаки сабзи зебо ба назар мерасад. Онасан – Нагако ба ҳавлӣ даромада, нахуст ба сагчаи аз гил сохташуда, ки ба лӯхтакчаи «Ванка-встанка» монанд буду дар назди дар чун посбони ба ҳамла омодашуда менишаст, салом дода сарашро сила намуд. Инро низ дарк намудан мумкин буд, ки дар оила имкони нигоҳ доштани саги зинда вуҷуд надорад. Дар хона моро пиразани солхӯрдае пешвоз

гирифт, ки бардам менамуд ва ба истиқболи Ҳазукӣ баромада ӯро пешвоз гирифту бӯсид. Маълум шуд, ки Ҳазукӣ дар кадом шаҳри дигар таҳсил менамудаасту дар ду ҳафта як маротиба ба аёдати волидайну бибияш меомадааст. Он қадар тафовути бузурге миёни ҷараёни зиндагии мову япониҳо дида намешавад. Инҷо низ бибиву ҳаёти донишҷӯӣ ҳаст, тавре ки дар мо низ донишҷӯёни навоҳии гирду атрофи пойтахт охири ҳар ҳафта барои давом додани анъанаи «дада салом, пул тамом» ба сӯи хонаҳояшон назди волидайну бибиву бобоҳояшон мешитобанд. Дар хонаи япониҳо низ ҷиҳози гуногун аст, вале хеле каму босифату озода мебошанд. Дар ошхонаи онҳо низ дегу табақу коса ҳаст ва онҳо низ картошкаву пиёзу дигар маҳсулотро харида меоранд, вале хеле каму ба талаботи санитарӣ ҷавобогӯянд. Нон дар болои дастурхонашон қариб, ки нест ва ба ҷои он биринҷу ду-се навъ моҳии бирёну обҷӯшонро мебинед. Сутсуми Нагако хонаи хурдакакеро, ки шояд бибӣ алакай онро омодаву руфтаву тоза намудааст ба ман нишон дода фаҳмонид, ки ҷои хобу буду боши муваққатиам ҳамин мебошад. Дар хона танҳо мондаму аз як чиз афсӯс мехӯрам, ки чаро забони англисиро нағз намедонам. Бо азобе мақсадро фаҳмонидан мумкин аст, аммо имкони сӯҳбати озодона кардан вуҷуд надорад. Ҳозир шаб нашудааст ва ба берун баромада аз Ҳазукӣ хоҳиш кардам, ки ба кӯча бароем. Чун бегоҳирӯзӣ шуда

истодааст, дидан мумкин аст, ки мардуми шаҳри Хиросима аз кор бармегарданд ва чун пагоҳ якшанбе аст, онҳо қадре хариди худро зиёдтар намудаанд. Зеро барои рафъи хастагии якҳафтаинаи худ онҳо рӯзҳои истироҳатиро хеле хуб гузаронидан мехоҳанд. Мардуми Япония ба кор хеле сахт дилбастагӣ доранд ва барои онҳо муқаддамтар аз ҳама ин кору ҷои кор мебошад. Ҳатто барои онҳо оила дар ҷои дуввум қарор мегирад ва то он замоне, ки ҷавони японӣ ҷои кори худро тахт нанамояду ба қавле «карера»-и худро насозад, оиладор намешавад. Доштани ҷои кор дар Япония барои ҳар як шаҳрвандаш хушбахтӣ мебошад ва баръакс надоштани ҷои кор фоҷиа дониста мешавад. Ин сабаб аст, ки ҳар сол сӣ ҳазор ҷавони японӣ бо иллати наёфтани ҷои кор даст ба худкушӣ мезананд. Барои он ки нисбатан ба осонӣ ҷои корро пайдо намоянд, ҷавонони ин кишвар талош менамоянд, ки ба макотиби олии дараҷаи якум дохил шаванду соҳиби ихтисосҳо гарданд. Макотиби олӣ дар ин мамлакат ба се дараҷа тақсим мешавад ва барои ба донишгоҳҳои дараҷаи якум дохил шудан баъзан то панҷ сол омодагӣ мебинанд. Маҳз доштани дипломи дараҷаи якум ба ҷавонон имкон медиҳад, ки зудтару осонтар соҳиби ҷои кор гарданд.

Аз Ҳазукӣ фаҳмидам, ки ӯ дар кадом як донишгоҳи техникии Мадзиямӣ таҳсил мекардааст ва он аз рӯи дараҷа дуюм будааст. Дар бораи

Тоҷикистон кам-каме маълумот дорад ва аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ёдовар мешавад. Аз харита бегоҳӣ Тоҷикистонро ёфта ба ман бо ифтихор нишон дод. Номи шаҳри Душанбе ва кӯҳистони Помирро гирифт. Аз Интернет баъзе маълумотҳои дигарро низ дар бораи Тоҷикистон гирифта будааст, ки аз нақли ӯ фаҳмидам. Дар аввалин хамгашти аз хонаи Сутсумиҳо на он қадар дур ҳамроҳи Ҳазукӣ аз баландӣ ба манзараҳои шаҳри Хиросима менигарем, ки хеле диққатрабоянд. То инҷо омада расидан даҳ-дувоздаҳ хамгашту гардишро мегузаред ва эҳсос мекунед, ки дар ҳақиқат дар баландии ағбае қарор доред. Дар баланди кӯҳе хона доштан низ кайфияти махсус дорад. Шаҳри обӣ будани Хиросимаро низ аз инҷо барои худ исбот менамоед. Ҷазираҳои хурд-хурде ба чашм мерасанд, ки дар байни дарёҳову обҳои гуногун қарор доранд. Пулҳое, ки барои алоқаи байни ҷазираҳо сохта шудаанд, шаклҳои гуногунро соҳибанд. Аксари онҳо ҳавоӣ мебошанд. Яъне на дар болои пояҳои устувор қарор доранд, балки аз соҳил ба соҳил дар занҷирҳои бузург овезон мебошанд. Киштиҳои зиёде ба назар мерасанд, ки ҳар кадом вобаста ба таъиноти худ ба ҳар ҷониб шино менамоянд. Мо ҳамдигарро акс бардоштем ва чун торикӣ доман паҳн менамуду шаби Хиросима фаро мерасид, бо каме забони англисиро донистани худ сӯҳбаткунон ба хона баргаштем. Воқеан дар маҷбурият

мустақилона ҳарф задан бо забони англисӣ шахсро водор менамудааст, ки баъзе чизҳоро ёд гирад.

Бегоҳ аҳли оилаи Сутсумиҳо дастурхон оростанд ва иззати меҳмони худро ба ҷо оварданд. Анъанаи мост, ки бештар барои меҳмони худ оши палови серравғанро тайёр менамоем. Болои мизи дастурхонгустурдашудаи ин оила низ пур аз хӯрокҳои гуногун аст. Дар косаҳои хурди пиёламонанд, сабзавоти баҳрии ҷӯшонидашуда аст, ки монанд ба сиёҳалафи баҳории худамон ва тамъашон тамоман дигар мебошад. Бо моҳиҳои гуногун ва гушти хоми кит низ дастурхонро оро дода буданд. Аъзоёни оила кӯшиш мекунанд, ки ҳама чиз хотирмон бошад. Ба ман либоси японии самурайҳоро пӯшониданд ва акс гирифтанд. Аз Тоҷикистон ҳамроҳи худ барои аъзоёни оилае, ки бояд ҳамроҳи онҳо чанд рӯз зиндагӣ намоем баъзе тӯҳфаҳо гирифта будем, ки ифодакунандаи расму фарҳанги миллии тоҷикон буданд. Ба окасан як ҷома ва тоқии гирдаи гулдӯзии кӯлобӣ, ба онасан тоқии сермӯҳраи наварӯсони тоҷик ва ба Ҳазукӣ бозичаҳои аз чӯб сохташудаи устоҳои гулкори тоҷикро ҳадя кардам. Аҷиб, ки окасан чун ҷомаву тоқии тоҷикиро пӯшид, ба тамоми нозукиҳояш набошад ҳам, дастонашро ин тарафу он тараф ҷавлон додаву ҷунбонида, рақси тоҷикӣ кард. Аз афташ дар маркази ЯМСИ рақси Анварро хуб тамошо карда будааст. Як муддат ба ин минвол нишастему сӯҳбатҳои «чинда-чинда» намудем.

Соли гузашта низ онҳо тавассути ин барнома як ҷавони қазоқро ду рӯз ба оилаи худ қабул карда будаанд ва аксҳои якҷоя гирифтаашонро нишон доданд. Акнун вақти хоб ҳам фаро расид ва онасан роҳ ва дари ҳамомро ба ман нишон доду худ аз паи корҳои хона овора гашт. Гуфтаҳо ва дастурҳои координаторамон аз гӯшаи хаёл дур намеравад ва гумон мекунам, ки бароям гӯё имтиҳоне дар пеш бошад. Дохили ванна дар ҳақиқат пур аз оби гарм карда шудааст. Ба он қадре нигоҳ кардам. Тозаву шафоф аст ва бояд ман дар он оббозӣ кунаму ғалтаки онро накушоям, ки обаш равад. Хеле фикр кардам ва ба хулосае омадам, ки ба ин об даст намерасонам ва дар беруни он дасту рӯй шуста, чун гунаҳкори бегуноҳ ба хонаи хоби худ рафтам. Онасан дар рӯи фарш ҷойгоҳи хоби маро густурда буд, ки аз урфи тоҷикона ҳеҷ фарқе надошт.

Субҳи якшанбеи худро бо аҳли оилаи Сутсумиҳо пешвоз гирифтам. Офтоб пурра доман паҳн накарда бошад ҳам, вале ахли оила бедор аст. Окасан дар хонаи алоҳида рӯзнома мехонду Ҳазукӣ аз телевизион шоубарномаеро тамошо мекард. Баъди анҷоми субҳонаи якҷоя бо мошини онасан ба қуллаи кӯҳ баромадем. Хеле нағз мошин меронад ва ҳангоме, ки дар нишастгоҳи паҳлӯи ӯ нишастаму то тасмаи бехатариро пурра ба кор набурдам, муҳаррики мошинашро ба кор надароварда. Маълум гашт, ки хонаи онҳо дар миёнаҳои кӯҳ воқеъ гардида будааст ва то ба болотарин қулла анча роҳ

мебошад. Аз баландие, ки онҷо қарор дорем, манзараҳои Хиросимаро боз ҳам дилкаштар дидан мумкин аст. Онасан маро махсус ба инҷо оварда буд, то ин ки аз чор ҷониб ин шаҳр дида шавад. Онасан забони англисиро чандон хуб баллад нест ва бештар бо ишораҳо бисёр чизҳоро фаҳмонидан мехоҳад. Дарахти бузурги аз решаҳояш кандашудаи якпаҳлӯ хобидашударо дида, аз ӯ пурсидам, ки чаро ба ин аҳвол гирифтор шудааст?

–«Тайфун-тайфун». - Гуфт онасан.

Ин дарахт хеле бузургу калонсол аст ва ба зоҳир андаке ба чинорҳои чансадсолаи кӯҳистони худамон монанд мебошад, ки бо сабаби даруни хок боқӣ мондани қисмате аз решаҳояш хушк нашудааст. Кас ба ҳайрат меояду хулоса менамояд, ки дар ҳақиқат қудрату нерӯи тӯфонҳои баҳрӣ бузург мебошад, ки чунин солордарахтро якпаҳлӯ хобонидааст.

Ба хона баргаштему ин дафъа савори мошини окасан якҷоя ба куҷое бояд тамошо равем. Дар назди ҳавлии хурдакакашон чанд акси якҷоя гирифтем. Бибӣ аз афташ хонабон буд, ки моро гусел намуду дар хона боқӣ монд. Тақрибан 100 километр аз Хиросима дур рафтем ва дар соҳили уқёнуси Ором қарор гирифтем, ки минтақаи махсуси туристӣ ба ҳисоб меравад. Дар роҳ аз осорхонае дидан кардем, ки таърихи фарҳангии муштараки Хитой, Корея ва Японияро бозгӯ менамояд. Дар инҷо бештар садҳо намуди соатҳои

бо санъати гуногун сохташуда ба назар мерасанд. Шумораи саёҳон низ бисёр мебошанд. Майдонҳои варзишии футбол, волейбол, теннис ва дигар воситаҳои тафреҳӣ дар соҳили уқёнус хеле зиёданд. То қарибиҳои бегоҳ аъзоёни оила кӯшиш карданд, ки сайру тамошо дар дараҷаи баланд қарор гираду хотирмон бошад. Дар роҳи бозгашт аз саёҳат ба бандаргоҳи Кюре омадем. Хеле бандаргоҳи бузург аст ва олами киштиҳои гуногунро дар инҷо дидан мумкин аст. Иқтисоди кишвари Япония пеш аз ҳама тавассути роҳҳои баҳриву уқёнус таъмину устувор мебошад. Дар ҷои дигар таваққуф намуда, Ҳазукиро гусел намудем. Ӯ савори киштӣ бояд ба Мадзиямӣ равад. Зеро пагоҳ оғози ҳафтаи нав аст ва бояд саривақт дар таҳсилгоҳи худ ҳозир бошад.

Зиндагии зиёда аз якрӯзаи мо дар оилаҳои японӣ анҷом ёфт ва қарибиҳо шом ҳамаи мо дар маркази ЯМСИ ҷамъ омадем. Бегоҳӣ маҳфили «Шаби дӯстӣ» бо иштироки ҳамаи оилаҳо баргузор гашт. Намояндагони ҳар як ҷумҳурӣ баромади худро намуданд. Мо Суруди Миллиро хондем ва Анвар чанд сароидаҳои халқии овозхонони машҳури тоҷикро бо ҳунари баланд иҷро кард. Акнун Анварро чун сароянда мешиносанд. Аксарият кафкӯбӣ карданду боз ҳамон як ҷавони японӣ ба Анвар тақлид намуда хеле хандаовару ҷолиб раққосӣ намуд. Дар охир аз миёни волидон як нафар баромад намуда чунин суханони шоиронаи шарқиро баён кард:

« Шумо омадед, сакура гул карда буд. Акнун, ки меравед, гулҳои сакура ҳам аз шохаҳо рехтаанду ҳамроҳи шумо мераванд…»

ВАТАН АЗИЗ АСТ

Аз Хиросима ба Токио омадем ва чанд рӯзе, ки ҳамроҳони дигаронамонро надида будем, онҳоро хеле пазмон ҳам шуда будем. Мӯҳлати сафарамон низ ба поён мерасад ва имрӯз омодагии ба ватан баргаштанро дида истодаем. Охирин маротиба дар оби гарму фаровони Токио дасту рӯ шуста, майда чуйдаҳои худро ҷо ба ҷо намудам. Бештари онҳо китобу рӯзномаву маҷаллаву аксҳои гуногун мебошанд, ки тӯли қариб як моҳ онҳоро ҷамъоварӣ намудаам. Чизи бароям нисбатан қимат «нотбук» ва як дастгоҳи аккосии истеҳсоли японӣ мебошад, ки инро намехоҳам даруни ҷомадон ҷойгир созам. Соати якуним дар назди бинои ЛІСА намояндагони чор ҷумҳурии Осиёи Марказӣ ҷамъ омадем. Охирин маротибае, ки дар автобусҳои замонавии японӣ бе ҳузури Сергей ва Юка мешинем. Бо онҳо сахт одат карда будем ва Сергей қариб, ки бо оҳанги тоҷикӣ номи ҳар кадоми моро ба забон мегирифт. Дар берун Сергей бо мо ҷавонбачаҳои тоҷик, чун расми бародарон - тоҷикона оғуш кушода, хеле муассир моро хайр мегуфту гусел мекард. Аз дохили автобус ба Юка менигаристем, ки ашки чашмонашро тоза мекард. Дигар

намояндагони ЛСА низ барои гусели мо дар берун буданд.

-Сергей! Акнун кӣ ба мо дар инҷо мегӯяд, ки дастафшонӣ кунед?- Сари худро аз тирезаи автобус берун бароварда, бо забони русӣ пурсид Шӯҳрат аз Сергей, ки аз берун ба мо менигарист. Сергей танҳо табассуме карду чизе нагуфт. Ба ҳар идораву ташкилоту созмоне, ки ташриф меовардем, вақти аз онҷо берун гаштану ҳаракат намудани автобусамон Сергей таъкид мекард, ки ба сӯи нафарони моро гуселкунанда, чун рамзи дӯстиву рафоқат дастафшонӣ намоем. Автобусҳои мо ба ҳаракат даромаданд ва бо дастафшониҳои мову дастафшониҳои Юкаву Сергей аз назди бинои ЛСА дур гаштем. Аксарияти духтарони гурӯҳамон ашк рехтанд ва то қарибии фурудгоҳ ашки чашмонашонро поккунон омаданд. То вақти парвоз каме вақт будааст ва мо дар толори интизории мусофирон дар ошёнаи дуюм қарор гирифтем. Фурудгоҳи байналхалқии Нарита хеле бузург аст ва чунин менамояд, ки қариб ҳар дақиқа ҳавопаймое ба замин фуруд меояд. Толоре, ки дар он мунтазирем, аз деворҳои пурраи шишагин иборат аст ва майдони фурудгоҳро хеле хуб мушоҳида менамоем. Рӯзи аввали ба Япония омаданамон низ аз ҳамин фурудгоҳ берун шуда будем ва азбаски шаб буд, бузургии ин фурудгоҳ чандон ба назар маълум набуд. Як худи толори ошёнаи дуюм, ки дар он қарор гирифтаем, чун хати рост садҳо метр

дарозӣ дорад. Бештар ҳавопаймоҳои бузурги «Айробус» ва «Боинг»-ҳоро дидан мумкин аст, ки қатор истода мунтазири парвозу мусофирон мебошанд. Вашингтон, Канберра, Пекин, Ханой, Веллингтон ва дигар номи шаҳрҳои бузурги ҷаҳонро, ки бо забони англисӣ дар паҳлӯи ҳавопаймоҳо навишта шудаанд, хондан мумкин аст. Дар фуругоҳи Нарита таҳқиқи чандон зиёди мусофирон ба чашм намерасад. Хизматрасонӣ ва аз назаргузаронии ҷиҳози сафарии мусофирон бо усулҳои навин гумон мекунам, ки ба ин чиз бештар мусоидат менамояд.

Ҳавопаймои мо ба осмони Токио боли парвоз мекушояд. Кӣ медонад, ки оё моро бори дигар ба инҷо омадан насиб ҳаст ё нест ва дар охирин дақиқаҳо аз баландиҳо ба ин шаҳри бузург менигарему ба он хайрбод мегӯем. Оҳиста-оҳиста аз фазои Япония берун гаштем ва дар болои уқёнуси Ором парвоз дорем. Парвози мо бояд шаш соат давом кунад. Ҳавопаймо бо шароитҳои хуб муҷаҳҳаз мебошад. Дар назди ҳар як мусофир монитори телевизиор қарор дорад ва чандин шабакаҳои радиову телевизионро имкони гӯш кардану тамошо кардан ҳаст. Харитаи компютерии ҳавопаймо ба мо ҳар лаҳза нишон медиҳад, ки дар фазои кадом кишвару минтақаву баҳрҳо парвоз дорем. Ҳавопаймо аз фазои кишварҳои Филиппину Ветнаму Лаос гузар менамояд. Хатсайри мо ба сӯи шаҳри Бангкок аст ва баъди таваққуфи якрӯза аз

онҷо ба шаҳри Тошкент хати парвоз дорем. Шабҳангом дар Бангкок ҳозир шудем ва аз рӯи нақшаи барнома, бояд пагоҳ аз инҷо ба Тошкент парвоз намоем. Моҳи апрел аст, аммо ба гармии ҳавои кишвари Таиланд қоил шудан даркор аст. Дар берун тоқат кардан ниҳоят душвор мебошад ва ҳавои сӯхтаву гарму бӯйнокро зуд эҳсос менамоед. Агар дар баҳори салқин дар ин кишвар чунин гармӣ ҳукмрон аст, пас шояд тобистони ин кишвар ниҳоят тоқатфарсо будагист. Дар меҳмонхонаи наздикии фурудгоҳ соҳиби манзили якрӯзаи худ гаштем ва мо дар кишвари Таиланд барои худ раводид (виза) надорем, ки ба сайругашт ба шаҳр бароем. Ба ҳар ҳол баъзе «муштоқони саёҳат» фурсати муносиб аз даст наравад гуфта, хумори худро шикастанӣ шуда ба шаҳр баромаданд.

Кишвари Таиланд ҳамчун кишвари саёҳӣ дар мавриди қабули ҳамарӯзаи саёҳон дар ҷаҳон дар яке аз ҷойҳои аввал қарор дорад. Фурудоҳи Бангкок низ мӯҳташаму бузург аст. Толорҳои васеъ ва барҳаво дар хизмати даҳҳо ҳазор мусофирон қарор доранд. Демократӣ будани ин ҷомеаро ҳанӯз дар фурудгоҳ дарк намудан мумкин аст. Либоспӯшиҳои нимбараҳнаи занону мардон гоҳ диққатҷалбкунанда мебошанду гоҳ аз ҳад зиёд безеб, ки ин шояд ба иллати гармии аз ҳад зиёд бошад. Дар толорҳои фурудгоҳ мебинед, ки ба шикам хоб рафтаву почаҳояшро ҷунбонидаву ба замин зада, нафаре бо нотбуки худ ба коре машғул асту дар ҷои дигар

мебинед, ки ду нафар изҳори муҳаббат намудаву беибо бӯсобӯсӣ доранд. Дар ҳақиқат дар толорҳои дарозиашон баъзан қариб як километр, ҳама кор шуданашу ба чашм расиданаш мумкин аст. Намояндаи ҳамаи қавму миллатҳо ба назар мерасанд ва аз зоҳирашон маълум намудан мумкин аст, ки бештари онҳо мардумони минтақаҳои сарди Ғарб мебошанд. Чун дар ин кишвар як фасли сол – зимистон вуҷуд надорад, хоҳу нохоҳ табаи бештари аврупоиву ғарбӣ ба он таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

Ба ҳар ҳол аз ҳавои гарми кишвари Таиланд низ нафас кашидем ва пагоҳӣ ба ҳавопаймои дигар нишаста, ба сӯи Тошкент парвоз кардем. Бо шарофати он ки бародарони ӯзбекро хешу таборашон ба истиқболашон омада буданд, моро низ дар фурудгоҳ хуб пешвоз гирифтанд. Ҳар гуна гумонҳоямон хато баромад ва бо журналистони ӯзбекистонӣ низ хайрбоди худро гуфта, ба сарҳади Ӯзбекистону Тоҷикистон аз қисмати вилояти Суғд омадем. Ин ҷо низ таҳқиқу тафтиш дар қиёс бо оғози сафарамон тавассути ҳамин гузаргоҳ чандон ҷиддӣ набуд. Дар шаҳри Хуҷанд низ як бегоҳ истоданамон лозим омад ва дар меҳмонхонаи назди фурудгоҳ ҷой гирифтем. Афсӯс, ки меҳмонхона об надоштааст ва аз мо чун мусофирони хориҷӣ, хизматонаи андак баландтарро ҳам ситониданд. Аммо ҳамаи мо хурсандем, чунки роҳи дуру дарозеро бо саломат паси сар намудему бо таассуроти аҷиб аз ҳавои хуши ватану диёр нафас

мегирем. Ватан азиз, муқаддас ва оромии дилу хотир аст…

МУНДАРИҶА

Аз канор ва ба ҷои оғоз…….. 3
Баҳори дил…… 10
Саҳифаҳои Тошкенту саломи Зилола……. 15
Аз Тошкент ба Нарита…… 21
Забондонӣ ҷаҳондонист…….. 26
Сергей ва тарғиб……. 30
Сайругашт ҳамроҳи Маккӣ…… 35
Равзанае ба олами ВАО-и Япония…… 40
Аз нашриёт ба телевизион…….. 44 Қасри Император.…….50
Нашрияи «Йомурӣ»……..54
Телевизиони «Тиба» ва Донишгоҳи телевизонӣ…. 56
Дар маркази «ПАНАСОНИК»-и машҳур…… 64

«Сакура-сакура»-и онҳову «Сабзак лаби ҷӯ…»-и мо. 67
Баҳсҳои журналистӣ ва ҳадафҳо…… 72
«Шаҳри обӣ» ……. 82
Рӯҳи Хиросима ба тамоми дунё……. 87
Хиросимаи як замоне сӯзону тафсон…….. 89
Бозгӯи даҳшатҳо……. 92
Турначаҳо духтаракро наҷот медиҳанд…… 94
Япония мухолифи силоҳи ядроист…….. 96
«Мактаби кӯҳӣ» ва «муаллим мешавам…»……. 99
Маросими «Икебан» ва чойнӯшӣ……. 103
Дар оила…….. 107
Ватан азиз аст…… 115